*Ҷосир Авда*

# МАҚОСИДИ ШАРИАТ РОҲНАМОИ НАВОМӮЗОН



СИЛСИЛАИ 14-МИ НАШРИЁТИ ҒАЙРИДАВРӢ

# МАҚОСИДИ ШАРИАТ РОҲНАМОИ НАВОМӮЗОН

Муассисаи байналмилалии андешаи исломӣ

Ҷосир Авда

Муассисаи байналмилалии андешаи исломӣ (IIIT)

*Бишкек 2023*

УДК 297
ББК 86.38-5
А 18

**Мақосиди шариат Роҳнамои навомӯзон (Tajik)**
*Ҷосир Авда*
*Силсилаи 14-ми нашриёти ғайридаврӣ*

© Муассисаи байналмилалии андешаи исломӣ (IIIT)
1444 AH / 2023 CE
ISBN 978-9967-08-993-8 *paperback*

**Maqasid Al-Shariah: A Beginner's Guide (Tajik)**
*Jasser Auda*
*Occasional Paper Series 14*

© The International Institute of Islamic Thought (IIIT)
1429 AH / 2008 CE
ISBN 978-1-56564-440-3 *paperback*
IIIT
P. O. Box 669
Herndon, VA 20172, USA
www.iiit.org

Тарҷумон: Мирзоев Насим Шарафович
Муҳаррир: Мирзоев Ҷовид Шарафович
Муҳаррири фаннӣ: Байчабаева Элмира Наринбековна
Саҳифабанд: Кекенова Нарбегим Бейшембековна

Ин китоб аз ҷониби Идораи дини мусулмонони Қирғизистон тасдиқ шудааст.

Китоб аз ҷониби Муассисаи байналмилалии андешаи исломӣ нашр шудааст

Бознашри ин китоб ё бахши он бе иҷозати хаттии Муассиса мамнӯъ аст. Фикру андешаҳое, ки дар ин китоб баён шудаанд, аз они муаллифанд ва метавонанд нуқтаи назари ношир, тарҷумон ва муҳарриронро инъикос накунанд.

Ҳамаи ҳуқуқ маҳфуз аст
ISBN 978-9967-08-993-8 УДК 297
ББК 86.38-5

# ФЕҲРИСТ

*Дебоча* *vi*
*Пешгуфтори муаллиф перомуни ин китоб ва тарҷумаи он* *ix*

**I. ФАСЛИ ЯКУМ:**
МАҚСАДҲО ЧИСТ? 1

- *Дараҷоти “Чаро?”* *1*
- *Мафҳумҳои мақосид ва масолеҳ* *4*
- *Ҷанбаҳои мақосид* *5*
- *Мақосиди шариат дар иҷтиҳоди саҳобагон* *13*
- *Назарияҳои ибтидоии мақосиди шариат* *18*

**II. ФАСЛИ ДУЮМ:**
ИМОМОНИ ИЛМИ МАҚОСИД ДАР АСРҲОИ V-VIII ҲИҶРӢ 22

- *Имом Ҷувайнӣ ва “талаботи умумӣ”* *22*
- *Имом Ғазолӣ ва “танзими заруриёт”* *23*
- *Иззуддин ибни Абдуссалом ва “ҳикмати аҳком”* *24*
- *Имом Қарофӣ ва “анвоъи афъоли Расулуллоҳ (с)”* *25*
- *Имом Ибни Қайим ва “ҳақиқати шариат”* *26*
- *Имом Шотибӣ ва “донистани мақосид асле аз усули шариат”* *27*

**III. ФАСЛИ СЕЮМ:**
НАҚШИ МАҚОСИД ДАР ТАҶДИДИ ИСЛОМИ МУОСИР 29

- *Мақосиди шариат ҳамчун барномаи инкишоф ва ҳуқуқи инсон* *30*
- *Мақосиди шариат ҳамчун асосе барои иҷтиҳоди нав* *35*
- *Фарқ байни василаҳо ва ҳадафҳо* *43*
- *Мақсадҳои шариат ва тафсири мавзӯии Қуръони карим* *47*
- *Фаҳми мақсадҳои набавӣ* *48*
- *Фатҳи зароеъ (иҷозаи сабабҳо) дар муқобили садди зароеъ (манъи сабабҳо)* *54*
- *Амалӣ гаштани мақсади “ҷаҳонӣ будан”* *58*

- *Назария мақосид ҳамчун соҳаи муштарак байни мазҳабҳои гуногун* 60
- *Назарияи мақосид ҳамчун асосе барои гуфтугӯ байни динҳо* 62
- *Амалӣ гаштани мақосиди шариат: саволу ҷавоб дар бораи ахлоқ* 64

**ХУЛОСА** **73**

# ДЕБОЧА

Муассисаи байналмилалии андешаи исломӣ ҷои ифтихор медонад, ки ин китоби роҳнаморо, ки ҳамчун таърифе дар мавзӯи "*Мақсадҳои шариат*", ки ҳамоно ҳадафҳои бузурги шариати исломӣ мебошанд, тарҷума ва нашр намояд. Ин китоб навиштаи доктор Ҷосир Авда, донишманде бо тахассусҳои мутааддид ва махсусан мутахассиси мавзӯи "*Мақсадҳои шариат*" мебошад.

Ба сабаби кам ва маҳдуд будани таълифот бо забони англисӣ дар мавзӯи "*Мақсадҳои шариат*" Муассисаи байналмилалии андешаи исломӣ тасмим гирифт, то ин холигоҳро пур созад. Ба ҳамин хотир талош ва имконоти лозимро дар тарҷума ва нашри як теъдод китобҳо равона сохт, то барои хонандаи забони англисӣ маводеро дар ин мавзӯи печида фароҳам орад. Ин Муассиса то акнун китоби *"Мақсадҳои шариати исломӣ"*-и шайх Муҳаммад Тоҳир ибни Ошур, *"Назаряи мақсадҳо назди Имом Шотибӣ"-и* доктор Аҳмад Райсунӣ ва китоби *"Ба сӯи фаъол намудани Мақсадҳои шариат"-и* доктор Ҷамолиддин Атияро тарҷума ва нашр кадааст. Ҳамчунин ин Муассиса китоби *"Мақсадҳои шариат: фалсафаи қонунгузории шариати исломӣ. Дидгоҳи манзумия"-и* доктор Ҷосир Авдаро нашр намудааст (ин китоб дар ҳоли тарҷума ба забони арабӣ аст).

Чун ин мавзӯъ печида ва мушкилфаҳм аст ва бештари китобҳое, ки перомуни ин мавзӯъ таълиф шудаанд, асосан мухотабонашон мутахассисон, донишмандон ва касоне мебошанд, ки дар сатҳи олии дониш қарор доранд, ба ҳамин хотир дафтари Муассисаи байналмилалии андешаи исломӣ дар Лондон дар паҳлуи ин китобҳои тахассусӣ, китобҳои осонфаҳм ва роҳнамоеро дар ин мавзӯъ тарҷума ва нашр намуд, то бахше аз китобҳои мавсимӣ буда, маводи осон ва дастраси хонандаи оддӣ бошанд. Дар паҳлуи ин китоб китобҳои дигаре монанди китоби *"Роҳнамои осони мақсадҳои шариат"-и* доктор Муҳаммад Ҳошим Камолӣ ва китоби *"Дидгоҳи исломӣ оиди рушд дар пар-*

*тави мақсадҳои шариати исломӣ”-и* доктор Муҳаммад Умар Чапраро ба забони арабӣ тарҷума шуданд ва, иншоаллоҳ, ба наздикӣ чоп хоҳанд шуд.

АНАС ШАЙХ АЛӢ,

Мушовири илмии шуъбаи Лондони

Муассисаи байналмилалии андешаи исломӣ,

Лондон, июни соли 2010 м. / раҷаби 1431 ҳ.

# ПЕШГУФТОРИ МУАЛЛИФ ПЕРОМУНИ ИН КИТОБ ВА ТАРҶУМАИ ОН

Муассисаи байналмилалии андешаи исломӣ аз рӯзҳои аввали таъсисаш дар солҳои ҳаштодуми асри гузашта ба мавзӯи "*Мақсадҳои шариат*" аҳамияти ҷиддӣ доштааст. Ин масъала аз китобҳои мухталифи нашршуда ва талошҳои хастанопазири ин марказ ҳувайдо ва ошкор мебошад ва ин Муассиса пажӯҳиш дар ин мавзӯъро дар саросари ҷаҳони Ислом аз нав зинда ва бедор сохт. Дар панҷ соли охир ин Муассиса бо нишоти бештаре дар нашри илми "*Мақсадҳои шариат*" бо забони англисӣ даст ба кор шуд ва ба ҳамин хотир семинарҳо, курсҳо ва лексияҳоро дар мамлакатҳои мухталиф ба роҳ андохта, теъдоди зиёди китобҳои муҳимро аз забони арабӣ тарҷума ва ҳамчунин китобҳоеро, ки дар ин мавзӯъ ба забони англисӣ таълиф шуда буданд, ба нашр расонд.

Пештар китобоеро ба забони англисӣ бо номи "*Мақсадҳои шариат*: фалсафаи қонунгузории шариати исломӣ. Дидгоҳи сохторӣ" навишта будам, ки онро ин Муассиса нашр намуд. Аммо ҳаҷми бузург ва равиши тахассусие, ки ин китоб бар асоси он навишта шуда буд, бисёре аз хонандагони англисзабонро аз истифодаи он маҳрум сохт. Ба ҳамин хотир бародари бузургвор доктор Анас Шайх Алӣ, мушовири илмии шуъбаи Лондони ин Муассиса (Аллоҳ эшонро ҷазои хайр диҳад) аз ман хоҳиш кард, то дар ин мавзӯъ китоби хурд ва осоне ба забони англисӣ ҳамчун роҳнамои навомӯзон дар ҳадди китобҳои муқаддимотие, ки дар забони англисӣ дар улуми мухталиф роиҷ аст, таълиф намоям.

Ҳадаф таълифи китобе ва гузоштани он дар ихтиёри хонандаи навомӯзи шариати исломӣ мебошад, то матлабҳои онро дарк карда тавонад ва ба хотири касби маълумоти бештаре ташвиқ шуда, дар ин соҳа баҳсу ҷустуҷӯ намояд. Инчунин шахсоне, ки мусулмон нестанд ва дар ҷустуҷӯи муқаддимоте дар ҳикматҳои қонунгузории шариати исломӣ мебошанд, онро му-

толиа намоянд ва дар он гумкардаи худро ёфта, кунҷковиашон бештар гардад.

Ман аз дидани тарҷумаи ин китоб ба забони зебои худамон (арабӣ) бисёр хушҳол шудам. Ин ҳамон тарҷумаест, ки ҳамакнун дар дасти хонандаи муҳтарам қарор дорад, ки онро доктор Абдуллатифи Хайёт (Аллоҳ ҷазои некаш диҳад) бо маҳорати бисёр хуб тарҷума намуда, маонии онро бо калимоти бисёр осон ва фаҳмои забони арабӣ баргардон кардааст. Дар айни замон, дар баёни матнҳои мухталиф ва сиҳати истилоҳоти шаръӣ, қонунӣ ва фалсафӣ диққати ҷиддӣ дода, аз равиш ва истилоҳоти душворфаҳми тахассусӣ, ки хонанади ибтидоиро хаста мекунанд, дурӣ кардааст. Аммо толибилмони улуми шаръиро, ки аҳамияти ҷиддӣ ба ин мавзӯъ доранд, ба мутолиаи китобам бо номи "Фиқҳи *мақсадҳо*: ҳадафҳои аҳкоми шариат", ки онро ҳамин Муассиса нашр кардааст (чопи сеюм, соли 2008), ва китобҳо ва пажӯҳишҳои илмие, ки дар ин соҳа дигар муаллифон ба забони арабӣ ва забонҳои дигар навиштаанд, роҳнамоӣ мекунам.

Аз Аллоҳи мутаол барои масъулони ин Муассиса талаби аҷру савоби бузург менамоям ва дуо мекунам, ки илми мақсадҳоро дар байни ин уммат зинда гардонда, бо он ба дигарон фоида расонад ва доираи ин илмро васеътар гардонад.

ҶОСИР АВДА

Давҳа, июни соли 2010, раҷаби 1431 ҳ.

# ФАСЛИ ЯКУМ

## МАҚСАДҲО ЧИСТ?

### *Дараҷоти “Чаро?”*

Чӣ басо ҳолатҳое мешаванд, ки кӯдакони хурдсол бо пурсишҳои фалсафии худ моро ғофилгир мекунанд ва инсон наметавонад дарк намояд, ки ин саволҳоро дониста медиҳанд ё надониста? Аммо зебоии суолҳои тифлакон дар онаст, ки бештари вақтҳо ба ҳақиқатҳои пештар вуҷуд дошта ва ё мантиқе, ки аз дигарон онро гирифта бошанд, асос намеёбанд, монанди суханони калонсолон:

“Табиати кор ҳамин аст”. Чӣ басо курсҳои таълимӣ дар мавзӯи “*Мақсадҳои шариат*”-ро бо қиссаи духтараки хурде оғоз мекунам, ки падарашро пурсидааст: “Падар, чаро дар назди чароғаки роҳнамо истодед?” Падар бо шеваи омӯзгор ба тифлакаш мефаҳмонад: “Чунки чароғи сурх равшан шуд ва чароғи сурх рамзи истодан аст”. Лекин духтарак боз аз падараш мепурсад: “Аммо чаро?” Падараш боз бо шеваи омӯзгор ҷавоб медиҳад: “То нозири роҳ аз ман ҷарима наситонад”. Духтарак боз идома медиҳад: “Чаро нозири роҳ аз мардум ҷарима меситонад?” Падар ҷавоб медиҳад: “Чунки гузаштан аз чароғаки сурх хатар эҷод мекунад”. Духтарак суоли навбатиашро медиҳад: “Вале барои чӣ?” Падар андеша мекунад ва мехоҳад барои духтараш ибораи машҳурро бигӯяд: “Табиати кор ҳамин аст”, вале мехоҳад бо духтараки дӯстдрӯякаш сабурона бархӯрд намояд ва ба ҳамин хотир ба вай мегӯяд: “Оё дуруст аст, ки дигаронро озор расонем?” Духтарак ҷавоб медиҳад: “Не”. Падар идома медиҳад: “Одамон ҳам намехоҳанд озор ёбанд. Пайғамбар (с) мефармояд: “Он чиро барои худ мехоҳӣ, барои мардум низ бихоҳ”. Аммо духтарак аз ҷустуҷӯ боз намеистад ва суол мекунад: “Чаро он чиро барои худ мехоҳем, барои мардум низ бояд бихоҳем?” Падар андаке фикр карда, мегӯяд: “Чунки мардум бо ҳам баробаранд ва агар бипурсӣ, ки чаро? Ман мегӯям: Аллоҳи

мутаол одил аст ва адолати Аллоҳ тақозо мекунад, ки мардумро бо ҳам баробар биофарад ва мо ҳам айни ҳамон ҳуқуқро дорем. Аллоҳ ҳамаи оламро бар асоси адл офаридааст".

Саволи "Чаро?" муодили саволи "*Мақсадҳои шариат чист?*" мебошад ва ҳамчунин ҳаммаънои савол дар бораи "Дараҷоти тадқиқот дар бораи «чаро»" аст. Ин иборaҳо, ки из иборaҳои файласуфҳо мебошанд, дар баҳси *"Дараҷоти мақсадҳои шариат"* бо иборaҳои фақеҳони мусулмон низ меоянд. Вақте мо пажӯҳиши худро дар бораи *дараҷоти* саволи "Чаро?" ва мафҳумҳои "*Мақсадҳо*" оғоз мекунем, ин ҳама таваҷҷуҳи моро аз сатҳи умури оддӣ, монанди аломатҳои ошкор, чун истодан ҳангоми равшан шудани чароғаки сурх, ба сатҳи қонуну қоидаҳо, монанди қоидаҳои ҳаракати роҳ; ва аз сатҳи қонуну қонунҳо ба сатҳи манфиатҳои муштарак, мисли ташвиқи инсон ба фикри саломатии дигарон будан ва ташвиқи онҳо ба фикри саломатии ӯ будан; ва дар охир аз сатҳи манфиатҳои муштарак ба сатҳи усулҳо ва мабонии бузург ва ақидаҳои асосӣ, монанди адолат, меҳрубонӣ ва сифоти илоҳӣ, ҷалб мекунад.

Ба ҳамин хотир "*Мақсадҳои шариат*" бахше аз улуми исломӣ мебошанд, ки ба тамоми ин саволҳои душвор бо назардошти тамоми *дараҷоти* он, ки дар калимаи "Чаро?" хулоса мешаванд, посух медиҳад.

Мо ин ҷо бархе аз ин саволҳоро зикр мекунем:

- *Чаро адои закот рукне аз аркони Ислом аст?*
- *Чаро некӣ ба ҳамсоя аз ҷумлаи воҷиботи исломӣ аст?*
- *Чаро саломи мусулмонҳо "ассалому алайкум" аст?*
- *Чаро мусулмон дар як шабонарӯз панҷ вақт намоз мехонад?*
- *Чаро рӯзаи моҳи муборaки рамазон рукне аз аркони Ислом аст?*
- *Чаро мусулмон Аллоҳро ҳамеша зикр мекунад?*
- *Чаро нӯшидани нӯшокиҳои спиртӣ, ҳарчанд кам ҳам бошанд, дар Ислом гуноҳ шуморида мешавад?*

- *Чаро ҳукми қатл барои ҷинояти таҷовуз ба номус ва қатли амдӣ дар дини Ислом иҷро мешавад?*

*Мақсадҳои шариат* ҳикматҳои аҳкоми шариатро равшан мекунанд. Масалан, яке аз ҳикматҳои адои закот некӣ ба ҳамсоя аст ва бо ҳамдигар бо ибораи “ассалому алайкум” салом кардан робитаҳои иҷтимоиро қавитар мекунад.

Ҳикмати дигаре аз аҳкоми шариат расидан ба парҳезкорӣ ва тақвост ва яке аз сабабҳои фарз шудани намоз, закот ва рӯза ҳамин тақво мебошад.

*Мақсадҳои шариат* ҳадафҳои неке мебошанд, ки шариат ба хотири расидан ба онҳо баъзе корҳоро мамнӯъ ва баъзеро ҷоиз мегардонад. Масалан, яке аз *мақсадҳо* ҳимояи ақл ва ҷони мардум аст ва ин ҳикмати қотиъона ва комилан ҳаром гардондани масткунандаҳо ва ҳикмати ҳукми қатл ҳамчун ҷазои (эҳтимолӣ) барои таҷовуз ё роҳзанӣ ба мақсади ҳимояи амволи мардум ва номуси онҳо (чуноне, ки дар ояти 178-и сураи “Бақара” ва ояти 33-и сураи “Моида” омадааст) дар баёни Қуръони карим ҳувайдо мегардад.

*Мақсадҳои шариат* инчунин ҳадафҳои илоҳӣ ва мафҳумҳои ахлоқие мебошанд, ки бар асоси он шариати исломӣ бино ёфтааст. Монанди адолат, шарофияти инсон, озодии ирода, мардонагӣ, покдоманӣ, осонӣ овардан ба мардум ва ҳамбастагии иҷтимоӣ. Пас чунин ҳадафҳо ва мафҳумҳо метавонанд пуле байни шариати исломӣ ва мафҳумҳои роиҷи имрӯза дар бораи ҳуқуқи инсон, инкишоф ва адолати иҷтимоӣ бошанд ва ба саволҳое монанди саволҳои зерин ҷавод диҳанд:

- *Кадом роҳ барои омӯзиши Қуръони карим ва сунати набавӣ ва тафсири он ду дар партави ҳақиқатҳои мавҷуд дар дунёи имрузӣ беҳтар аст?*
- *Мафҳуми исломӣ дар бораи “озодӣ” ва “адолат” чист?*
- *Нуқтаҳои муштарак байни мафҳумҳои муосир дар бораи ҳуқуқи инсон ва шариати исломӣ кадомҳоянд?*

- *Чӣ гуна шариати исломӣ метавонад дар “тараққиёт”, “ахлоқ” ва “адолати иҷтимоӣ” саҳм дошта бошад?*

Бигузор мавзӯи баъдии мо таърифи баъзе истилоҳот ва омӯзиши назарияи *мақсадҳо* ба таври ҷиддитар бошад.

### *Мафҳумҳои мақосид* ва масолеҳ***

Истилоҳи *мақосид* ҷамъи калимаи *мақсад* буда, чуноне маълум аст, ба маънои “ҳадаф”, “матлаб” ва “ғараз” мебошад. Ин калима ҳамрадифи калимаи “end” дар забони англисӣ,[1] “telos” дар забони юнонӣ, “finalite”дар забони фаронсавӣ ва “zweck”[2] дар забони олмонӣ аст. Аммо дар истилоҳи шариати исломӣ *мақосид* ба маънои ҳадафҳо, ғаразҳо, матлабҳо ва *мақсадҳои* аҳкоми исломӣ мебошанд.[3] Баъзе аз фақеҳони Ислом истилоҳи *мақосидро* ҳаммаънои истилоҳи *масолеҳ* медонанд. Абдулмалики Ҷувайнӣ (1028 — 1085), яке аз донишмандони пешқадам, ки дар эҷод ва тараққии назарияи Мақосиди шариат он чуноне, ки имрӯз вуҷуд дорад, саҳм дошт (баъдтар онро шарҳ хоҳем дод), истилоҳҳои *мақосид* ва *масолеҳи оммаро* истилоҳоти ҳаммаъно баён кард.[4] Сипас Абуҳомиди Ғазолӣ (1058 — 1111) бар асоси таҳқиқоти Ҷувайнӣ *мақосидро* тақсимбандӣ намуда, онро дар зери мафҳуми *масолеҳи мурсала* (*номаҳдуд*) ҷой дод.[5] Баъд аз ӯ Фахруддини Розӣ (1149 ё 1150 — 1209) ва Сайфуддини Омидӣ (1156 — 1233) ба Имом Ғазолӣ дар баёни истилоҳоташ пайравӣ намуданд.[6] Баъд аз онҳо Наҷмуддини Туфӣ (1276 — 1316) истилоҳи *масолеҳро* чунин таъриф кард: “*Масолеҳ* василаҳое мебошанд барои расидан ба *мақосиди* қонунгузор (яъне Худованд ва Пайғамбараш).[7] Аммо Қарофӣ (1228 — 1285) қоидае гузошта, фармуд: “Назди шариат танҳо он *мақосиде* эътибор доранд, ки ҳадафҳои онҳо саҳеҳ мебошанд ва масолеҳеро ҷалб ва *мафосидеро*[8] дур ме-

*  Мақосид (ҷамъи “*мақсад*”) — ҳадаф, ният, мурод, матлуб, он чӣ, ки қасд ва ирода мекунанд.

** *Масолеҳ* (ҷамъи “маслиҳат”) — ислоҳи кор, дурустӣ, беҳбудӣ; фоида; кори хайр, кори салоҳ, кори нек.

кунанд”.[9] Яъне ҳар як *мақсад* аз *мақсадҳои* шариати исломӣ, ки чуноне мо онро ба маънои матлаб, ҳадаф ва ғараз шарҳ додем, бо ҳадафи манфиат ба башарият дар шариати исломӣ эҷод шудааст ва ин як асли ақлӣ ва мантиқии дигареро бар назарияи *Мақосиди* шариат илова мекунад.

### *Ҷанбаҳои мақосид*

Бар асоси манзур ва мафҳуме, ки уламо аз ин *мақосиди шариати исломӣ* истинбот кардаанд, онро ба шаклҳои мухталиф тақсимбандӣ намудаанд. Ба таври мисол:

1. *Дараҷоти талабот. (Тақсимбандии классикӣ).*
2. *Аҳкоме, ки барои расидан ба мақосиди шариат гузошта шудаанд.*
3. *Инсонҳое, ки мақосид шомили ҳоли онҳо мешаванд.*
4. *Дараҷоти мақосиди ҳаматарафа.*

Тақсимбандии классикии *мақосид* се дараҷаи талабот дорад: *заруриёт*, *эҳтиёҷот* ва *ороишот*. Сипас *зарурийётро* бар панҷ қисм тақсим мекунад: ҳифзи дин, нафс (ҷон), мол, ақл ва насл.[10] Баъзе фақеҳон ҳифзи номусро бар ин панҷ қисм, ки байни онҳо машҳур аст,[11] илова намудаанд. *Зарурийёти* панҷгона умуре ҳастанд, ки барои зиндагӣ ва марги инсонҳо лозиманд. Мисол, агар ақлҳои инсонҳо дар хатар қарор гиранд, ҳаёти онҳо низ зери хатар қарор мегирад. Ин ҷост, ки сабаби қатъиян ҳаром будани шароб, дигар масткунандаҳо ва маводи мухаддир дар Исломро дарк мекунем. Инчунин ҳаёти инсонҳо дар хатар қарор мегирад, агар чораҳои зарурӣ барои ҳифзи ҷони онҳо аз бемориҳо ва ҳифзи табиат аз ифлос шудан андешида нашаванд. Ин ҷо ҳикмати ин, ки Расулуллоҳ (с) расонидани зарар ба инсони дигар ва ҳатто ба ҳайвонот ва набототро ҳаром гардонид, фаҳмида мешавад.

Инчунин мумкин аст, ки ҳаёти инсон ба сабаби буҳрони иқтисодӣ дар хатар қарор гирад ва ба ҳамин хотир мебинем, ки

дини Ислом эҳтикор, рибо ва тамоми анвоъи фасоди молӣ ва хиёнатро ҳаром гардондааст. Аз он ҷое, ки дини Ислом барои ҳифзи насл мақоми воло ва бузургеро қоил аст, ба ҳамин ҳадафу ҳикмат бисёре аз аҳкоми шариатро барои танзим ва аҳамияти ҷиддӣ додан ба таълим, ҳимояи тифл ва оила вазъ намудааст. Хулоса, ҳифзу ҳимояи дин зарурати асосии башар, махсусан барои зиндагии охираташон мебошад, чунки Ислом зиндагиро сафаре медонад, ки бахше аз он дар ин дунё ва боқии он дар охират мебошад. Ҳамчунин иттифоқи назар бар он аст, ки нигоҳдорӣ ва ҳифзи ин умури асосӣ *мақсад* ва ҳадафи асосии на танҳо шариати Ислом мебошад, балки тамоми шариатҳои осмонӣ [12] низ бо ҳамин аҳдоф нозил шудаанд.

Баъд аз *заруриёт* дар мақоми дуюм *эҳтиёҷот* қарор доранд. Ин умур барои зиндагии инсонҳо дар муқоиса бо *заруриёт* аҳамияти камтаре доранд. Издивоҷ, тиҷорат ва васоили ҳамлу нақл метавонанд намунаи *эҳтиёҷот* бошанд. Ислом ба қонеъ кардани ин *эҳтиёҷот* ташвиқ менамояд ва умури марбут ба онро танзим мекунад. Вале бароварда нашудани он масъалаи зиндагӣ ва марг шуда наметавонад, махсусан дар сатҳи шахсӣ. Ба таври мисол, агар баъзе афроди ҷомеа издивоҷ накунанд ё тиҷоратро тарк кунанд, ҳаёти башарият дар хатар қарор намегирад. Аммо агар яке аз *эҳтиёҷот* дар байни ҷамъи бузурги инсонҳо қонеъ нагардад, он гоҳ аз дараҷаи *эҳтиёҷот* ба дараҷаи *заруриёт* мегузарад. Ба ҳамин хотир қоидаи фиқҳие гузошта шудааст, ки мегӯяд: “Агар *эҳтиёҷот* умумӣ шаванд, дар дараҷаи *заруриёт* қарор мегиранд”. Яъне агар *эҳтиёҷотро* мардумони бисёре тарк намоянд, он гоҳ ҳукми ин *эҳтиёҷот* ба дараҷаи *заруриёт* мегузарад.

Ороишот чизҳое ҳастанд, ки зиндагиро зебо месозанд, монанди атр, либоси ҷаззоб ва хонаи зебо. Дини муборакИ Ислом ба *ороишот* ташвиқ мекунад ва онҳоро нишонаҳое аз фазлу карам ва раҳмати бениҳояти Аллоҳ таоло барои башар медонад, аммо аз мусулмон инро тақозо мекунад, ки дар зиндагӣ онҳоро дар ҷои аввал нагузорад, балки *заруриёт* ва *эҳтиёҷотро* дар авлавият зиндагии худ қарор диҳад.

Байни ҳамаи қисмҳои ин маҷмӯаи *мақосиди шариат* пайванд ва алоқаи зиче вуҷуд дорад, ки онро Имом Шотибӣ (имоми бузурге, ки баъдтар дар бораи ӯ бо тафсил сухан хоҳам кард) баён кардааст.[13] Мисол, издивоҷ ва тиҷорат аз ҷумлаи *эҳтиёҷот* мебошанд ва барои ҳифзи насл ва мол муфиданд ва бо ин ду амри муҳими *заруриёт* иритиботи қавие доранд. Ва чунин мисолҳо фаровон мебошанд. Ба ҳамин хотир, нуқсон дар яке аз ин умур сабаб мешавад, ки ин амр ба дараҷаи болотаре гузарад. Мисол, агар тиҷорат касод шавад, чуноне, ки дар буҳронҳои иқтисодии ҷаҳонӣ сурат мегирад, дар он ҳолат тиҷорат, ки яке аз *эҳтиёҷот* мебошад дар ҷумлаи *заруриёт* дохил мешавад. Ба ҳамин хотир, фақеҳон ба ин назаранд, ки бояд *заруриётро* ҳамчун умури бо ҳам пайваста дар назар гирифт, на рӯйхати тартибӣ ғайри қобили тағйир.[14] Ба таври мисол, ба нақшабандии зерин нигаред:

**Ҷадвали *мақосиди шариати исломӣ* (*заруриёт*)**




*Дараҷоти заруриёт* маро ба ёди аҳроми Маслоу меандозад, ки дар нимаи асри бист кашида буд. Вай дар аҳроми худ манофеъ ва ангезаҳои инсониро (на илоҳиро) ҷой дода, онро “аҳроми ниёзҳо” номид.[15] Ниёзҳои инсонӣ, аз назари Маслоу, гуногунанд, аз ниёзҳои ҷисмонӣ ва амният гирифта то муҳаббат, эҳтиром, худшиносӣ ва худшукуфоӣ. Маслоу соли 1947 панҷ дараҷаи ҳоҷатҳоро пешниҳод кард ва сипас соли 1970 назарияашро тағйир дода, аҳроми ҳафттабақаро танзим кард.[16] Ин

монандиҳо байни дараҷабандии Шотибӣ ва назарияи Масло аз нигоҳи *дараҷоти* ҳадафҳо қобили таваҷҷуҳ аст.

Аҳроми Маслоу бо назарияи *Мақосиди* шариат, аз ин нигоҳ, ки бо гузашти вақт қобили тағйиранд, монандӣ доранд. Назарияи *Мақосиди* шариат бо гузашти асрҳо ва махсусан дар асри бист пешравиҳо кардааст. Назарияпардозони муосир тақсимбандии классикии *заруриётро*, ки дар боло зикр шуд, мавриди интиқод қарор доданд. Сабабҳои интиқоди онҳо зиёд аст, ки бархе аз онҳо нукоти зерин мебошанд:[17]

1. *Мақосиди* шариат дар шаклу тартиби классикиаш куллиёти шариати исломиро дар бар мегиранд ва *мақсадҳои* мавзӯоти хусусии шариати исломиро бисёр кам зикр мекунанд. Пас назарияи *мақосиди* классикӣ, ки мавзӯъҳои асосии онро зикр кардем, ба бисёри саволҳои муфассали мазкур, ки бо “чаро?” оғоз мешаванд, ҷавоб намедиҳанд.

2. Таснифи *мақосид* дар шакли классикиаш афродро дар назар гирифта, оилаҳо, ҷомеа ва ё умуми башариятро зикр накардааст. Гуё шариати исломӣ танҳо ба ҳимояи ҷон, номус ва моли фард аҳамият дода, ҷон, номус, шараф, молу дороии ҷомеаро, ки дар асл ба ҳамаи он дини Ислом таваҷҷуҳи хос дорад, аҳамият надода бошад.

3. Таснифи *мақосид* дар шакли классикиаш, бо вуҷуди баҳс дар бораи *заруриёт*, боз ҳам бузургтарин ва муҳимтарин заруриёти монанди адолат ва озодии фаъолиятро дар бар нагирифтааст.

4. Истидлоли *мақосид* аз мероси фиқҳиест, ки онро фақеҳон асос гузоштаанд, на аз мутуни аслӣ, яъне Қуръон ва Суннат. Пас вақте мавзӯоти *мақосиди* классикиро мутолиа мекунем, мебинем, ки манбаъҳои он доим аҳкоми фиқҳии исломӣ мебошанд, ки мазҳабҳо ба он даст ёфтаанд, ва дар он оёти Қуръонро ҳамчун аслу асос барои истидлол намеёбем.[18]

Уламои муосир барои ислоҳи камбудиҳои зикршуда бо тарҳи баъзе андешаҳо ва тақсимбандиҳо ба *мақосиди шариат* мафҳумҳои наве илова кардаанд. Донишамандони муосир бар асоси *дараҷоти* аҳкоми шариат *мақосидро* ба се дараҷа тақсим намудаанд:

1. *Мақосиди* умумӣ. Инҳо *мақосиде* ҳастанд, ки дар тамоми бобҳои шариат вуҷуд доранд, монанди *зарурийёт* ва *эҳтиёҷот*, ки пештар зикр шуданд, ва ҳамчунин *мақосиде*, ки нав зикр кардем, монанди адолати иҷтимоӣ, ҷаҳонӣ шудан ва осонӣ овардан.
2. *Мақосиди* хусусӣ. Инҳо *мақосиде* ҳастанд, ки дар шохаҳое аз бобҳои муайяни шариат вуҷуд доранд, монанди ҳимояи манофеи фарзандон дар қонунгузории шариати исломии махсуси хонавода, ҷазо додани ҷинояткорон дар аҳкоми махсуси ҷазодиҳӣ ва манъи эҳтикор дар қонунҳои хоси аҳдномаҳои молиявӣ.
3. *Мақосиди* ҷузъӣ. Ин *мақосид* дарбаргирандаи сабабҳо ё ҳадафҳои матн ё ҳукми муайяне мебошанд. Мисол, вақте шариат ба хотири баёни ҳақиқат дар ҳукми муайяне шоҳидонро бо теъдоди муайяне мехоҳад; вақте ба шахси бемор хӯрдани рӯзаро ба хотири осонӣ овардан иҷозат медиҳад ва ба хотири кӯмак ба фақирон тақсим кардани гуштҳои қурбонӣ ва манъи захира кардани онро тавсия медиҳад.

Ба хотири бартараф кардани он нуқсу камбудиҳое, ки дар назарияи классикии фардмеҳвари *мақосид* шариат вуҷуд доранд, донишмандони муосир онро васеътар баён намудаанд, то доираи васеътареро монанди оила, ҷомеа ва башариятро дар бар гирад. Масалан, Ибни Ошурро (баъдтар дар бораи ин олим нақл хоҳад шуд) мебинем, ки баҳси илмие пешниҳод мекунад, ки тамоми умматро дар бар мегирад ва бо ин баёни худ авлавияти *мақосидро* шомилтар аз назарияи классикии фардмеҳвари *мақосиди шариат* медонад. Инчунин Рашид Ризо дар назарияи худ ислоҳот ва ҳуқуқи занро шомили *мақосид* намудааст. Юсуф

Қарзовӣ дар назарияи худ обрӯи инсон ва ҳуқуқи инсонро аз ҷумлаи *мақосид* зикр кардааст.

Ин вусъатпардозиҳо дар боби *мақосиди шариат* дарвозаи ҷавобгӯ будани *мақосид* ба тамоми масоил ва умури муосирро боз кард, то донишманди фақеҳ дар масъалаҳо аз ҳикматҳои аҳком оғоз намуда, равишҳои амалиро дар навоварӣ ва ислоҳ эҷод карда тавонад. Ҳамчунин донишмандон *мақосид* ва низоми арзишҳоеро, ки бар он асос ёфтаанд, меҳвари гуфтугӯҳо дар бораи шаҳрвандӣ, камолпазирӣ ва ҳуқуқи инсон барои ақалиятҳои мусулмон дар ҷомеаҳое, ки аксарияташон ғайримусулмон мебошанд, кардаанд.

Дар охир бояд ёдовар шуд, ки уламои муосир *мақосиди* шариати ҷаҳоншумулро матраҳ намуда, онро аз матнҳои шаръӣ мустақиман бе иктифо ба китобҳои фиқҳие, ки шомили мазҳаби муайяне мебошанд, истинбот намудаанд. Хусусиятҳои ин равиш дар он аст, ки аз мушкилоти тағйири замон, ки бар баъзе фатвоҳои уламои гузашта таъсир расондаанд, дар амон будааст ва истилоҳоти нави усул ва арзишҳои олии исломиро тасвир мекунад. Баъзе намунаҳои зерини *мақосид*еро, ки аз матнҳои исломӣ мустақиман гирифта шудаанд, пешкаш менамоем:

***1. Рашид Ризо (1865 —1935)*** Қуръони каримро ба хотири ёфтани *мақосиди шариат* мавриди мутолиа қарор дода, онҳоро ба шакле ёфт, ки шомили ислоҳи аркони дин, шарҳи он чизе, ки башарият аз умури нубувват ҳоҳил монадаанд, баёни он, ки Ислом дини фитрат, ақл, илм, ҳикмат, далел, озодӣ, истиқлол, ислоҳи иҷтимоии инсони сиёсӣ, вазифаҳои ибодатӣ ва мамнуъиятҳои шахсӣ, алоқаҳои байналмилалӣ дар Ислом, ислоҳоти молӣ ва иқтисодӣ, рафъи вайрониҳои ҷанг, адои ҳуқуқи зан ва озодии ғуломон мебошанд.[19]

***2. Тоҳир ибни Ошур (1879 — 1973)*** назарияи худро бар он асос гузоштааст, ки *мақосиди* ҷаҳонии шариати исломӣ аз ҳифзи низоми уммат, баробарӣ, озодӣ, авфу бахшиш ва риояи фитрат иборат мебошанд.[20] Он чӣ, ки дар ин назария

бояд мулоҳиза шавад, ин аст, ки озодие, ки Ибни Ошур ва дигар уламои муосир пешниҳод кардаанд, аз озод кардани ғулом, ки дар каломи фақеҳони гузашта зикр шудааст, фарқ мекунад.[21] Аммо истилоҳи “машиат”, ки онро гузаштагон истифода мебурданд, бо истилоҳҳои “озодӣ” ва “озодии ирода” аз чанд ҷиҳат монандӣ дорад. Мо озодии эътиқодро дар Қуръони карим мебинем, ки онро Аллоҳ таоло чунин зикр мекунад: “Пас ҳар кӣ хоҳад эмон орад ва ҳар кӣ хоҳад кофир шавад”.[22] Ва истилоҳи “озодӣ” ба ин маъно нав дар истилоҳоти исломӣ дохил шудааст. Аҷибаш ин аст, ки ба гуфтаи худи Ибни Ошур, ӯ сабаби ин, ки чунин озодиро ба *мақосиди шариат* даровардааст, дар “навиштаҳое дар бораи инқилоби Фаронса, ки дар асри нуздаҳ аз фаронсавӣ ба арабӣ тарҷума шуданд” мебинад.[23] Аммо дидгоҳи ислом дар бораи озодии андеша, эътиқод, баён ва амалро васеътар шарҳ дода, онро бахше аз *мақосиди шариат* медонад.[24]

***3. Муҳаммад Ғазолӣ (1917 —1996)*** даъват бар он дошт, ки бояд аз чаҳордаҳ асри гузаштаи таърихи Ислом ибрат гирифт. Аз ин рӯ, адолат ва озодиро ба ҷумлаи заруриёти *мақосии* шариати исломӣ дохил кард.[25] Шояд муҳимтарин саҳми Шайх Ғазолӣ дар илми *мақосид* интиқоди тамоюлоти шаклӣ аст (яъне масъаларо чуноне, ки вуҷуд дорад, бе ягон таваҷҷуҳ ба *мақосиди* он баррасӣ кардан), ки имрӯз бисёре аз донишмандон ба он тамоюл доранд.[26]

Агар ба навиштаҳои Шайх Ғазолӣ бо диққат назар кунем, мебинем, ки андешаҳои ӯ бар асоси *мақосиди шариати исломӣ* бино ёфтаанд, монанди каломаш дар бораи баробарӣ ва адолати иҷтимоӣ, ки Шайх тамоми андешаҳои нави машҳурашро дар бораи масоили вобаста ба зан ва дигар мавзӯъҳо дар асоси он ду асл бунёд гузоштааст.

4. Юсуф Қарзовӣ (1926) дар партави мутолиоти қуръонии худ ба *мақосиди* умумии зерин даст ёфтааст: ислоҳи ақи-

даи улуҳият, рисолат ва қиёмат, таъйини шарофат ва ҳуқуқи инсон, даъват ба ибодати Аллоҳ таоло, пок сохтани нафси башарӣ ва ислоҳи ахлоқ, бунёд гузоштани оилаи солим ва рафтори мунсифона бо зан, ташаккули уммати намунавӣ барои башарият ва даъват ба сохтани дунёи башарии ҳамкор.[27]

Аммо Қарзовӣ таъкид бар он дорад, ки набояд назарияи умумии *мақосиди шариат* қабл аз таҷриба ва илми кофӣ доштан аз Қуръону суннат ба вуҷуд ояд.[28]

5. Тоҳо Алвонӣ (1935) низ барои мушаххас кардани *мақосиди шариат* ба Қуръон рӯй оварда, дар натиҷа аз он *мақосиди* олии ҳокимияти шаръиро, ки онро “*тавҳид*, *тазкияи* нафс ва ободӣ”[29] хондааст, истинбот кардааст. Алвонӣ дар ҳоли ҳозир машғули навиштани осоре дар бораи ин *мақсадҳои* сегона мебошад.[30]











Тамоми *мақосиди* дар боло зикршуда андешаҳои ислоҳие мебошанд, ки фуқаҳои муосир зикр намудаанд, ва ҳеҷ кас наметавонад даъво кунад, ки тамоми ин мафҳумҳо ва тақсимҳое, ки қадимиён ё муосирон баён кардаанд, айни ҳамон аҳдофе мебошанд, ки Аллоҳ таоло ба хотири он ин аҳкомро нозил кардааст. Агар ба табиате, ки Аллоҳ таоло офаридааст, баргардем, ҳаргиз дар он ин доирашаклҳо, тақсимбандиҳо ва росткунҷаҳоро, ки якчанд сатр баъдтар хоҳем овардд, намебинем. Ин ҳама таснифҳо ва тақсимбандиҳо тасаввуроти уламо ва донишмандон дар баёни *мақосид* мебошанд. Бинобар ин, тамоми ин таснифҳо ва тақсимбандиҳое, ки дар нақшаҳои улуми мухталиф бо тамоми шохаҳояшон зоҳир мешаванд, ба хотири шарҳу тавзеҳи ин умур мебошанд, чунки худашон ва дигарон ба он эҳтиёҷ доранд.

Ба ҳамин хотир, муҳимтарин чизе, ки дар бораи ин тақсимбандиҳо метавон гуфт, ин аст, ки онҳо шаклҳои гуногунпаҳлу мебошанд, ба гунае, ки *дараҷоти заруриёт*, доираи аҳком, анвои мукаллафҳо, доираҳои умумӣ ва ғайра ҷанбаҳои саҳеҳе ҳастанд, ки як олими фақеҳ метавонад яке аз онҳоро ҳамчун асос барои бунёди андешаҳои худ қарор дода, дар асоси он таснифҳо ва тақсимбандиҳояшро анҷом диҳад.

Аз андешаҳое, ки дар асри бист пайдо шудаанд ва бархе аз онро мо дар боло зикр кардем, маълум мешавад, ки *мақосиди шариат* ҳамоно намояндагӣ аз тарзи андешаронии олими фақеҳ дар рафти талошҳояш ба хотири таҷдиди фиқҳи исломӣ мебошад. Албатта, бояд тазаккур дод, ки тамоми ин назарияҳо баргирифта аз Қуръон ва Суннат мебошанд. Ин ҷамъбандӣ байни Қуръон ва Суннат ва зарурати ислоҳот дар асри нав ба *мақосиди шариат* аҳамияти махсус медиҳад.

## Мақосиди *шариат дар иҷтиҳоди саҳобагон*

Таърихи идеяи ҷустуҷӯи ғоя, ҳадаф ё мақсаде дар аҳкоми Қуръон ва суннат ба асри саҳобагон (разияллоҳу анҳум) бармегардад. Ин масъаларо дар ҳодисаҳои бисёре метавон ёфт. Мисол,

ин мавзӯъ дар ҳадиси шарифе, ки аз чанд тариқ ривоят шудааст ва дар бораи адои намози аср дар диёри Бани Қурайза омадааст, комилан ҳувайдост. Пайғамбар (с) ба саҳобагонаш амр кард, ки ба қабилаи Бани Қурайза раванд[31] ва то ба он ҷо нарасанд, намози асрро нахонанд.[32] Ҳангоме, ки саҳобаҳо дар роҳ буданд ва ҳанӯз дар қабилаи Бани Қурайза нарасида буданд, вақти намози аср даромаду каме пас наздик буд гузарад. Дар ин ҳолат саҳобагон ба ду даста тақсим шуданд. Як гуруҳ исрор доштанд, ки то ба қабилаи Бани Қурайза нарасанд, намози асрро, ҳатто агар қазо шавад, намехонанд ва гуруҳи дигар намози асрро пеш аз ин, ки ба он ҷо расанд, адо намуданд.

Далели гурӯҳи якум ин буд, ки фармони Расулуллоҳ (с) возеҳ буд; ӯ ба ҳама амр карда буд, ки то ба қабилаи Бани Қурайза нарасанд, намози асрро нахонанд. Аммо далели гурӯҳи дуюм ин буд, ки мақсади Расулуллоҳ (с) бо суръат ба диёри қабилаи Бани Қурайза расидан буд, на ин, ки намоз ба андозае аз вақташ гузарад, ки дигар қазо шавад. Ровии ҳадис дар идомаи ривоят мефармояд, ки Расули акрам (с) ҳеҷ як аз ду гурӯҳро сарзаниш накард[33] ва сукути ӯ, чуноне, ки назди фақеҳон роиҷ аст, бар ҷоиз будани ҳар ду тафсир далолат мекунад. Аммо фақиҳи бузург Ибни Ҳазми Зоҳирӣ қабули ин ду назарро таъйид намекунад ва бо саҳобагоне, ки намози асрро дар роҳ адо карданд ва мунтазири расидан ба қабилаи Бани Қурайза нашуданд, мувофиқ нест, чунки Пайғамбар (с) онҳоро ба ин кор амр намуда буд ва набояд намозро пеш аз расидан ба он макон адо мекарданд, агарчи пас аз нисфи шаб мерасиданд.[34]

Ҳодисаи дигаре низ ба ҳамин минвол рух дода буд, ки таъсири бештаре дар фаҳми мақсадноки фармонҳои Расулуллоҳ (с) дар он вуҷуд дорад. Ин ҳодисае буд, ки дар замони Умар (р) дар масъалаи тақсими заминҳои фатҳшуда ба вуҷуд омад. Мақом ва мартабаи Умар ва машварат хостани эшон аз гурӯҳҳои мухталифи саҳобагон ду амри муҳимме мебошанд, ки ба масъалаҳои иҷтиҳодӣ ҷойгоҳи хос мебахшанд. Дар ин ҳодисае, ки мо онро ин ҷо зикр мекунем, саҳобагон аз Умар хостанд, то заминҳоеро, ки дар Миср ва Ироқ дар замони эшон фатҳ шуда

ва ба сарзаминҳои давлати исломӣ зам шуда буданд, ба ҳайси ғанимат байни муҷоҳидон тақсим намояд. Далели онҳо оятҳое буданд, ки сароҳатан ба тақсими ғаниматҳо байни ҷанговарон амр менамоянд.[35] Аммо Умар шаҳрҳо ва вилоятҳои фатҳшударо ба таври комил байни саҳобагон тақсим накард ва далели эшон дар ин амалаш оятҳои дигаре буд, ки алфози он далолати умумитаре доштанд. Ин оятҳое, ки ба он истидлол намуд, мурод ва мақсади Аллоҳ таолоро чунин баён медоранд: “То молҳо байни сарватмандони шумо давр нахӯранд”.[36] Аз ҳамин ҷиҳат Умар ва дигар саҳобагоне, ки бо эшон ҳамфикр буданд, оятҳоеро, ки ба тақсими ғанимат амр мекарданд, ба ин тарз фаҳмида буданд, ки тақсими мол байни ҷанговарон дар асоси *мақсадҳои* шариат анҷом шавад ва ин мақсадҳо бо таъбири имрузӣ “маҳдуд накардани тавоноиҳои иқтисодӣ дар байни табақаҳои муайяни ҷомеа” мебошанд.

Инчунин намунаи дигаре бо мафҳумҳои амиқтаре вуҷуд дорад, ки шоёни зикр аст ва он ҳам ба таври муваққат манъ кардани иҷрои ҷазои буридани дасти дузд дар соли хушксолӣ дар Мадинаи мунаварра мебошад.[37] Умар инро дарк намуда буд, ки ҳадафи ҷазое, ки Қуръони карим онро фарз гардондааст, иҷрои адолат мебошад. Аммо дар вақте, ки мушкилот инсонро ба дараҷаи ҳалокат оварда расондааст, он ҳадафи асосии аҳкоми ҷиноии Исломро, ки адолат мебошад, амалӣ намесозад. Умар бар ин назар буд, ки ин ҳадаф, яъне адолат, бештар аз он аст, ки ба хотири як ҳодисаи муайян нодида гирифта шавад.

Мисоли сеюм, ки бар фаҳми амиқи Умар далолат мекунад, ин аст, ки ӯ амал ба маънои зоҳирии ҳадиси шарифро, ки дар он омадааст, ки тамоми моли душман, ки дар майдони ҷанг кушта мешавад, аз они қотили вай аст, тарк кард.[38] Умар қарор қабул намуд, ки агар моле, ки аз мақтул ба даст меояд, чизи қиматбаҳое бошад, панҷяки он ба он муҷоҳид дода шавад, на ҳамаи он. Ҳадаф аз ин амали Умар аз рӯи адолат ва инсоф тақсим намудани моли ғанимат байни лашкариён ва афзоиши сармояи умумии уммат дар ҳолатҳоест, ки ба он зарурат доранд.

Намунаи чаҳоруми фаҳми амиқи Умарро ба хотири бештар возеҳ шудани ин мавзӯъ зикр мекунем. Умар қарор қабул кард, ки аспро низ дар ҷумлаи молҳое дохил кунад, ки дар он закот воҷиб аст. Дар ҳоле, ки Расулуллоҳ (с) дар ҳадисе, ки хеле равшан баён шудааст, аспро аз моли закот истисно намуд.[39] Далели Умар ин буд, ки нархи асп дар замони эшон нисбат ба шутур, ки Расулуллоҳ (с) онро дар ҷумлаи молҳои закот дохил карда буд, бисёр боло рафта буд. Ба ибораи дигар, Умар мақсади закотро чунин фаҳмида буд, ки он ба таъбири имрузӣ як навъи кумаки иҷтимоӣ мебошад, ки онро сарватмандон ба фақирон медиҳанд, новобаста аз навъ ва шакли моле, ки Расулуллоҳ (с) онро дар аҳодис зикр кардааст ва мардум онро бо маънои зоҳирияш татбиқ мекарданд.[40]

Чизе, ки ин ҷо қобили мулоҳиза мебошад, ин аст, ки ғайр аз мазҳаби ҳанафӣ ҳамаи мазҳабҳои фиқҳӣ бо ин афзоиши рӯйхати молҳое, ки закот воҷиб бар он мешавад, мухолифат намудаанд. Ин амр бар он далолат дорад, ки фаҳми зоҳири матнҳои шаръӣ дар фиқҳи гузаштагон ба таври густарда вуҷуд дорад. Инби Ҳазм, ки бештар аз дигар фақеҳон бар асоси маънои зоҳирии далелҳо ҳукм мекунад, бар он таъкид дорад, ки: "Закот танҳо бар ҳашт навъи зерини мол воҷиб аст: тилло, нуқра, гандум, ҷав, хурмо, шутур, гов, гусфанд ва буз... Далелҳои суннат бар ин амвол омадааст... Закот бар ҳеҷ навъи меваҳо ва зироат (ғайр аз чизе, ки зикр кардем), аспҳо, ғуломон, асал ва ашёи тиҷорӣ воҷиб нест".[41] Ин тарзи фаҳм ниҳоди закотро аз фаъол будан дар иҷрои адолат ва ҳамбастагии иҷтимоӣ боз медорад.

Шайх Юсуфи Қарзовӣ бар асоси "методологияи баррасии усули нуҳуфтаи аҳкоми шариат" бо дидгоҳи аксари уламо дар бораи закот мухолафат намудааст. Ин мавзӯъро дар китоби пурарзишаш "Фиқҳи закот" бо тафсил зери баҳс қарор дода, дар он менависад: "Ҳар моле, ки зиёд шавад, машмули закот мешавад... Закот ба хотири он машрӯъ шудааст, ки ҳоҷати фақирон, мискинҳо, қарздорон ва мусофиронро раво дошта, барои барпо доштани манфиатҳои оммаи мусалмонон монанди ҷиҳод дар

роҳи Аллоҳ ва моил сохтани қалбҳо ба сӯи Ислом нафъ расонад... Номумкин аст, ки шариат бори гаронро бар ашхосе андохта бошад, ки панҷ шутур, чиҳил гусфанд ё панҷ паймона ҷав дошта бошанд, ва онҳоеро, ки сармоядорони асосӣ мебошанд, ки бузургтарин корхонаҳо ва иморатҳоро доранд, ё духтурон, вакилон, масъулин ва ашхосе, ки шуғли озод доранд, ки рӯзона пулу моли зиёде меёбанд, ки онро соҳиби он панҷ шутур ё панҷ паймона ҷав дар давоми солҳо ёфта наметавонанд, аз закот озод гардонда бошад".[42]

Мисолҳои зиёде ба қадри кофӣ овардем, то мавзӯи пешрафти назарияи *мақосиди* шариатро баён намуда, мақом ва ҷойгоҳи илми *мақосидро* ҳамчун усули собитшуда нишон диҳем. Аммо чизи муҳимме, ки сазовор аст ба он ишора намоем, ин аст, ки қоидаи назар додан дар бораи мақсади аҳкоми шариат ва бунёди он бар тамоми аҳкоми шариат махсусан дар бораи "*ибодот*" созгор намебошад.

Имом Бухорӣ аз Умар ривоят мекунад, ки дар даврони хилофаташ фармуд: "Ба хотири чӣ (дар адои ҳаҷ) мардонагӣ ва шонаҳоро зоҳир кардан лозим аст, дар ҳоле, ки Аллоҳ таоло Исломро иззат бахшидааст ва куфру аҳли онро нобуд сохтааст?" Умар ба ҳикмати амри Расулуллоҳ (с) дар изҳори қувват ва мардонагӣ дар ҳаҷ вақте, ки Макка фатҳ шуда буд ва куффори Макка ин хабарро паҳн сохта буданд, ки бемориҳои Мадина мусулмононро заиф сохтааст, ишора намуда буд. Вале Умар дар идомаи суханаш фармуд: "Ҳеҷ чизеро, ки дар замони Расулуллоҳ анҷом медодем, тарк нахоҳем кард".[43] Умар бо ин суханаш фарқро байни "*ибодот*" ва "*муомилот*" баён дошт (яъне дар *ибодатҳо* ҳаққи назар доданро надорад).

Имом Шотибӣ фарқи байни ин ду чизро баён дошта, фармудааст: "Асл дар *ибодот* анҷоми он сарфи назар аз *мақсад* ва ҳикматҳои он мебошад ва бар он бе иҷозати шариат илова карда намешавад ва ҳеҷ гуна иҷозате барои ақлҳо дар ихтирои *ибодатҳо* вуҷуд надорад. Аммо асл дар *муомилот* ба маонии он таваҷҷуҳ доштан аст ва асл дар андешаронӣ иҷозат аст, то он замоне, ки далеле бар хилофи он далолат накунад".[44]

Ба ҳамин хотир қоидаи умумӣ вуҷуд дорад, ки *ибодот* бояд амри собит ва тағйирнопазир бошанд ва мусулмон онро чуноне, ки Расулуллоҳ (с) ва асҳобаш анҷом додаанд, бояд анҷом диҳад, дар ҳоле, ки худи эшон ба мо таълим медиҳанд, ки дар масоили *муомилот* бе қайду шарт пайравӣ накунем, балки дар татбиқи он *мақсадҳои* шариатро дар назар дошта бошем.

### ***Назарияҳои ибтидоии мақосиди шариат***

Назарияи *мақосиди шариат* баъд аз асри саҳобагон пешрафт ва рушд кард, аммо ба шакле, ки имрӯз вуҷуд дорад, дар асрҳои панҷум то ҳаштуми ҳиҷрӣ баъд аз ин, ки уламои усулии мутааххир онро тартиб доданд, ки онро дар мавзӯъҳои баъдӣ шарҳ хоҳам дод, арзи ҳастӣ намуд. Мо бояд инро дар назар дошта бошем, ки дар се асри аввал назарияи *мақосид* ба вуҷуд омад (агарчи дар он замон онро ҳикматҳо, сабабҳо, муносибатҳо, ҳадафҳо ва ё маънoҳо назди усулиҳои мазҳабҳои фиқҳӣ меномиданд), монанди истинботи аҳком бо қиёс, истеҳсон ва ё дар назар гирифтани манофеъ. Аммо *мақосиди шариат* ҳамчун мавзӯи мустақил, ки пажӯҳишҳои ҷудогонае дошта бошад, арзи ҳастӣ накард ва аҳамияти ҷиддие то охирҳои асри сеюми ҳиҷрӣ ба он дода нашуда буд. Баъд назарияи *Дараҷоти заруриёт* аз сӯи Имом Ҷувайнӣ (1028 — 1085) дар асри панҷуми ҳиҷрӣ зоҳир шуд.

Ба таври хулоса дар бораи талошҳое, ки дар гузашта ба хотири рушди назарияи *Мақосиди* шариат байни асрҳои сеюм то панҷум анҷом шудааст, равшанӣ меандозем.

***1. Ҳаким Тирмизӣ (820 — 905 или 910).*** Китоби *“ас-Салот ва мақосидуҳо”-и* Ҳакими Тирмизӣ аввалин китоби машҳури махсуси мавзӯи мақсадҳо аст.[45] Дар номи ин китоб чуноне мебинем калимаи “*мақосид*” зикр шудааст ва ин китоб асрор ва ҳикматҳои руҳии тамоми афъоли намозро зикр менамояд, ки дар он андешаҳои суфӣ ҳувайдост. Ба таври мисол, ӯ мефармояд: “Афъоли намоз аз ҳолати банда вобаста

аст: бо рост истоданаш аз гурехтан хориҷ мешавад, бо руй овардан ба қибла аз саркашӣ ва рӯгардонӣ хориҷ мешавад, бо такбир гуфтан аз кибр хориҷ мешавад, бо сано гуфтан аз ғафлат хориҷ мешавад, бо рукӯъ аз ҷафокорӣ хориҷ мешавад ва бо саҷда аз гуноҳ хориҷ мешавад”. Ҳакими Тирмизӣ китобе ба ин монанд дар бораи ҳаҷ дорад, ки онро *“ал-Ҳаҷ ва асроруҳу”* номидааст.[46]

***2. Абу Зайди Балхӣ (850 — 934).*** Китоби *“ал-Ибона ъан ъилал ад-диёна"-и* Абу Зайди Балхӣ аввалин китобест дар мавзӯи *мақосиди шариат* дар боби *муомилот*, ки дар он мақсадҳоеро, ки дар аҳкоми шариат нуҳуфтаанд, баён медорад. Инчунин Балхӣ китоби дигаре дар мавзӯи мақсадҳо дорад бо номи *“Масолеҳ ал-абдон ва ан-нуфус”*, ки дар он баён медорад, ки чӣ гуна ахлоқ ва аҳкоми исломӣ дар беҳтар сохтани саломатии ҷисм ва руҳи инсон таъсир дорад.[47]



***3. Қаффоли Шошӣ (904 — 976).*** Китоби *“Маҳосин аш-шариъа”-и* Қаффол қадимтарин дастнавис дар боби *мақосиди шариат* аст, ки онро дар "Дор ал-кутуб"-и Миср ёфтам.[48] Қаффол китобашро бо муқаддимаи иборат аз бист саҳифа шурӯъ мекунад ва баъд аз он китобашро ба фаслҳо бо равиши классикии китобҳои фиқҳӣ тақсимбандӣ намуда, бо китоби таҳорат, вузӯ, намоз ва дигар бобҳо оғоз менамояд. Ӯ дар ибтидо ҳукмро мухтасар зикр намуда, сипас бо тафсил ва шарҳ ҳикматҳо ва *мақсадҳои* он ҳукмро баён мекунад. Ин дастнавис бисёр ошкор ва равшан аст ва

тақрибан 400 сафҳа мебошад. Дар сафҳаи охиринаш санаи поёни навиштани ин китоб дарҷ шудааст ва он ҳам 11 рабиъулаввали соли 358 ҳиҷрӣ мутобиқ ба 7 ноябри 969 мелодӣ мебошад. Дар ин китоб аҳкоми зиёди фиқҳӣ ба таври алоҳида ва ҷудо аз ҳамдигар бе васл кардани ин масоил бо *мақсадҳои* умумии шариат зикр шудаанд. Бо вуҷуди ин ҳам ин иловаи муҳимме дар пешрафти назарияи илми *Мақосиди* шариат мебошад.

Абдунносири Луғонӣ бахше аз нусхаи дастнависи дигари "*Маҳосин аш-шариъа*"-и Қаффолро зери пажӯҳиш ва таҳрир қарор дода, онро ҳамчун рисолаи докторӣ барои дифоъ ба Донишгоҳи Уэлс дар соли 2004 пешниҳод кард.[49] Мавил Иззуддин, ки устоди роҳнамои Лағғонӣ буд, дар бораи аҳамияти ин дастнавис ва саҳми Шошӣ дар назарияҳои фиқҳи исломӣ мегуяд:

> *"Аҳамияти фармонҳои шариат ба назари Шошӣ ба маонии он бармегардад, ки бисёри вақтҳо шариат онро баён медорад. Ба таври мисол, шариат нӯшидани нӯшокаҳои спиртиро сабаби роҳ ёфтани шайтон барои нашри душманӣ байни мардум медонад, ки ин кор сабаби дур шуданашон аз зикри Аллоҳ ва намоз мегардад, ва бинобар ин онро манъ мекунад. Шакке нест, ки Шошӣ мехостааст роҳро идома дода, бо зикри теъдоди зиёде аз мақсадҳои шариат қадами навбатиро дар ғанӣ сохтани мазҳаби шофеӣ бигузорад".*[50]

Маонӣ ва сабабҳое, ки Шошӣ онро асоси фаҳми аҳком дар ростои назарияи *мақосид* қарор додааст, тарҳи нав ҳисобида мешаванд, агарчи ин назарияҳо дар доираи мазҳаби шофеӣ мебошанд. Бояд тазаккур диҳем, ки ривоҷ додан ба мафҳумҳои *заруриёт*, *мақосиди* сиёсат ва мартабаҳои фазоил аз сӯи Шошӣ ба воситаи рушд додани истилоҳоте, ки зикр кардем ва дар оянда муфассал баён хоҳем кард, шароит-

тро барои саҳм гузоштани Ҷувайнӣ ва Ғазолӣ дар пешрафти мазҳаби Шофеъӣ муҳайё сохт.

***4. Ибни Бобавайҳи Қумӣ (918 — 992).*** Баъзе донишмандон бар ин назаранд, ки пажӯҳиш дар мавзӯи *мақосиди шариат* то асри бистум дар доираи мазҳабҳои фиқҳии аҳли суннат маҳдуд мешуд.[51] Аммо аввалин пажӯҳиши комил ва пурра дар мавзӯи *мақосидро* Ибни Бобавайҳи Қумӣ, маъруф ба Шайх Садуқ, фақиҳи бузурги шиа дар асри чори ҳиҷрӣ бо таълифи китобе, ки шомили 335 фасл дар ин мавзӯъ буд, ба анҷом расондааст.[52] Дар ин ин китоб, ки номаш "*Ъилал аш-шариъа*" мебошад, шарҳу тафсири ақлие дар бораи имон ба Аллоҳ, пайғамбарон, илми ғайб ва дигар масоили эътиқодӣ баён дошта, ҳикматҳои намоз, рӯза, ҳаҷ, садақа, некӣ ба падару модар ва дигар умури воҷибро шарҳ додаast.[53]

***3. Абу-л-Ҳасани Омирӣ (913 — 992).*** Аввалин китоби машҳур дар бораи таснифи назарияи *Мақосиди* шариат бо шакле, ки мо онро имрӯз медонем, Омирии Файласуф дар китоби "*ал-Иъилом би-маноқиб ал-Ислом*"-и худ баён кардааст.[54] Омирӣ дар бораи ҷазои қатли одам, ҷазои рабудани мол, ҷазои таҷовуз ба номус, ҷазои рехтани обрӯ ва номус, ҷазои тарки дин дар китобаш навиштааст, аммо тақсимбандии Омирӣ дар доираи ҷазоҳои ҷиноии махсуси "ҳудуд" дар Ислом маҳдуд мешавад.

Ҳамин тавр тақсимбандии *мақосиди шариат* бар асоси *дараҷоти зарурийёт* то асри панҷуми ҳиҷрӣ пешрафти чандоне надошт, аммо дар асри ҳашти ҳиҷрӣ назарияи *мақосид* бо ҳама ҳастиаш ба қуллаи баландатарини худ расид. (Магар ин, ки пешрафтҳои асри бистуми мелодиро истисно кунем).

## ФАСЛИ ДУЮМ

### ИМОМОНИ ИЛМИ МАҚОСИД ДАР АСРҲОИ V-VIII ҲИҶРӢ

Асри панҷуми ҳиҷрӣ шоҳиди рушде буд, ки Абдуллоҳ ибни Байяҳ онро “Фалсафаи қонунгузории исломӣ” номидааст.[55] Бо фаросии ин замон маълум шуд, ки услуби иктифо кардан ба зоҳири фатво, ки он замон роиҷ буд, барои масоили *муомилот* дар тамаддуни ба ҳам печидае, ки уммати исломӣ ба он расида буд, кифоят намекунад. Бино бар заруратҳои навпайдо назарияи *масолеҳи мурсала* (*номаҳдуд*) пайдо шуд, ки манфиатҳое мебошанд, ки ба онҳо зарурат пайдо шуда аст, аммо олими фақиҳ далели мустақиме аз Қуръон ва суннат дар бораи онҳо пайдо карда наметавонад. Ин назария ҷои холиеро, ки назарияҳои зоҳирии мутақаддимин гузошта буданд, пур кард ва сабаби ба вуҷуд омадани назарияи *мақосиди шариати исломӣ* шуд. Бузургтарин фақеҳоне, ки дар пешрафти ин назарияи *мақосид* дар асрҳои панҷум ва ҳаштум саҳми калон доштанд, инҳо буданд: Абулмаолӣ Ҷувайнӣ, Абу Ҳомиди Ғазолӣ, Иззуддин ибни Абдуссалом, Шаҳобуддини Қарофӣ, Шамсуддин ибни Қайим. Аммо барҷастатарини онҳо дар ин боб Абу Исҳоқи Шотибӣ мебошад.

### *Имом Ҷувайнӣ ва “талаботи умумӣv”*

Китоби “*ал-Бурҳон фӣ усул ал-фиқҳ*”-и *Абулмаолӣ Ҷувайнӣ* аввалин пажӯҳише буд, ки назарияи *дараҷоти заруриётро* ба шакле, ки мо онро имрӯз рӯи даст дорем, пешниҳод кард. Ҷувайнӣ панҷ дараҷаи зеринро пешниҳод кард: он чӣ ба *заруриёт* вобаста аст, монанди қасос; он чӣ ба эҳтиёҷоти умумӣ вобаста аст, монанди муомилоти иҷоравӣ; оростани хеш бо ахлоқи хуб ва дур будан аз бадиҳо, монанди покӣ ва тозагӣ; қисми чаҳорум дар мустаҳабот маҳдуд мешавад ва қисми панҷум он чизҳое мебошанд, ки мақсади муайян ва сабаби возеҳе надоранд ва ин қисм бисёр кам ва нодир аст”.[56]

Аз ҷумлаи пешниҳодоти эшон ин аст, ки ҳадафи шариати исломӣ ҳифз ва ҳимояи ақида, рух, ақл, мол ва номуси мардум мебошад.[57]

Ба назари ман, валлоҳу аълам, китоби охирини Ҷувайнӣ "*Ғиёс ал-умам*" бо вуҷуди ин, ки асосан масоили сиёсии шариатро дар бар мегирад, иловаи муҳиме бар *мақосиди шариат* мебошад. Ҷувайнӣ дар ин китоб нигаронии худро иброз медорад, ки рӯзе расаду ворисони шариат ва ноқилони мазҳабҳо аз байн раванд, ва дар бахши охири ин китоб фарзияи воқеъ шудани ин амрро зикр мекунад. Бинобар ин фарзия ӯ аҳкоми шариатро дар бобҳои фиқҳии мухталиф бар "Усули *қатъӣ*" ва "Далелҳои қатъие, ки мавриди эҳтимолот ва таъвилот қарор намегиранд" тақсимбандӣ кардааст. Ҷувайнӣ мегӯяд, ки ин далелҳои *қатъӣ* ҳамон *мақосид* дар бобҳои фиқҳ мебошанд, монанди ризояти тарафайн дар муомилоти тиҷорӣ, дур намудани зарарҳо аз муҳтоҷон дар боби закот, мақсади осонӣ овардан дар боби наҷосатҳо ва ғайра.[58] Китоби "*Ғиёс ал-умам*"-и Ҷувайнӣ аз назари ман пешниҳоди комилкунандае барои таҷдид ва аз нав тартиб додани фиқҳи исломӣ бо такя бар *мақосиди шариат* мебошад.

### *Имом Ғазолӣ ва "танзими заруриёт"*

*Абу Ҳомиди Ғазолӣ*, ки шогирди Ҷувайнӣ буд, дар пайи тараққӣ додани назарияи устодаш шуд, чуноне ин амр аз китобаш "*ал-Мустасфо*" маълум мешавад. Имом Ғазолӣ назарияи *заруриётро*, ки Ҷувайнӣ онро матраҳ намуда буд, ба шакли зерин тартиб додааст: дин, нафс, ақл, насл ва мол.[59] Ғазолӣ касест, ки истилоҳи "ҳимоя"-ро дар рафти каломаш дар мавзӯи *заруриёт* ихтироъ намудааст. Бо вуҷуди тафсилот дар таҳлили *заруриёт*, Имом Ғазолӣ барои ҳеҷ яке аз мақсадҳо ҳуҷҷат буданро бо он маънои усулӣ надодааст, балки ба дараҷае расидааст, ки онҳоро *масолеҳи мавҳума* (*хаёлӣ*) номидааст.[60] Сабаби муътақиди ин назар шудани имом Ғазолӣ дар он аст, ки *мақосид* аз китоби Худо истинбот шудаанд ва монанди дигар масоиле нестанд, ки дар бораи онҳо далелҳои ошкор баён шудааст.

Бо вуҷуди ин, Имом Ғазолӣ *мақосидро* дар истинботи бисёре аз аҳкоми шаръӣ ҳамчун асос ва бунёд қарор додааст. Мисол, ӯ менависад: "*Масолеҳ* бар асоси фармудаҳои шариат се қисм мебошанд: қисме, ки шариат бар муътабар будани он шаҳодат додааст; қисм, ки шариат бар ботил будани он шаҳодат додааст; қисме, ки шариат на бар ботил ва на бар муътабар будани он шаҳодат додааст. Он чӣ, ки шариат онро муътабар донистааст, ҳуҷҷат аст ва асоси қиёс мебошад, ки иқтибоси ҳукм аз матни шаръӣ ва иҷмоъ аст. [...] Ба таври мисол, ҳар нӯшиданӣ ё хурдание, ки масткунанда аст, ҳаром мебошад ва ин ҳукм аз қиёс ба шароб гирифта шудааст. Шароб ҳаром шудааст, то ақл, ки яке аз шартҳои мукаллаф будан аст, аз шарри он дар амон бошад. [...] Ҳадафи аҳкоми шариат панҷ чиз аст: ҳимояи дин, нафс, ақл, насл ва мол. Пас ҳар амре, ки сабаби ҳимояи ин панҷ чиз мегардад, маслиҳат ҳисобида мешавад ва ҳар амре, ки сабаби аз даст додани ин панҷ асл мегардад, *мафсада* буда, дур кардани он маслиҳат аст".[61] Инчунин Имом Ғазолӣ қоидаеро пешниҳод кардааст, ки *заруриёт* бар асоси он тақсимбандӣ мешаванд ва ин қоида маънои онро дорад, ки авлавият бояд ба зарурате дода шавад, ки дар тақсимбандӣ аз заруриёти дигар пештар қарор дошта бошад ва ин вақте сурат мегирад, ки ин ду зарурат дар амал бо ҳам ихтилоф дошта бошанд.[62]

### *Иззуддин ибни Абдуссалом ва "ҳикмати аҳком"*

Иззуддин ибни Абдуссалом дар ин мавзӯъ ду китоб навишта, ҳикматҳои аҳкомро дар онҳо баён кардааст. Ин китобҳо "*Мақосид ас-салот*" ва "*Мақосид ас-савм*" мебошанд.[63] Аммо саҳми асосӣ дар пешрафти назарияи *мақосидро* бо таълифи китоби "*Қавоъид ал-аҳком фӣ масолеҳ ал-аном*" дар мавзӯи *масолеҳ* гузоштааст.

Аз ҷумлаи амалҳое, ки Иззуддин ибни Абдуссалом дар паҳлуи истинбототи васеи худ дар мафҳумҳои *масолеҳ* ва мафосид анҷом додааст ин аст, ки аҳкомро бо *мақосид* ва ҳикматҳое, ки дар он нуҳуфтаанд, рабт додааст. Аз ҷумлаи навиштаҳояш

ба таври мисол ин гуфтаҳост: “Агар шахсе ба *мақосиди шариат* дар мавзӯи ҷалби *масолеҳ* ва дафъи мафосид таваҷҷуҳ намояд, аз маҷмӯи он барояш эътиқод ё фаҳме ҳосил мешавад, ки тарки *масолеҳ* ва наздик шудан ба мафосид ҷоиз нест, агарчи дар ин бора далели хос аз матнҳои шаръӣ, иҷмоъ ё қиёс вуҷуд надошта бошад, чунки таълимоти шариат худ ин амрро тақозо мекунанд”.[64]

### *Имом Қарофӣ ва “анвоъи афъоли Расулуллоҳ (с)”*

Саҳмгузории Шаҳобуддини Қарофӣ дар назарияи *мақосид* дар шакле, ки имрӯз вуҷуд дорад, вақте зоҳир шуд, ки байни афъоли мухталифи Расулуллоҳ (с) бар асоси муроди ӯ (с) фарқ гузошт. Қарофӣ дар китоби “ал-Фуруқ” мегӯяд:

> *“Пайғамбар (с) дар амалкардаш байни фатво, ки таблиғи дин аст, ва роҳбарӣ фарқ гузоштааст. [...] Бинобар ин, амалкардаш дар шариат натиҷаҳои гуногун доранд. [...] Пас ҳар чӣ, ки ӯ (с) ба хотири таблиғ гуфтааст ё анҷом додааст, ҳукми умумӣ дорад. [...] Аммо равона сохтани лашкарҳо, сарфи амволи байтулмол, қозӣ ва волӣ таъйин кардан, тақсими ғаниматҳо ва бастани аҳдномаҳо амалкарди роҳбар ва имом аст, на чизи дигар”.*[65]

Ҳамин тавр Қарофӣ мафҳуми *мақосидро* васеътар намуда, онро ба ҳадаф ва муроди Расулуллоҳ (с) аз амалкарди худ вобаста донистааст. Ибни Ошур фарқиятҳоеро, ки Қарофӣ зикр кардааст, бахше аз таърифи *мақосид* гардондааст, чуноне, ки дар поён баён хоҳем кард.[66]

Қарофӣ дар бораи "ёфтани васоил барои расидан ба *масолеҳ*” менависад: “Роҳи василаҳое, ки ба мафосид бурда мерасонанд, бояд баста шавад ва роҳи васоиле, ки ба *масолеҳ* бурда мерасонанд, бояд кушода шавад”,[67] ки ин худ густариши муҳими дигаре дар боби *мақосиди шариат* мебошад. Ҳамин тавр, Қарофӣ назарияи худро дар ҷониби манфии қоидаи “Бастани

роҳи василаҳое, ки ба мафосид бурда мерасонанд" маҳдуд накардааст ва ин мавзӯъро баъд бо тафсилот хоҳед хонд.

### *Имом Ибни Қайим ва "ҳақиқати шариат"*

Шамсуддин ибни Қайим (1292 — 1350) шогирди Ибни Таймия (1263 — 1328) буд. Метавонем саҳмгузории ӯ дар мавзӯи назарияи *мақосидро* аз рафти пажӯҳиши интиқодии муфассалаш, ки онро "*ал-Ҳийал ал-фиқҳия*" номидааст, истинбот намоем. Эшон ин пажӯҳишашро бар ин ҳақиқат асос гузоштааст, ки ин ҳилаҳои фиқҳӣ бо *мақосиди шариат* созгор нестанд. Чунки ҳилаи фиқҳӣ ақди ноҷоизе мебошад, монанди рибо ва ришва, ки дар шакл монанди байъ ва ҳадя мебошад. Ибни Қайим менависад:

> *"Аз ҷумлаи далелҳои ботил ва ҳаром будани ҳилаҳо ин аст, ки Аллоҳ таоло умуреро, ки бар бандагонаш воҷиб ё ҳаром гардондааст, ба он хотир аст, ки дар он манфиатҳое дар зиндагӣ ва қиёматашон мебошад. [...] Вақте банда ба хотири ҳалол кардани муҳаррамот, соқит кардани воҷибот ё бекор кардани шариати Аллоҳ таоло ҳила намояд, пас дар ҳақиқат аз чанд нигоҳ барои фасод овардан дар дини Аллоҳ талош намудааст. Якум, ботил ва нақз кардани ҳикматест, ки Аллоҳ таоло дар он ҳукми мавриди ҳила қарор гирифта гузоштааст. Дуюм, амре, ки ҳамчун ҳила ба кор бурда шудааст, дар шариат ҳеҷ ҳақиқате надорад ва он мақсади аслии шариат нест. Балки ин ҳила зоҳиран ҷоиз аст, вале он амре, ки дар асл ҷоиз аст, ҳадафи шахси ҳилагар нест, балки ҳадафаш ба даст овардани ҳамон амри ҳаром аст. Ин ошкор ва маълум аст, ки дар асл ҳадафи шариат чист. Ба таври мисол, ҳадафи рибохор ҳамон рибои ҳаром аст, аммо тиҷорати дуруст ва ҷоиз ҳадафи аслии вай нест. Ҳамчун шахсе, ки мехоҳад аз фарзҳои Худованд бо ҳилаи бахшидани молаш ба шахсе, ки дар асл барояш як дирҳам ҳам намедиҳад, бигурезад. Ҳадафи аслиаш гурехтан аз фарзи илоҳист ва ин бахшидан, ки дар шариат ҷоиз аст, мақсадаш нест. [...] Шариат бо ҳақиқатҳои худ ба манзалаи ғизо барои қалбҳо*

*ва ба манзалаи даво барои ҷисмҳо аст, на бо номҳо ва шакли зоҳириаш".*

Ибни Қайим равиши фиқҳии худро чунин хулоса мекунад, ки он бар асоси "ҳикмат ва манфиатҳои башар" бино ёфтааст. Инро дар ибороти қавии зерин мушоҳада менамоем:

*"Бунёд ва асоси шариат бар ҳикматҳо ва манфиатҳои бандагон дар зиндагӣ ва баъд аз марг мебошад. Пас тамоми ин шариат адолат, раҳмат, ҳикмат ва манфиат мебошад. Вақте масъалае аз адолат ба зулм, аз раҳмат ба бераҳмӣ, аз манфиат ба фасод ва аз ҳикмат ба беҳудагӣ хориҷ гашт, ин масъала аз шариат нест, агарчи бо таъвил ба он дохил карда шуда бошад".*[68]

Ин бахши калом ба андешаи ман яке муҳимтарин қоидаҳоест, ки барои фаҳми дурусти табиати шариати исломӣ кумак мекунад. Ин ҷо дармеёбем, ки *мақосид* ҳамчун бунёд ва асос ё ба ибораи муосир ҳамчун фалсафаи қонунгузории тамоми шариат дар ҷойгоҳи дурусти худ қарор гирифтанд. Ин ҳамон чизест, ки Имом Шотибӣ бо ибораҳои возеҳ, ошкор ва қавӣ баён доштааст.

### *Имом Шотибӣ ва "донистани мақосид асле аз усули шариат"*

Истилоҳоте, ки Абу Исҳоқи Шотибӣ дар боби *мақосид* зикр кардааст, худи ҳамон истилоҳоте мебошанд, ки Ҷувайнӣ ва шогирдаш Ғазолӣ зикр кардаанд. Аммо ман бар ин боварам, ки китоби "ал-Мувофақот фӣ усул аш-шариъа"-и ӯ назарияи *мақосидро* ба се марҳала ба пеш бурд:

#### *а) Аз "Масолеҳи мурсала" ба "Усули шариат"*

Пеш аз китоби "*ал-Мувофақот*"-и Шотибӣ *мақосид* ҷузъе аз *масолеҳи мурсала* буданд ва ҳеҷ гоҳ *мақосидро* ба танҳоӣ аз усул ё бахше аз он чизе, ки дар боло ба он ишора кардем, на-

меҳисобиданд. Имом Шотибӣ қисми хоссе дар китоби "*ал-Мувофақот*" барои *мақосид* ҷудо намуда, бо зикри оёте аз Қуръон исбот кардааст, ки Аллоҳ таоло дар офариниши махлуқот, равон кардани пайғамбарон ва фуруд овардани шариатҳояш ҳикматҳо ва аҳдофе доштааст.[69] Баъд аз он *мақосиди* шариатро аз усули дин, қоидаҳои шариат ва куллиёти миллат донистааст.[70]

***б) Аз "Ҳикматҳои аҳком" ба "Қоидаҳои аҳком"***

Имом Шотибӣ бар назарияи авлавияти *мақосид* ва умумияти онҳо такя намуда, ба ин натиҷа расидааст, ки *куллиёт* хоси *заруриёт* буда, имкон надорад, ки *ҷузъиёт* бар он ҳукумат намояд.[71] Ин асл як ҷаҳиши ҷиддь аз усули классикӣ дар дохили мазҳаби Моликӣ будааст, ки мазҳаби худи Имом Шотибӣ аст. Чунки мазҳаби мазкур ҳамеша далели хосро бар далели ом муқаддам медонад.[72] Имом Шотибӣ донистани *мақосидро* шарти лозим ба хотири солим мондани иҷтиҳод дар тамоми *дараҷоти* иҷтиҳод медонад.[73]

***в) Аз "Далалҳои заннӣ" ба "Далелҳои** қатъӣ**"***

Имом Шотибӣ китобашро ба мақсади тақвияти мақоми наве, ки назарияи *Мақосиди* шариат дар байни усули шариат соҳиб шуда буд, навиштаст. Дар ин китоб ӯ далелҳоеро бар "*қатъӣ*" будани таҳқиқ ва ҷустуҷӯ пешниҳод кардааст ва ин сабкро барои расидан ба *мақосиди шариат* бо баррасии далелҳои зиёде интихоб намудааст.[74] Ин пажӯҳиш низ як пешрафти дигарест, ки аз сабкҳои собиқ, ки бар асоси фалсафаи юнонӣ бунёд ёфтаанд ва ҳамеша бар заннӣ буданӣ таҳқиқ ва ҷустуҷӯ таъкид доштаанд, фарқ мекунад. Китоби Шотибӣ то асри бистум барои уламо дар мавзӯи *мақосид* шариат масдар ва марҷаъ қарор гирифта буд. Аммо пешниҳоди ӯ дар бораи инки *мақосиди шариат* асоси шариат қарор гиранд, назди уламо ин қабулиятро ноил нагашт.

## ФАСЛИ СЕЮМ

## НАҚШИ МАҚОСИД ДАР ТАҶДИДИ ИСЛОМИ МУОСИР

*Мақсадҳои шариат* яке аз муҳимтарин васоили асри ҳозир мебошад, ки андешаи исломие, ки дар пайи таҷдид ва ислоҳ мебошад, бар он такя мекунад. Бешак, талошҳои танқидгаронае аз тарафи васоити ахбори омма ва махсусан аз тарафи ғарбиҳо бо номи "Ислоҳот" дар қонунгузории исломӣ барои миллатҳои мусулмон ё ақалиятҳои мусулмон матраҳ мешавад. Аммо ин пешниҳодот чӣ басо аз Ислом ва мусулмонон тақозо мекунанд, ки худро бо низомҳои ақлӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ мувофиқ гардонанд, дар ҳоле, ки ин ҳама аз Ислом ва манфиатҳои мусулмон фарсаххо дур мебошанд. Нақши *мақосиди шариат* дар ин мавзӯъ мусбат аст, чунки онҳо фалсафае мебошанд барои қонунгузорӣ, ки қобили таҷдид мебошанд, аммо ин қонунгузорӣ дар асоси улуми исломӣ нашъат ёфтааст ва перомуни ақл ва мантиқи исломӣ дар фаҳми зиндагӣ ва дунё давр мезанад. Мақсад аз ин гуфтаҳоро дар бахшҳои баъдӣ баён хоҳем кард ва ба ин мавзӯъ аз зовияҳои гуногун хоҳем пардохт.

Чанд мавзӯъро тақдим менамоем. Якум, андешаи исломии муосирро дар мавзӯи *мақосид* ҳамчун барномае барои рушд ва ҳуқуқи инсон бар асоси истилоҳоти нав баён мекунем. Дуюм, *мақосидро* ба сифати барномае барои навоварии хуб ва ҳадафманд дар боби фиқҳи исломӣ, махсусан ба он чӣ, ки ба фарқ гузоштан байни аҳдоф ва васоил дахл дорад, тақдим мекунем. Сеюм, *мақосидро* ҳамчун тавзеҳот дар таҷдиди фаҳми Қуръон ва суннат баён менамоем. Баъд аз он ба баррасии сабки иҷтиҳодие, ки ба "*фатҳи зароеъ*" ("иҷозаи сабабҳо") такя дорад, — бар хилофи мавқифи классикие, ки ба "*садди зароеъ*" ("манъи сабабҳо") даъват мекунад, — мепардозем. Чаҳорум ва охирин, *мақосиди* шариатро ҳамчун фазои муштарак байни мазҳабҳои фиқҳӣ ва фазои муносиб барои гуфтугӯ байни динҳо баён менамоем.

### *Мақосиди шариат ҳамчун барномаи инкишоф ва ҳуқуқи инсон*

Аз ҷумлаи саҳмгузориҳои андешамандон ва фақеҳони муосир дар истилоҳоти илми *мақосиди шариат* такя кардани онҳо бар истилоҳоти нав аст, бо вуҷуд ин, ки баъзе уламо бо қатъият андешаи навсозии истилоҳоти шариатро рад карда буданд.[75] Дар поён баъзе аз ин саҳмгузориҳоро зикр хоҳем кард.

Тадқиқоти қадим дар мавзӯи *мақосид* ҳифзи наслро яке аз заруриёте медонистанд, ки шариат мехоҳад, ки он иҷро шавад. Ин назария замоне пайдо шуд, ки Омирӣ дар рафти талошҳо ва навовариҳои худ дар мавзӯи ҷазо дар Ислом, аз ҷумла дар мавзӯи мамнуияти даридани пардаи номус, чуноне, ки пештар зикр шуд, сухан кард.[76] Пас аз ӯ Имом Ҷувайнӣ омад ва назарияи касонеро, ки пеш аз вай дар мавзӯи мамнуиятҳо ва ё маъсумият, яъне маҳфуз мондани ҷонҳо ва молҳо, чуноне, ки гузашт, назар дода буданд, тараққӣ дод. Пас ҷазои касе, ки ба ҳаё зарба мезанад, назди Ҷувайнӣ дар ҷумлаи ҷазои ҳифзи номус дохил мешавад.[77] Аммо истилоҳи “ҳифзи насл”-ро Имом Ғазолӣ ба кор бурда, онро дар ҷумлаи заруриёти *мақосиди шариати исломӣ* гузоштааст.[78] Имом Шотибӣ низ истилоҳи Имом Ғазолиро тасдиқ намудааст, чуноне, ки мо дар боло зикр кардем.

Далели мо аз ин гуфтаҳо ин аст, ки дар асри бист донишмандон ва махсусан касоне, ки ба мавзӯи *мақосиди шариат* аҳамияти хос медод, истилоҳи “ҳифзи насл”-ро инкишоф доданд, то бахше аз назарияи “ҳифзи оила” бошад. Мисол, Ибни Ошур дар китоби "Мақосид аш-шариъат ал-исломия" як фасли мустақил барои *мақосиди* оила сохтааст. Баъзе аз пажӯҳишгарон бар ин назаранд, ки Ибни Ошур бо истилоҳоти нав дар ташаккули назарияи “ҳифзи насл” саҳм гузоштааст ва бархе дигар ба ин назаранд, ки назарияи нав ҷои назарияи куҳнаро гирифтааст. Дар ҳар сурат, Ибни Ошур роҳро барои уламои баъд аз худ боз кард, то назарияи *мақосидро* ба сӯи офоқи нав равон кунанд, монанди Юсуфи Қарзовӣ, ки "бунёди оилаи солим"-ро ба *мақосиди шариат* илова кард ва ин истилоҳро он чунон барои ҷомеа мунъакис кард, ки оила дар он ҳамчун бахши асосиаш зоҳир

мешавад. Ин ба он маъно нест, ки ҷазои таҷовуз ба номус ё даридани пардаи исматро бекор намоем ва ё ҳифзи насл фаромӯш гардад. Балки маънои онро дорад, ки ба амалӣ гаштани ин манофои фардӣ ва умумӣ бахше ва натиҷае аз бунёди оила мебошанд, ки ин муҳимтар аст. Пӯшида нест, ки додани ин авлавият ба оила сабаби тақвияти ҳуқуқи зани мусулмон мегардад, ки агар воқеияти ҳолати имрӯзро баррасӣ кунем, ба ин тақвият бисёр эҳтиёҷ доранд. Ин кор ҳамчунин сабаби тақвияти ҳуқуқи фарзандон гашта, ки ояндани умматанд, онҳоро аз беадолатӣ ва беҳуқуқӣ ҳифз мекунад. Ин нармӣ дар инкишофи истилоҳоти *мақосид* шариатро дар хизмати уммати муосир қарор медиҳад.

Тасвири назарияи *мақосид* баъд аз Ибни Ошур дигар он тасвири Омирӣ, ки таҳқиқи *масолеҳро* дар иҷрои ҷазо медонист, ва тасвири Ғазолӣ, ки пофишорӣ бар ҳифз, яъне ҳимоя аз зарар ва мафосид дошт, нест, балки назарияи нав ба сӯи “арзишҳо” ва “низомҳо” сайр мекунад ва ин ду аз истилоҳоти Ибни Ошур мебошанд.[79] Вале баъзе донимандони муосир бо дохил кардани чизҳои нав, монанди “адолат” ва “озодӣ” ба *мақосиди шариат* мухолифат менамоянд. Онҳо андешаи худро чунин баён мекунанд, ки ин мафҳумҳо дар назарияҳои қадимиҳо вуҷуд доранд ва дар он мисли ҷараёни об дар ҷӯй ҷорианд.[80] Аммо ман ҳеҷ далеле барои тарс доштан дар инкишоф додани назарияи *мақосид* намебинам, чунки он низ мисли дигар назарияҳои башарӣ дар улуми гуногун инкишоф ва тараққӣ мекунад.

Мавзӯи “ҳифзи ақл” то солҳои наздик дар таҳрими масткунандаҳо маҳдуд мешуд ва албатта ин ҳам бисёр муҳим аст. Аммо ин истилоҳ дар замони мо тараққӣ намудааст ва шомили истилоҳи “гуштариши тафаккури илмӣ”, “сафар кардан дар талаби илм”, “мубориза бо андешаи гӯшанишинӣ” ва “бастани роҳи гурези мағзҳо аз давлатҳои исломӣ” мегардад.[81]

Ин гуфтаҳо ҳамчунин ба мавзӯи “ҳифзи номус” ва “ҳифзи ҷон”, ки дар таснифи Ғазолӣ ва Шотибӣ дар дараҷаи заруриёти *мақосиди шариат* буданд, дахл дорад. Пеш аз онҳо, чуноне, ки зикр шуд, ҷазо барои “беобрӯ кардан” дар истилоҳоти Омирӣ ва “ҳимояи ҷонҳо” дар истилоҳоти Ҷувайнӣ матраҳ шуда буданд.

Ҳифзи обрӯ аз қадим, ҳатто пеш аз Ислом, назди арабҳо аҳамияти хос дошт. Антара, шоири машҳури замони Ҷоҳилият, дар шеъри худ аз ҷанги худ бо ду фарзанди Замзам барои дифоъ аз обрӯяш мегӯяд:

Тарсидам, ки бимирам пеш аз он,
Ки бо ду фарзанди Замзам биҷангам,
Ки маро дашном доданду ман надодам,
Ва маро аз хун метарсонанд.

**Алӣ ибни Абу Толиб мефармояд:**

Моламро ба ҳар кӣ онро хост медиҳам
Ва онро сарфи қарзу фарз мекунам.
Агар бошараф бошад, обрӯяшро ҳифз мекунам
Ва агар бешараф бошад, обрӯямро ҳифз мекунам.

**Ҳассон ибни Собит мефармояд:**

Обрӯямро бо молам ҳифз мекунам ва онро нопок намесозам,
Зеро Худованд баракат надиҳад дар мол, агар обрӯе намонда бошад.

Пайғамбар (с) баён доштааст: "Хун, номус ва моли мусулмон барои мусулмон ҳаром аст".[82] Аммо бо таъбири баъзе уламои муосир ҷои истилоҳи "ҳифзи номус"-ро дар тадқиқоти *мақосиди шариат* истилоҳи "ҳифзи шарафи инсон", балки дақиқтар гӯем, "ҳифзи ҳуқуқи инсон" гирифта истодааст, то ки яке аз *мақосиди шариати исломӣ* гардад.[83]

Баҳсу мухолифатҳои зиёде байни пажӯҳишгарони мусулмон ва ғайри мусалмон дар бораи ҳуқуқи инсон вуҷуд дорад, ки оё ин мавзӯъ бо Ислом созгор аст ё на.[84] Соли 1981 як гурӯҳи калони уламои мусулмон, ки намояндагони мазҳабҳои гуногун буданд, ба воситаи ЮНЕСКО Эъломияи исломии ҳуқуқи башарро чоп карданд, ки бар далелҳое аз Қуръон ва суннат дар

бораи ҳуқуқи инсон асос ёфта буд. Шоёни зикр аст, ки ин Эъломия шомили тамоми ҳуқуқе буд, ки дар Эъломияи умумии ҳуқуқи башар зикр шудааст, аз ҷумла ҳаққи зиндагӣ, озодӣ, баробарӣ, адолат, муҳокимаи одилона, манъи азоб додан, ҳаққи паноҳандагӣ, озодии дин ва баён, ҳаққи гирдиҳамоӣ, ҳаққи таълим ва озодии аз ҷое ба ҷои интиқол ёфтан.[85]

Аммо баъзе аъзои Дафтари комиссари олии Созмони милали муттаҳид оид ба ҳуқуқи инсон баъд аз содир шудани Эъломияи исломӣ ҳуқуқи башар нигаронии худро баён карданд, зеро он, ба гуфтаи онҳо, "ба робитаи байни тамоми фарҳангҳо, ки дар Эъломияи умумии ҳуқуқи башар эълон шудааст, ба таври ҷиддӣ таҳдид мекунад".[86] Бо вуҷуди ин, баъзе аъзои дигари ин созмон гуфтанд, ки Эъломияи исломии ҳуқуқи башар "ҷанбаҳои мусбати наверо ба ҳуқуқи башар илова мекунад, зеро бар хилофи Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ҷанбаи илоҳӣ ба он мебахшад ва ин худ ангезаҳои ахлоқиро барои қабули ин ҳуқуқ меафзояд".[87] Ҷанбаи *мақосиди шариат* дар бораи ҳуқуқи инсон назари гурӯҳи дуюмро тасдиқ намуда, назари гурӯҳи аввалро дар назар мегирад, махсусан вақте мехоҳем истилоҳоти *мақосиди шариат* замонавӣ гарданд ва дар тарзи тафаккури ҳуқуқии байналмилалӣ амиқтар бошанд. Албатта, мавзӯи ҳуқуқи башар ба пажӯҳишҳои бештар ниёз дорад, то чуноне, ки бархе пажӯҳишгарон бовар доранд, баъзе ихтилофот, ки дар татбиқи ин масоил вуҷуд дорад, ҳалли худро ёбанд.[88]

Истилоҳи "ҳифзи дин", ки онро Ғазолӣ ва Шотибӣ истифода бурдаанд, дар каломи Омирӣ дар бораи "ҷазо барои тарки дини ҳақ" реша дорад.[89] Аммо худи ҳамин назария дар асри ҳозир ба маънои дигаре фаҳмида мешавад ва имрӯз истилоҳи "озодии эътиқод", ки истилоҳи Ибни Ошур аст,[90] ё "озодии ақида", ки истилоҳи уламои муосир аст, истифода мешавад.[91] Уламое, ки назарияи озодии динро тасдиқ мекунанд, дар равиши худ ба маънои умумии ояти "Дар дин ҳеҷ маҷбурие нест" [92] такя мекунанд, ки асли асосӣ ва далели қавитар аз мафҳуми "ҷазои муртад" ба хотири ҳифзи дин мебошад, ки дар фиқҳи классикӣ паҳн гашта буд. "Ҷазои муртад" ҷазоест барои шахсе, ки дини

худро иваз кардааст, агарчи муртакиби гуноҳи дигаре нашуда бошад. Дар тули таърих мебинем, ки масъалаи “ҷазои муртад” ба таври нодуруст ва ба *мақсадҳои* сиёсатмадорон ва султаҷӯён истифода шудааст. Шояд имрӯз бо истифодаи *мақосиди шариат* мо тавонем ин андешаро ба мафҳуми аслиаш, яъне “Дар дин ҳеч маҷбурие нест” баргардонем, ва албатта ин мавзӯъ ба пажӯҳишҳои бисёр ниёз дорад.

Истилоҳоти “ҳифзи мол”-и Имом Ғазолӣ, "ҷазои duздӣ"-и Омирӣ ва “исмати мол”-и Ҷувайнӣ, ки бо якдигар монананд, инкишоф ёфта, бо истилоҳоти асри мо дар соҳаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт ҳамхонӣ доранд. Мисол, дар асарҳои дар боби *мақосиди шариат* истилоҳоти монанди таҳаққуқ ёфтани ҳамдардӣ, баробарӣ ва наздик шудани табақаҳои ҷомеаро илова бар ҳифзи моли мардум аз duздӣ, ғасб ва ҳаром гардонидани рибо мебинем ва ин мафҳуми аслӣ аст.[93] Ин гуна пешрафтҳо фурсатро барои *мақосиди шариат* муҳайё мекунанд, то дар ташвиқи рушду нумӯи иқтисоди иҷтимоӣ бештар таъсиргузор бошанд ва ин амри муҳиме барои бисёре аз давлатҳоест, ки аксари аҳолиашон мусулмон ҳастанд. Ҳамчунин ин масъала як навъ ҷойгузини исломӣ дар сармоягузорӣ ба шумор меравад ва ҷойгузине мебошад, ки имрӯзҳо ҳатто дар давлатҳое, ки аксарияти аҳолиашон мусулмон нестанд, равнақи зиёде дорад, махсусан дар охирин буҳрони иқтисодии ҷаҳонӣ.

“Рушди башарӣ” мафҳуми рушду нумӯест, ки Гузориши Созмони милали муттаҳид оид ба рушди устувор дар ин хусус мебошад ва ин мафҳум шомилтар аз мафҳуми “рушди иқтисодӣ” аст. Мувофиқи навтарин гузоришҳои Барномаи рушди Созмони милали муттаҳид сатҳи рушди башарӣ давлатҳое, ки аксарияти аҳолиашон мусулмон мебошанд, хеле пасттар аз давлатҳои пешрафта аст. Ин гузоришҳо дар бораи рушди башарӣ бар асоси беш аз дусад нишондиҳандаҳо мебошанд, аз ҷумла нисбати иштирок дар сиёсат, камтар будани фоизи бесаводӣ, фоизи дохил шудан ба мактабҳо ва донишгоҳҳо, дарозии умр, фароҳам будани оби пок, камтар будани фоизи бекорӣ, сатҳи зиндагӣ ва нисбати адолати иҷтимоӣ. Аммо дар баъзе дав-

латҳое, ки аксарияти аҳолиашон мусулмон ҳастанд, махсусан давлатҳои нефтдори сарватманд, — чуноне, ки дар гузоришҳои Созмони милали муттаҳид зикр шудааст, — фарқиятҳое байни сатҳи даромади миллӣ ва фоизи адолати иҷтимоӣ, махсусан иштироки зан дар зиндагии умумӣ ва иқтисодиёт, вуҷуд дорад.[94]

Дар паҳлуи ақалиятҳои мусулмон, ки дар кишварҳои пешрафта зиндагӣ мекунанд, баъзе давлатҳое, ки аксарияти аҳолиашон мусулмон аст, дар ҷумлаи "кишварҳои хеле пешрафта" қарор доранд, аз ҷумла Бруней, Қатар ва Аморати Муттаҳидаи Араб. Аммо ин кишварҳое, ки зикр кардем, ҳамагӣ як фоизи тамоми мусулмононро ташкил медиҳанд. Ва кишварҳое чун Яман, Нигерия, Мавритания, Ҷибутӣ, Замбия, Сенегал, Кения ва Малӣ, ки даҳ фоизи мусулмононро ташкил медиҳанд, дар поёнтарин сатҳи рушди инсонӣ қарор доранд.

Ман пешниҳод мекунам, ки "Нишондиҳандаҳои рушди башарӣ" ҳамчун миқёс дар таҳаққуқ ёфтани "масолеҳи умумӣ" дар асри мо қабул карда шаванд, чунки шариати исломӣ ба воситаи аҳкоми муомилаҳои гуногун мехоҳад ба дараҷаи хуби ин нишонаҳо бурда расонад. Ҳамчунин мафҳуми *мақосиди шариат* имкон медиҳад, ки қиёс дар ҳақиқат қиёси амалӣ бар асоси меъёрҳои илмӣ бошад. Мо ба пажӯҳишҳои бештаре дар мавзӯи "рушди башарӣ" аз дидгоҳи *мақосиди шариат* ниёз дорем, монанди он чӣ, ки дар бораи ҳуқуқи инсон зикр кардем. Аммо ин ҷо мо гуфтанием, ки рушди мафҳуми *мақосиди шариати исломӣ*, ки аҳдофи рушди башариро аз дидгоҳи Ислом дар бар мегиранд, барои бедории олами исломӣ пояи мустаҳкаме мебахшад, ба ҷои ин, ки дар пушти миллатҳои пешрафта қарор дошта, ҳатто дар мафҳуми рушд ва пешрафт тобеи онҳо бошад.[95]

### *Мақосиди шариат ҳамчун асосе барои иҷтиҳоди нав*

Дар усули фиқҳи исломӣ байни мафҳуми таоруз ва ихтилофи далелҳо (*яъне оятҳо ё ҳадисҳо*) ва таноқузу зиддияти онҳо фарқ аст.[96] Таноқуз яъне дар як масъала далелҳо ба рост ё дурӯғ бу-

дан, дуруст ё нодуруст будан далолат мекунанд, на бар чизи дигаре.[97]

Аммо мафҳуми таоруз ва ихтилоф байни далелҳо чунин таъриф карда мешвад, ки таоруз ва ихтилоф дар фаҳми муҷтаҳид аст, на дар худи масъала.[98] Ин ба он маъност, ки вақте ду далеле дар зоҳир бо ҳам мухолиф аз Қуръону суннат оянд, маънои онро надорад, ки ин ду далел бо ҳам дар ҳақиқат зид ҳастанд ва ҳалли он номумкин аст. Шояд ин таоруз дар фаҳми фақиҳ ба вуҷуд омада бошад ва ду далел дар назари ӯ бо ҳам мухолиф бошанду имкони тавофуқ байни онҳо набошад. Сабаби ин ба таври комил нафаҳмидани ҳадис аст. Илова бар ин, чунин ҳолат ба сабаби кам будани маълумот дар бораи вақт, ҳолат ва ҷое, ки далел дар он омадааст, пеш меоянд, зеро ин омилҳо таъсири бузурге дар фаҳми далелҳо доранд.[99]

Аммо гоҳе маълум мешавад, ки яке аз ин ду ҳадиси мухолиф бо санади саҳеҳ ворид нашудааст ва бо ҳамин ин мушкил, вақте фақат як ҳадис мемонад, ҳалли худро меёбад ва фақеҳон инро "тарҷеҳ" меноманд. Лекин дар тарҷеҳ омилҳои бетарафона дохил мешаванд. Намунаи онро дар ривояти Аҳмад аз Абу Ҳассон аз Абуҳурайра мебинем: "Ду марде назди Оиша (р) омаданд ва гуфтанд: Абуҳурайра ривоят мекунад, ки Пайғамбари Худо (с) фармудаанд: "Фоли бад дар зан, чорпо ва хона мебошад"[100] Аммо Оиша (р) дар посух мегуяд: "Қасам ба зоте, ки Қуръонро ба Абулқосим нозил кардааст, ин тавр намегуфт, балки Пайғамбари Худо (с) мегуфт: Аҳли ҷоҳилият мегуфтанд, ки фоли бад дар зан, хона ва чорпо аст".[101] Пас ин ду ҳадиси саҳеҳ дар зоҳир бо ҳам мухолифанд, вале бояд таваҷҷуҳ кард, ки бисёре аз шореҳони ҳадис ривояти Оишаро (р) рад кардаанд, бо вуҷуди ин, ки аҳодиси зиёде ин ривоятро тасдиқ мекунанд, мисли ҳадисе, ки онро Муовия ибни Ҳаким аз амакаш Михмар ибни Муовия ривоят мекунад, ки гуфт: Расулуллоҳро (с) шунидам, ки мегуфт: "Фоли бад нест ва шояд баракат бошад дар зан, асп ва чорпо". Ва бо вуҷуди ин, ки ривояти Оиша (р) бо маънои ояти "Ҳар мусибате ба мол ё ба ҷонатон расад албатта пеш аз он ки биёфаринемаш, дар китобе навишта шудааст"[102] маънои на-

здик дорад, мо мебинем, ки Ибни Қайими Ҷавзӣ назари худро чунин баён мекунад: “Ин радди ҳадиси возеҳи саҳеҳе мебошад, ки ровиҳои он муътамад мебошанд”, ҳарчанд худи ин хабар возеҳ ва ошкор аст ва ровиҳои он муътамад мебошанд. Абубакр ибни Арабиро барои ин, ки дар ҳаққи модари муъминон, Оиша (р) гуфтааст: “Сухани беарзише аст”, айб мегиранд. Аз чунин имоме чунин сухан дар ҳаққи модари муъминон сазовор нест.[103] Мақсад аз овардани ин намуна баён кардани қаноати шахсӣ ба хотири “дур кардани таоруз” мебошад.

Аммо дар бештари ҳолатҳо фақеҳон бар ин назаранд, ки яке аз ду оят ё ҳадиси бо ҳам мухолиф мансух аст, яъне ҳукмаш бекор шуда мебошад. Сабаби насх ва бекор шудани ҳукм назди фақеҳон вақте собит мешавад, ки маълум гардад, ки аз нигоҳи замон яке аз ду далел пеш аз дигаре будааст ва таорузи байни онҳо бо насх шудани пешина ба воситаи баъдина ҳалли худро меёбад. Яъне вақте ду оят дар як мавзӯъ нозил мешавад, пас ояти баъдтар нозилшуда ояти пештараро насх, яъне ҳукмашро бекор мекунад. Дар масъалаи аҳодис низ чунин аст, яъне вақте ду ҳадиси мухолиф дар як масъала ворид мешаванд ва фақеҳ замони онҳоро бо истинбот аз таърихҳо мефаҳмад, ҳадисе, ки аз нигоҳи санаи собит шудан баъд аз ҳадиси аввалӣ бошад, ҳадиси мухолиферо, ки пеш аз он будааст, насх, яъне ҳукмашро бекор мекунад. Пас истидлол ба бисёри далелҳое, ки аз нигоҳи санад ва матн, яъне силсилаи ровиҳо ва маънои ҳадис ҳеҷ заъфе надоранд, фақат ба сабаби ин, ки баъзе фақеҳон натавонистаанд онҳоро дар як мафҳум ва равиши дуруст бо ҳам ҷамъ намоянд, тарк шудааст.

Дар каломи Расуллулоҳ (с), ки дар тамоми китобҳои ҳадиси равияҳо ва мазҳабҳои гуногун омадааст, ҳеҷ гуна далеле барои тасдиқи назарияи насх (бекор кардани ҳукм), ба шакле, ки назди фақеҳон вуҷуд дорад, нест. Вақте калимаи "насх" ва муштақоти онро дар китобҳои чандин муҳаддис, аз ҷумла Бухорӣ, Муслим, Тирмизӣ, Нисоӣ, Абу Довуд, Ибни Моҷа, Аҳмад, Молик, Доримӣ, Ҳоким, Ибни Ҳиббон, Ибни Хузайма, Байҳақӣ, Дорақутнӣ, Ибни Абушайба ва Абдурраззоқ ҷустуҷӯ кар-

дам, як ҳадиси саҳеҳ ё ҳасан аз Пайғамбар (с) наёфтам, ки шомили яке аз ин муштақоти калимаи "насх" бошад. Дар тамоми ин китобҳо ҳамагӣ чиҳил ҷо калимаи “насх” ворид шудааст, ки он ба яке аз ровиҳо ва ё шореҳони аҳодис дар тафсири “таоруз” бар мегарданд, на дар худи аҳодиси шариф. Мавзӯъи насхро дар баёноти саҳобагон ва дигарон дар бораи аҳодиси шариф ба таври густарда меёбем, вале дар аксари ҷойҳо ба маъно “махсус кардан” омадааст. Яъне онҳо ҳолатҳои таорузро дар яке аз ин ду ҳадис “ҳолати махсус” нисбати ҳадиси дигар, ки умумӣ мебошад, тафсир намудаанд, на ба маъно бекор кардани ҳукм. Ҳамчунин мебинем, ки дар бисёри китобҳои тафсири мутақаддимон бар Қаръони карим назарияи насх, яъне бекор кардани ҳукмҳои пешина бо аҳкоми баъдина, собит нашудааст, зеро дар бораи бисёри оятҳое, ки иддао мешавад, ки мансух шудаанд, ихтилофи назар вуҷуд дорад.[104]

Намунаи зерин ошкор мекунад, ки иддаои бе далели насх дар кадом ҳад густариш ёфтааст. Дар ояти 5-и сураи “Тавба”, ки онро "Ояти шамшер" меноманд, чунин омадааст: "Ва чун моҳҳои ҳаром ба поён расид, ҳар ҷо, ки мушриконро ёфтед, бикушед ва бигиреду ба ҳабс афканед ва дар ҳама ҷо ба каминашон нишинед". Вақте ба сабаби нузули ин оят бармегардем, мебинем, ки он дар соли 9-и ҳиҷрӣ, дар замони ҷанг байни мусулмонон ва кофирони Макка нозил шудааст. Ҳамчунин оятҳое, ки пеш ва пас аз ин оят ҳастанд, дар рафти ҳамон ҷанг нозил шудаанд ва ин сура масоили ҳамон ҷангро баррасӣ мекунад. Аммо тафсири ин оят, ки дар зимни дигар оятҳо вақти ҷанг нозил шудааст, маънои онро аз доираи худаш берун карда, муддаӣ шудааст, ки алоқаҳо байни мусулмонон ва кофиронро дар ҳама шароит ва ҳар замону ҳар макон муайян месозад. Аз ҳамин нигоҳ баъзеҳо бар ин ҳукм кардаанд, ки ин оят беш аз ду сад ояти Қуръони каримро, ки ба гуфтугӯ, озодии дин, бахшиш ва сулҳ даъват мекунанд, ва ҳатто оятҳоеро, ки ба сабр фаро мехонанд, мансух намудааст. Ягона роҳе, ки бисёри муфассирон ба хотири дур кардани таоруз ба он рӯй оварданд, иддаои онҳо бар он буд, ки ин оят дар поёни зиндагии Расулуллоҳ (с) нозил шудааст ва

тамоми оятҳоеро, ки бо ин оят зиддият доштанд, мансух намудааст.

Ба ҳамин сабаб онҳо оятҳои зеринро мансух ҳукм карданд: “Дар дин ҳеҷ маҷбурие нест” (Бақара, 256); “Афвашон кун ва аз гуноҳашон даргузар, ки Худо некӯкоронро дӯст медорад” (Моида, 13); “Сухани бади онҳоро бар ҳар чӣ некӯтар меояд, ҷавоб деҳ. Мо ба сухани онҳо огоҳтар ҳастем” (Муъминун, 96); “Пас сабр кун, ки ваъдаи Худо ҳақ аст” (Рум, 60); “Бо аҳли китоб ба некӯтарин тарзе баҳс кунед” (Анкабут, 46), “Шуморо дини худ ва маро дини худ!” (Кофирун, 6). Ғайр аз ин оятҳои зиёде низ ҳастанд.

Ҳамчунин бе ягон далел бо айни ҳамин иддаоҳо аҳодиси шарифи зиёдеро, ки ба ибораи муосир ақди шартномаҳои сулҳ ва ҳамзистӣ байни бисёри гуруҳҳо ва фарҳангҳои гуногунро иҷозат медиҳанд, мансух ҳукм кардаанд. Аз ҷумлаи ин аҳодис “Саҳифаи Мадина” ё ҳамон “Аҳдномаи Мадина” мебошад, ки дар он Расуллоҳ (с) бо яҳудиёни Мадина аҳдномаи сулҳро навишт ва дар он алоқаҳо байни яҳуди Мадина ва мусулмононро дарҷ намуда буд. Дар он аҳднома омада буд: “Мусулмонон ва яҳуд як мардуманд, барои мусулмонон дини худашон ва барои яҳудиён дини худашон”.[105] Вале бисёри шориҳини ин ҳадис бар онанд, ки ин аҳдномаи сулҳ бар асоси "Ояти шамшер" ва оятҳое, ки дар бораи ҷанг нозил шудаанд, мансух мебошад.[106] Ба ҳамин хотир, вақте инсон ба ҳамаи ин оятҳо ва аҳодисе, ки баъзеи он ба ҷанг ва баъзе дигар ба сулҳ амр мекунанд, нигоҳ мекунад, фикр мекунад, ки онҳо бо ҳам мухолифанд, вале ман намефаҳмам, ки чаро инсон ҳамеша дар ҳама замон ва ҳама ҳолу аҳвол танҳо ҷанг ё танҳо сулҳро интихоб мекунад?

Он чӣ, ки корро мушкилтар месозад, ин аст, ки тобеин ва табаа тобеин бештар аз саҳобагон ба ҳолатҳои насх ишора кардаанд.[107] Баъд аз гузаштани асрҳо инсон мулоҳиза менамояд, ки фақеҳони мазҳабҳои гуногун ҳолатҳои насхи зиёди дигареро, ки тобеин онҳоро зикр накардаанд, илова намудаанд, мисли ин, ки насх ҳамчун василае ба дасти фақеҳон ба хотири рад кардани мухолифонашон аз мазҳабҳои дигар дар мунозираҳо

қарор гирифтааст. Абулҳасани Кархӣ (874 — 951) менависад: "Назди мо чунин қоида вуҷуд дорад, ки ҳар ояте, ки мухолифи назари ёрони мост, таъвил ё мансух шудааст".[108] Бинобар ин, ҷои таҷҷуб нест, агар ҳукмеро дар китобҳои фиқҳии як мазҳаб носих ва мазҳаби дигар мансух ёбем. Масъалаи насх назди баъзе фақеҳони мутааххир амре шудааст, ки дар он ҳеҷ қоида ва қонуне риоя намешавад.

Ин ҷост, ки нақши *мақосиди шариат* намоён мешавад, чунки *мақосид* роҳи мантиқӣ ва созгореро барои ҳалли мушкилоти далелҳои мухолиф пешниҳод мекунанд. Ин чиз бо мисолҳои зерини бартараф кардани таорузи зоҳирӣ бар асоси назарияи *мақосиди шариат* ошкор мегардад.

1. Далелҳои зиёди бо ҳам мухолиф дар бораи адои *ибодатҳо* ва аҳкоми мухталиф бо шаклҳои гуногун вуҷуд доранд, ки ҳамаи онҳо бо ривоятҳои саҳеҳ ба Пайғамбар (с) мансуб шудаанд. Вале ин ривоятҳои мухталиф, мутаассифона, боиси баҳсҳои дуру дароз ва мушкилот байни мусулмонон ҳатто дар масҷидҳо шудаанд. Аммо агар аз нуқтаи назари *мақосиди шариат* ба ин далелҳо нигоҳ кунем, мефаҳмем, ки мақсади Расулуллоҳ (с) аз адои *ибодатҳо* бо шаклҳои гуногун осонӣ будааст ва ин амр сабаб мешавад, ки нармӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ ба вуҷуд ояд.[109] Намунаи ин амалҳо гузоштани даст дар намоз бо шаклҳои мухталиф ва ҳаракатҳои намоз ба шакли ом,[110] хондани ташаҳҳуд бо шаклҳои мухталиф,[111] шаклҳои гуногуни саҷдаи саҳв,[112] шаклҳои гуногуни такбирот дар намозҳои ид,[113] ихтилофҳои мавҷуд дар баъзе тафсилоти ҳаҷ ва ғайра аст.[114]

2. Чандин ривояти марбут ба урфу одат ҳаст, ки онро низ мухолиф меноманд, вале аз даричаи *мақосиди* “шариати ҷаҳонӣ” метавон мафҳуми гуногуниро дар ин ривоятҳо дид.[115] Ба ибораи дигар, ихтилофоте, ки дар аҳодис вуҷуд доранд, бояд чунин фаҳмида шаванд, ки ин аҳодис ихтилофот ва урфу одатҳои гуногунро эътироф мекунанд, на ба мақ-

сади танокуз ва зиддият бо ҳам омадаанд. Намунаи он ду ҳадисе мебошад, ки ҳар дуро Оиша (р) ривоят мекунад. Яке аз ин ду ҳадис занро аз издивоҷ кардан бе иҷозати валияш, яъне ба таври мисол падар ё бародараш, манъ менамояд,[116] аммо дар ҳадиси дигар барои зане, ки як бор издивоҷ кардааст, иҷозат медиҳад, ки худаш шавҳарашро интихоб кунад.[117] Ривоят шудааст,[118] ки худи Оиша (р) баъзе издивоҷҳоро роҳбарӣ намудааст ва дар он шарти вуҷуди валиро татбиқ накардааст, аз ҷумла Ҳафса, духтари бародараш Абдурраҳмон ибни Абубакрро ба никоҳ даровард дар ҳоле, ки Абдурраҳмон ғоиб буд. Ин бар он далолат мекунад, ки мазҳаби ҳар дуяшон бар иҷозаи никоҳ бе ҳузури валӣ мебошад, чуноне, ки муҳаққиқон ба ин масъала ишора намудаанд.[119] Баъзе пайравони мазҳаби ҳанафӣ ин масъаларо чунин шарҳ додаанд, ки манъи зан аз никоҳ кардани худаш ба он хотир аст, ки ӯро ба бадахлоқӣ мансуб накунанд, ва ин масъаларо ба урфу одатҳо марбут медонанд.[120]

Аммо фаҳми ҳар ду ҳадиси шариф дар доираи урфу одатҳо бо дар назардошти мақсади ҷаҳонӣ будани шариат мушкили ихтилофи онҳоро ҳал мекунад ва барпо кардани маросими издивоҷ дар асоси урфу одатҳои гуногун дар ҳар макону замон имконпазир мегардад. Ин гуна назарияҳо барои мусулмонҳо шароит фароҳам меоранд, ки дар ҳар ҷое, ки бошанд, метавонанд муайян кунанд, ки урфу одатҳои марбут ба ин ё он маросим мақбул ҳастанд ё на, албатта, агар ҳаром набошанд. Ин тарзи андеша фарҳанги ҳамзистӣ ва ҳамдигарфаҳмиро байни ҷомеаҳое, ки фарҳангҳо ва қавмҳои гуногун доранд, муяссар месозанд.

3. Теъдоде аз аҳодис зимни аҳодиси мансухшуда дохил шудаанд, дар ҳоле, ки онҳо марҳалаҳои тадарруҷ, яъне зина ба зина татбиқ гаштани аҳкоми шариат мебошанд. Пас ҳадаф аз зина ба зина татбиқ шудани аҳкоми шариат ҳамоно ба осонӣ ба вуҷуд овардани тағйироте дар одатҳои баде мебошанд,

ки дар ҷомеа реша кардаанд ва ё ба хотири ривоҷ додани ахлоқи хуб дар ин ҷомеаҳо мебошад.[121] Пас аҳодиси бо ҳам мухолиф дар боби таҳрими шароб, рибо ва фарз гаштани намоз ва рӯза бояд дар сиёқи мақсади набавӣ дар иҷрои зина ба зинаи аҳкоми шариат дар ҷомеа фаҳмида шаванд, махсусан он чӣ марбут ба навмусулмонон мебошад, чунки онҳо ба вақти кофӣ зарурат доранд, то ба амалӣ сохтани амрҳо ва таълимоти исломӣ одат намоянд.

4. Баъзе аз уламо теъдоде аз аҳодисро ба он хотир "мутаориз" меҳисобанд, ки аз ин аҳодис аҳкоми мухталиф барои ҳолатҳои гуногун истинбот мешавад, аммо агар ин аҳодисро ба он маъно тафсир намоем, ки хитоб ба ашхоси гуногун мебошанд, дар он сурат ин таоруз ҳалли худро меёбад. Дар ин ҳолатҳо *мақсад* "ҳосил шудани бештарин манфиат барои мардум" мебошад. Ин калидест барои фаҳми ин далелҳо дар асоси вуҷуд доштан фарқ байни саҳобагоне, ки ин аҳодис мустақиман онҳоро мухотаб қарор дода буданд.

Масалан, аҳодисе дорем, ки баён медоранд, ки Расулуллоҳ (с) зани талоқшудаeро хабар намуд, ки агар издивоҷ намуд, аз ҳаққи ҳазонати фарзандонаш маҳрум мегардад. Абу Довуд дар китоби талоқ дар боби ин, ки кӣ метавонад лоиқи ҳазонати кӯдак бошад, агар зан издивоҷ кунад, ҳадисе аз Абдуллоҳ ибни Амр ривоят мекунад, ки зане гуфт: "Эй Пайғамбари Худо! Барои ин фарзандам шикамам зарф, синаҳоям нушиданӣ ва оғӯшам ҳаёт буд, вале падараш маро талоқ дода, мехоҳад фарзандамро аз ман бигирад". Расулуллоҳ (с) ба ӯ гуфт: "Модоме, ки издивоҷ накардаӣ, ту сазовортар мебошӣ".[122] Дар айни ҳол, аҳодиси дигари мухолиф вуҷуд доранд, монанди қиссаи Умми Салама (р), ки баъд аз издивоҷ бо Расулуллоҳ (с) ҳам кафолати фарзандашро бар уҳда дошт. Ва инчунин монанди қиссаи духтари Ҳамза, ки Пайғамбар (с) ӯро ба холааш супорид, дар ҳоле, ки ӯ издивоҷ карда буд.[123] Аксари мазҳабҳо ба маҷмӯаи аҳодиси аввал такя намуда, истинбот карданд, ки чун зан издивоҷ намуд,

ҳаққи тарбияи фарзанд ба падар мегузарад. Уламо маҷмӯаи аҳодиси аввалро ба хотири саҳеҳтар буданашон, ки онро Имом Бухорӣ ривоят кардааст, интихоб намуданд ва маҷмӯаи дуюмро тарк карданд.[124] Аммо Ибни Ҳазм ба далелҳои маҷмӯаи дуюм истидлол намудааст ва ба сабаби шак намуданаш дар ҳифзи яке аз ровиҳо маҷмӯаи аввалро тарк намудааст.[125] Дар ҳоле, ки Санъонӣ баъд аз баррасии ҳар ду маҷмӯаҳои аҳодис онро ба манфиати фарзанд вобаста донистааст. Пас агар тарбияи модар беҳтар ва нофеътар бошад, ҳаққи модар мегардад ва назди касе мемонад, ки манфиаташ барои фарзанд бештар бошад. Баъд аз он мегӯяд: "Шариат ғайр аз ин чизи дигареро ҳадаф надорад".[126] Пас ин ҷо дар ин калом адолат ва манфиатро меъёр қарор додаанд ва имкон надорад, ки шариат ба беадолатӣ ва беаҳамиятӣ нисбати манфиатҳо мавсуф бошад. Қасди ман ин ҷо ишора ба манфиатҳое мебошад, ки *мақсадҳои* шариат онро мехоҳанд. Чунин нигоҳ ба шариати исломӣ мусулмонро водор месозад, то дар баробари тамоми шариатҳои башарӣ, ки ҳадафашон амалӣ сохтани адолат дар ҷомеа мебошад, мунсиф бошад, агарчӣ ин шариатҳо асоси ғайри исломӣ дошта бошанд, чунки адолат ва инсоф байни тамоми шариатҳо муштарак мебошад.

### ***Фарқ байни василаҳо ва ҳадафҳо***

Шайх Муҳаммад Ғазолӣ байни *василаҳо* ва ҳадафҳо фарқ гузошта, баён доштааст, ки чун салоҳияти *василаҳо* ба поён расад, онҳо тағйир мекунанд ва аммо аҳдоф ва *мақосид* собит мемонанд. Низоми ғаноимро ба ин масъала ба таври намуна меорад ва онро "поёни ҳукм" меномад. Бо вуҷуди ин, ки ғаноим дар оятҳои сареҳи Қуръони карим зикр шудаанд, онҳо аз ҷумлаи василаҳои тағйирпазир мебошанд.[127] Юсуфи Қарзовӣ ва Файсали Мавлавӣ баъдтар ҳангоми суҳбатҳое, ки дар Шӯрои Аврупо оид ба фатво ва тадқиқот дар бораи оғози моҳи муборакн рамазон дар Аврупо баргузор шуд, ба пажӯҳиш дар бораи аҳамияти мавзӯи "фарқ гузоштан байни васоил ва аҳдоф" бархостанд. Ҳар дуи ин донишмандон ба ин назар иттифоқ намуданд, ки дидани моҳ барои исбот намудани моҳи муборакн рамазон ва-

сила мебошад, на ҳадаф ва *мақсад*. Бар ҳамин асос ба ин натиҷа расиданд, ки ҳисоботи фалакиёт дар асри ҳозир беҳтарин васила барои ҳалли мушкилоти илмӣ дар мавзӯи муайян кардани оғоз ва анҷоми моҳи муборaки рамазон барои ақаллиятҳои мусулмон мебошанд.[128] Шайх Юсуфи Қарзовӣ дар мавзӯи ҳиҷоби зан низ ҳамин назарияро татбиқ намуда, онро василае барои расидан ба иффату покдоманӣ донистааст, на *мақсад* ва ҳадафи собит.[129]

Барои ман возеҳ ва ошкор шудааст, ки боз шудани даричаи "фарқ гузоштан байни *василаҳо* ва аҳдоф" майдони васееро барои андешаҳо ва афкори асил дар қонунгузории исломӣ боз мекунад. Доктор Тоҳо Ҷобир Алвонӣ барои ислоҳи андешаҳои исломӣ тарҳеро дар китобаш "Ислоҳи андешаи исломӣ" пешниҳод кардааст. Ӯ дар ин китобаш масъалаи бисёр муҳиммеро зимни "*фарқ гузошатан байни василаҳо ва аҳдоф*" зикр мекунад. Ин амр мавзӯи баробарӣ байни ду ҷинси мухолиф, яъне зану мард дар эътибори қонунӣ доштан мебошад. Ӯ менависад:

> *"Қуръони карим мардумро ба сӯи имони комил бо баробар кардани ҳуқуқи ҳар ду ҷинси мухолиф роҳнамоӣ кард. Махсусан ҳамин боб аз бобҳои дин шояд бештар аз дигар бобҳо инқилоби фикриро баён намояд ва шояд аҳамияти он камтар аз инкори бутпарастӣ набошад. [...] Назар ба одатҳои мавҷуд дар Ҷазираи Араб ва урфу одатҳои боқӣ монда аз даврони ҷоҳилият ва назар ба вазъияте, ки аввалин ҷомеаи исломӣ дар он қарор дошт, лозим буд ин дигаргуниҳо дар марҳалаҳои муайяне ҷорӣ гарданд, то ҷомеа тағйироти ба вуҷуд омадаро мутобиқи бардошт ва тавоноиҳои худ дар татбиқи он таҳаммул карда тавонад. [...] Дини муборaки Ислом барои зан ҳаққи шаҳодат доданро дар аҳдномаҳо дод ва дар ҳоле, ки дар замони нузули Ислом зан нақши қобили зикре надошт, Қуръони карим бо ин васила хост нақши занро ҳамчун шарики зиндагӣ асос бигузорад. [...] Ҳадаф ин буд, ки нақши занро аз гузашта бештар намуда, занҳоро шомили касоне гардонад, "ки ба онҳо ризоият диҳед, шаҳодат бидиҳанд" (Бақара,*

*282). Дохил кардани зан дар ҷумлаи шоҳидон василае буд барои расидан ба ҳадаф. Ин роҳе буд барои асос гузоштани назарияи баробарӣ байни зану мард. Аммо назари муфассирин дар тафсири ин оят, ки "агар яке (аз ду зан) фаромӯш кард, дигаре ба ёдаш биёварад" (ояти дар боло зикр шуда) ин буд, ки як шаҳодат байни ду зан тақсим мешавад ва ин тафсир нобаробариро ҳамчун як асл байни зану мард нишон медиҳад. Муфассирин ва муҳаддисини гузашта ин андешаро қабул доштанд ва наслҳои баъдӣ бо пайравӣ ва тақлид аз онҳо бар ин назар ва фаҳм бо вуҷуди нодуруст будани он собит монданд. Шакке нест, ки ин назария, ки бар асоси ин фаҳм ба вуҷуд омадааст, аз доираи фиқҳӣ низ васеътар гаштааст".*[130]

Монанди инро Оятулло Маҳдӣ Шамсуддин матраҳ намудааст, то фақеҳон назари "динамикӣ" дар фаҳми Қуръон ва суннат дошта бошанд ва ба тамоми ибораҳои Қуръон ҳамчун қонунгузории ниҳоӣ ва шомил нангаранд, балки ақлҳои худро ба кор андозанд ва ба ин назар бошанд, ки шояд ин қонунгузориҳо дар шароити хос ва муайяне ба анҷом расида бошанд ва набояд ба аҳодис бар асоси гумони худ ҳукм кунанд, ки тамоми он дар муносибатҳои мутлақ ба ҳар замон, макон ва ашхос ворид шудаанд.[131] Оятулло Шамсуддин идома дода, мефармояд, ки бо вуҷуди ин, ки ба ин назария майл дорад, вале айни замон ягон ҳукми шаръиро бар ин асос истинбот намекунад. Бо вуҷуди ин, боз ҳам эшон таъкид бар он дорад, ки аҳкоми вобаста ба зан, масоили молиявӣ ва ҷиҳод аз ҳамин роҳ истинбот шаванд.[132]

Намунаи дигар тадқиқоти доктор Фатҳӣ Усмон бар "ҷанбаҳои илмӣ" мебошад, ки бар асоси он шаҳодати зан камтар аз шаҳодати мад гардонда шудааст, чуноне, ки ояти 282-и сураи "Бақара" ба он ишора мекунад. Аз ҳамин ҷиҳат Фатҳӣ Усмон ба баррасии дубораи ин оят пардохтааст, то муносиби ҷанбаҳои илмии он бошад, чуноне, ки Шайх Албонӣ дар иқтибосе, ки дар боло зикр шуд, анҷом доаддаст.[133] Ҳасани Туробӣ низ ҳамин назарро, ки махсуси бисёри аҳком аст ва ба масоили фиқҳии зан ва либоси ӯ вобаста мебошад, пешниҳод намудааст.[134]

Роже Горудӣ худи ҳамин андешаро баён доштааст, ки Қуръони карим "мумкин аст ба ду қисм тақсим шавад ва як қисми он таърихӣ дониста шавад", ки мисоли эшон ҳам бар ин чиз аҳкоми вобаста ба зан мебошанд, "ва қисми дигар арзишҳои ҷовидонае мебошанд, ки дар Қуръон нозил шудаанд".[135] Абдулкарим Суруш низ пешниҳод кардааст, ки Қуръони карим "ба ду қисмт тақсим шавад: қисми якум умури собит ва бетағйир ва қисми дуюм умури тағйирпазир бошад ва умури тағйирпазир мувофиқи тағйироти фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва таърихӣ тағйир ёбанд".[136]

Аммо амри муҳимме, ки ин ҷо бояд дар назар гирифта шавад ин аст, ки баъзе аз нависандагоне, ки мутаассир ба фалсафаи муосири ғарбӣ гаштаанд, дар муқайяд сохтани аҳком ба шароити таърихие, ки ҳукм дар бораи он содир гаштааст, вусъатпардозӣ намудаанд. Ин ҳамон чизест, ки постмодернистҳо онро "таърихӣ" меноманд, балки ин назарияро ба Қуръон ва суннат татбиқ менамоянд, ки ба бекор кардани тамоми аҳкоми Қуръон ва суннат бурда мерасонад ва ба таври куллӣ сабаби рӯ гардондан аз аҳкоми он мегардад. Ин гуна назарро, ки андешаи таърихӣ будани Қуръону суннатро дар худ дорад, иброз мекунанд: андешаҳои мо дар бораи китобҳо, фарҳангҳо ва ҳодисаҳо ба мавқеият, фарҳанг ва ҳодисаҳо зимни шароити таърихии муайян ва пешрафтҳои таърихии он вобаста мебошанд[137] ва чуноне, ки баъзе нависандагон иддао мекунанд, Қуръони карим маҳсули фарҳанге мебошад, ки дар он зоҳир шудааст ва онро ба вуҷуд овардааст.[138]

Аммо ин назария маънои онро дорад, ки Қуръони карим як "аҳдномаи таърихие" мебошад, ки танҳо дар фаҳми як ҷомеае, ки дар як замони муайян, яъне замони нубувват, вуҷуд доштааст, манфиат мерасонаду бас.[139] Ба таври мисол, Ҳоида Муғисӣ иддао мекунад, ки "Шариат бо асли баробарии башарият мутобиқат намекунад".[140] Вай мегӯяд: "Ҳар қадар матнҳои Қуръонро таъвил ва тафсир кунем, боз ҳам авомир ва иршодоташ кифоят бар он намекунад, ки ҳуқуқи занро бо мард баробар намоянд".[141] Ибни Варроқ монанди Муғисӣ иддао мекунад, ки

ҳуқуқи инсон дар Ислом “асли озодиро ба қадри кофӣ пуштибонӣ накардааст”.[142] Иброҳим Мусо илова мекунад, ки фиқҳи исломӣ наметавонад далеле барои “дидгоҳи ахлоқӣ” ба маънои муосири ин ибора шуда тавонад.[143]

Аммо ман муътақидам, ки чунин сухан “Қуръон одил нест” ва ё “Ахлоқӣ нест” бо асли имон ба китоби Аллоҳ дар таноқуз аст. Аммо аз нигоҳи муқоиса ман муътақидам, ки ҳодисаи таърихӣ ва баъзе аҳкоми фиқҳии муайян дар Қуръони карим бояд бо дар назар гирифтани вазъияти фарҳангӣ, ҷуғрофиёӣ ва таърихии шариати Ислом фаҳмида шавад. Боз дубора баргашта мегӯем, ки калиди фаҳми ин далелҳо ҳамоно фарқ гузоштан байни василаҳои тағйирпазир ва аҳдофи собит ва бетағйир мебошад. Пас *василаҳо* мувофиқи фармудаҳои Имом Ғазолӣ имкон дорад салоҳияташон поён ёбад, аммо аҳдоф ва усул тағйирнопазир боқӣ мемонанд. Дар асоси ин фаҳм барои тамоми ҷанбаҳои гуногун имкон дорад далелҳои муҳками Қуръони каримро ба таври комил дар ҳама асру замон татбиқ намоем.

### *Мақсадҳои шариат ва тафсири мавзӯии Қуръони карим*

Ҳаракати “тафсири мавзӯӣ” гомҳоеро дар ростои “тафсири мақсадии Қуръони карим” гузошт. Баррасии мавзӯии Қуръони карим бар асоси ин назария бунёд ёфта, амал мекунад, ки “Қуръон як асле мебошад, ки ҳамдигарро комил мекунад”.[144] Бар асоси ин назарияи шомил, “*оятҳои аҳком*”, ки чандсад оят мебошанд ва фуқаҳо ин исмро бар онҳо гузоштаанд, вусъат пайдо намуда, тамоми Қуръони каримро шомил мешаванд. Тамоми оятҳо ва сураҳое, ки дар бораи ақида, қиссаҳои пайғамбарон, охират ва ё дунё мебошанд, бахшҳое аз тасвири шомил ҳастанд ва дар навбати худ ба шаклгириии аҳкоми фиқҳӣ нақш доранд. Ин равиш ҳамчунин шароитро барои усул ва арзишҳои ахлоқӣ фароҳам меорад ва он муҳимтарин амрест, ки қиссаҳои қуръонӣ ва мавзӯъҳои “рӯзи охират” бар он таъкид мекунад, то асосе барои аҳкоми фиқҳӣ бошанд.

Ҳамин равише, ки дар бораи “тафсири мавзӯии” Қуръони карим зикр кардем, дар бораи ҳадис низ иҷро мешавад. Ба ин тарз, ки ҳадиси шариф бар асоси мавзӯъҳояш фаҳмида мешавад ва он дар зимни назарияи шумулии матн ва зимни фаҳми зиндагии Расулуллоҳ (с) аз нуқтаи назари “*мақосид*” мебошад. Ин тарз ва тариқа пажӯҳишгарро маҷбур месозад, чун ҳадисе, ки бо арзишҳои ахлоқӣ ва усулии исломӣ мувофиқат накард, дар бораи саҳеҳ будани он ҷустуҷӯ намояд. Инчунин вақте фуқаҳо натавонанд байни ду ҳадиси шариф мувофиқат пайдо кунанд, дар он сурат дар асоси мувофиқат доштан бо мабонии қуръонӣ ба тарҷеҳ додани яке аз ин ду бар дигаре ҳукм мекунанд ва ин ҳамон чизест, ки теъдоди зиёде аз уламои муосир ба он қоил ҳастанд.[145] Ин ба маънои он аст, ки ба хотири исбот кардани сиҳати матн (ё муҳтавои) ҳадиси шариф олим бояд ба мувофиқ будани ҳадис бо мабонии исломӣ боварӣ пайдо кунад.

Дар поён бояд ёдовар мешавем, ки равише, ки бар асоси *мақосид* бино ёфтааст. метавонад холигоҳи асосиеро дар фаҳми ҳадиси шариф ба таври умум пур созад. Аксари аҳодиси шариф дар китобҳои гуногуни ҳадис аз як ҷумла ё ду ҷумла ташкил меёбанд ва ё ҷавобе ба як ё ду савол мебошанд. Ва ҳадис одатан шомили равиши таърихӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва табиии набуда, ин омилҳо сабаби ворид шудани ҳадис нагаштаанд. Бале, баъзе аҳодисе вуҷуд дорад, ки саҳобие ё яке аз ровиҳо дар охири ривоят мефармояд: “Намедонам, ки Пайғамбар (с) ин суханро ба сабаби ин ё он кор гуфтааст...” Аммо чунин ҳолат дар аҳодиси бисёр кам ворид мешавад, яъне ҳамроҳи матни ҳадис сабаби ҳадис ва чӣ гуна онро саҳоба қабул карданд ва дар амал анҷом доданд, ворид нашудааст. Ва ин ҳама ба андешаронии ровӣ ва фақеҳ вогузор шудааст. Назарияи “шумулият” ин ҷо ба он хотир барои мо муҳим аст, ки камбудиҳои маълумот оиди “ом” ва “хос” бартараф шавад ва ин бо такя бар фаҳми *мақосиди шариат* ҳосил мешавад.

### ***Фаҳми мақсадҳои набавӣ***

Ба он чӣ, ки гузашт, метавон инро илова намуд, ки имкон дорад худи *мақсадҳои* Пайғамбарро (с) барои қарор додан аҳодиси

ҷудогона дар маҷрои худ истифода кард. Пештар баён дошта будем, ки Қарофӣ чӣ гуна байни афъоли Пайғамбар (с) дар масъалаи қазоват, фатво ва раҳбарӣ фарқ гузошта, баён доштааст, ки чӣ гуна ҳар яке аз ин бахшҳо "нақше доранд, ки асари он дар шариат фарқ мекунанд". Баъд аз он Ибни Ошур ҷонибҳои дигаре аз *мақосиди* Пайғамбарро (с) зикр намудааст, ки он доираи ин назарияро аз он чӣ, ки Қарофӣ зикр намудасст, васеътар менамояд. Ин баъзе аз намунаҳои *мақосид* ё аҳволи набавӣ мебошанд, ки онро Ибни Ошур зикр намудааст:[146]

1. Мақсади шариат. Яке аз намунаҳо дар мавзӯи мақсади қонунгузории Пайғамбар (с) дар аснои Ҳаҷҷи видоъ ин буд, ки фармуд: “Аҳкоми ҳаҷҷатонро аз ман ёд гиред (яъне мулоҳиза намоед ва он чиро, ки ман анҷом медиҳам, шумо низ анҷом диҳед ва он чуное, ки ҳаст, пайравӣ кунед)” Пас ин гуна амалҳоро пайравӣ намудан воҷиб аст.

2. Мақсади фатво. Мисол бар ин *мақсад* фатовои Пайғамбар (с) дар Ҳаҷҷи видоъ аст. Ба таври мисол, марде наздаш омад ва гуфт: “Пеш аз рамйи ҷамарот қурбонӣ кардам”. Пайғамбар (с) фармуд: “Рамй намо ва боке нест”. Баъд аз он марди дигаре омад ва гуфт: “Сарамро пеш аз қурбонӣ кардан тарошидам”. Пайғамбар (с) фармуд: “Қурбонӣ кун ва ҳеҷ боке нест”. Ровӣ дар идома мефармояд: "Дар он рӯз Пайғамбар (с), ки аз тақдим ва таъхири ҳар амре пурсида мешуд, мефармуд: “Анҷом деҳ, ҳеҷ боке нест”. Пас ин гуна аҳодиси набавӣ ҳамчуноне, ки ҳаст, бояд пайравӣ шавад. Баъд аз он дар мақсади фатво манфиатҳое барои аҳком ва қоидаҳои фатво мебошанд, ки васеътар аз ин аст, ки танҳо як амалҳои маҳдуд бошад. Дар мисоле, ки зикр намудем, муфтӣ инро меомӯзад, ки тартиби амалҳои ҳаҷ умуман лозим нестанд, магар он, ки далели равшане вуҷуд дошта бошад.

3. Мақсади қазоват. Ибни Ошур мисолҳои зеринро барои ин *мақсад* зикр кардааст. 1. Ҳукми Пайғамбар (с) бай-

ни марде аз Ҳазрамавт ва марде аз Кинда дар бораи замин. 2. Ҳукми Пайғамбар (с) дар низоъ байни аъробӣ ва ҳарифаш, вақте аъробӣ гуфт: "Байни мо қазоват намо", Пайғамбар (с) фармуд: "Ҳатман байни шумо ҳукм хоҳам кард". 3. Ҳукми Пайғамбар (с) байни Ҳабиба ва Собит. Ҳабиба бинти Саҳл назди Пайғамбар (с) шикоят кард, ки шавҳарашро дӯст намедорад ва мехоҳад аз шавҳараш ҷудо шавад. Пайғамбар (с) ба вай гуфт: “Оё боғашро мехоҳӣ?” Зан гуфт: “Бигу он чиро, ки ба ман додааст, наздам мебошад”. Пайғамбар (с) ҳукм кард, ки Собит боғро бигирад ва ӯро талоқ намояд. Ин гуна аҳодис қонунгузории ом нест, чуноне Қарофӣ мегӯяд, балки ҳукм ин ҷо дар дасти қозӣ мебошад ва қозӣ дар асоси иҷтиҳодаш мувофиқи он масъала ҳукм мекунад.

4. Мақсади ҳокимият (яъне нақши Расулуллоҳ (с) ҳамчун ҳокими мусулмонон). Намунаҳои ин *мақсад* ин аст, ки Пайғамбар (с) ба мусулмон иҷозат дод, ки ҳар касе, ки замини бекорхобидаро обод созад, моликаш шавад; Пайғамбар (с) хӯрдани гушти харро дар ғазваи Хайбар манъ намуд; ва Пайғамбар (с) дар аснои ғазваи Ҳунайн гуфт: "Ҳар кӣ шахсеро бикушад ва дар қатли вай шоҳиде дошта бошад, ғаниматаш аз они ӯст”. Қоидаи умумӣ ин аст, ки аҳодисе, ки умури иҷтимоӣ ва сиёсиро дар бар мегиранд, бояд бар асоси *мақосиди* олии он фаҳмида шаванд, то барои масолеҳи умумӣ муфид бошанд.

5. Мақсади роҳнамоӣ (ин васеътар аз мафҳуми қонунгузорӣ мебошад). Ин ҷо ба таври намуна ҳадисе дорем, ки онро Имом Бухорӣ ривоят кардааст, ки дар он омадааст: “Абузар ва ғуломашро дидам, ки ҷомае бар тани ғуломаш буд. Пурсидам: "Ин чист, эй Абузар?” Фармуд: "Бё то бароят бигӯям. Ман ғуломамро дашном додам ва модарашро айб гирифтам. Пас ин ғулом аз ман назди Пайғамбар (с) шикоят кард. Пайғамбар (с) фармуд: "Оё модарашро айб гирифтӣ, эй Абузар?” Гуфтам: "Бале". Фармуд: "Эй Абузар, ту марде ҳастӣ, ки хислате аз хислатҳои ҷоҳилият

ҳанӯз дар ту вуҷуд дорад. Ғуломони шумо зердастони шумо мебошанд"". Дар чунин аҳодиси шариф роҳнамоии Пайғамбар (с) дар тарзи муомилаи хусусии саҳоба бо ғуломонро мебинем.

6. Мақсади мусолиҳа. Ҳадисе, ки ин мавзӯъро ошкор месозад, ҳадиси Бурайра аст. Дар ин ҳадис Пайғамбар (с) аз Бурайра хост, ки баъд аз ин, ки шавҳараш ӯро талоқ дода буд, дубора назди шавҳараш баргардад. Бурайра пурсид: "Маро ба ин кор амр менамоӣ?" Пайғамбар (с) фармуд: "На. Ман аз ту хоҳиш мекунам". Бурайра фармуд: "Ман ба вай ниёзе надорам". Имом Бухорӣ ҳадиси дигареро ривоят мекунад, ки намунаи дигаре метавонад бошад. Дар ин ҳадис омадааст, ки вақте падари Ҷобир (р) вафот кард, ӯ аз Пайғамбар (с) хоҳиш намуд, то аз қарздиҳандаҳои падараш хоҳиш кунад, ки миқдоре аз қарзҳояшонро кам кунанд. Пайғамбар (с) аз онҳо ин чизро хоҳиш кард, вале онҳо қабул накарданд ва Пайғамбар (с) ин масъаларо қабул кард. Ҳадиси дигаре низ дар бораи мусолиҳа вуҷуд дорад, ки дар он омадааст: "Каъб ибни Молик аз Абдуллоҳ ибни Ҳадрад талаб кард, ки қарзашро ба ӯ пас диҳад, аммо Пайғамбар (с) аз Каъб хоҳиш кард, то нисфи қарзашро бубахшад ва Каъб ибни Молик ин корро кард". Аз тамоми ин аҳодис бардошти саҳобагон ин буд, ки Пайғамбар (с) аз онҳо ба таври ҳатмӣ ин амрро талаб накарда буд, балки қасди ӯ мусолиҳа буд.

7. Мақсади машварат доданд ба машваратхоҳ. Намунаи ин ҳадиси Умар ибни Хаттоб (р) мебошад. Умар ба марде асперо дар роҳи Худо садақа кард ва чун эҳсос кард, ки ӯ аспро арзон хоҳад фурӯхт, аз ӯ хоҳиш кард, ки аспро ба вай фурӯшад. Умар (р) аз Расулуллоҳ (с) дар ин мавзӯъ пурсид ва Расулуллоҳ (с) ба ӯ гуфт: "Ҳаргиз онро нахар, агарчи онро бароят ба як дирҳам фурӯшад, чун ҳар кӣ аз садақаи худаш пас гардад, мисли сагест, ки қай мекунад ва қайкардаи худро мехӯрад". Аммо ҳеҷ касе аз ин ҳадис инро нафаҳмидааст, ки Пайғамбар (с) ин масъала-

ро куллан манъ намудааст. Намунаи дигар ҳадисест, ки онро Зайд ривоят кардааст. Дар ин ҳадис омадааст, ки Пайғамбар (с) гуфт: “Меваро пеш аз ин, ки хуб буданаш зоҳир гардад, нафурӯшед”. Аммо Зайд шарҳ дода мефармояд, ки Пайғамбар (с) ин масъаларо ҳамчун машварат ба онҳо фармуд, чун бо ҳам дар ин масъала баҳсҳои зиёд доштанд. Пас аз ин ду ҳадис саҳобагон инро фаҳмиданд, ки Пайғамбар (с) онҳоро ба қабул кардани коре маҷбур накард.

8. Мақсади насиҳат. Нуъмон ибни Башир ривоят мекунанд, ки падараш ба Пайғамбар (с) хабар дод, ки ба яке аз фарзандонаш чизеро ҳадя кард. Пайғамбар (с) пурсид: "Оё ба ҳамаи фарзандонат чунин чизе ҳадя кардӣ?” Падарам ҷавоб дод: "На". Он гоҳ Пайғамбар (с) фармуд: "Маро шоҳиди ин зулм масоз". Дар ин ҷо низ на Имом Молик, на Имом Абуҳанифа ва на Имом Шофеӣ ин бардоштро надоштанд, ки Пайғамбар (с) қасди таҳрими ин ҳадяро дошт ва ё онро бекор кард. Ин назарро он чӣ, ки дар ривоятҳои дигари ин ҳадис омадааст, тасдиқ менамояд, Пайғамбар (с) дар он мефармояд: “Ман шоҳид намешавам. Каси дигареро шоҳиди ин амал гардон”.

9. Мақсади мардумро ба камол расондан. Аз ҷумлаи ин намунаҳо амр намудани Расулуллоҳ (с) саҳобагонро ба комил намудани нафсҳояшон мебошад ва ба ин кор тамоми умматро маҷбур насохтааст. Дар "Саҳеҳ"-и Бухорӣ аз Барро ибни Озиб ривоят аст, ки гуфт: “Пайғамбар (с) моро ба ҳафт чиз амр намуда, аз ҳафт чиз манъ кард. Моро ба аёдати бемор, ташйеъи ҷаноза, дуо барои атсазананда (яъне "ярҳамукаллоҳ" гуфтан), бароварда сохтани қасами кас, кумак ба мазлум, паҳн кардани салом ва иҷобати даъваткунанда амр кард. Ва аз ангуштари тиллоӣ, зарфҳои нуқраӣ, рӯпӯши сурх (барои аспу шутур, ки хосси аҷам буданд), қасия (либоси мисрии абрешимӣ), истабрақ, дебо ва ҳарир манъ намуд”. Баъзе аз ин амрҳо ҳатмӣ ва воҷиб диниста мешавад ва баъзе ба

хотири пок сохтани саҳобагон аз зиёдаравии зоҳирӣ буд, на таҳрими ин ашё.

10. Мақсади омӯзиши ҳақиқатҳои олӣ. Намунаи он ин ҳадис аст: "Пайғамбар (с) аз Абузар (р) пурсид: "Кӯҳи Уҳудро мебинӣ?" Абузар гуфт: "Бале". Пайғамбар (с) фармуд: "Мехоҳам ба қадри кухи Уҳуд тилло дошта бошам, то тамоми онро, ғайр аз се динор, дар роҳи Худо садақа кунам". Аммо қасди Расулуллоҳ (с) ин набуд, ки ҳамаи мусулмонон бояд чунин намоянд.

11. Мақсади тарбия кардан. Дар ин мавзӯъ баъзе муболиғаҳо бо мақсади таҳдид ва тарсондан вуҷуд доранд, чуноне, ки Ибни Ошур мегӯяд. Намунаи ин гуфтаи Пайғамбар (с) мебошад, ки мефармояд: "Қасам ба Худо, имон надорад. Қасам ба Худо, имон надорад. Қасам ба Худо, имон надорад". Пурсиданд: "Кист он шахс, эй Расули Худо (с)?" Фармуд: "Шахсе, ки ҳамсояаш аз бадиҳои вай дар амон набошад". Ҳадаф ин ҷо камоли имон аст, на асли имон.

12. Мақсади берун аз роҳнамоӣ. Ин чизест, ки ба қонунгузорӣ, диндорӣ, адаб додан ё низоми уммат ҳеҷ гуна вобастагӣ надорад, аз ҷумла одоти Пайғамбар (с) дар таомхӯрӣ, либоспӯшӣ, хобкунӣ, роҳравӣ, саворшавӣ ва ғайра. Намунаи ин ҳадисест, ки дар он омадааст, ки Пайғамбар (с) ҳангоми Ҳаҷҷи видоъ бар болои тепае назди оби қабилаи Бану Кинона истод. Оиша (р) дар шарҳи ин ҳадис мефармояд: "Истодан чизе нест" (яъне қарор кардани Пайғамбар (с) дар ин макон аз аркони ҳаҷ нест, балки нузули ӯ дар ин ҷо ба хотири гузаронидани шаб буд, то барои бозгаштанаш ба Мадинаи мунаввара осон бошад.

Ин гуна вусъатдиҳии маонии аҳодиси мазкур аз сӯи Ибни Ошур дар бардоштани сатҳи фаҳми мо нисбати *мақсадҳои* далоили шариат муфид буда, фазои васеътареро барои тағйирпазирӣ дар фаҳми ин далоил ва татбиқи он мекушояд.

***Фатҳи зароеъ (иҷозаи сабабҳо) дар муқобили садди зароеъ (манъи сабабҳо)***

*Садди зароеъ*, ки дар фиқҳи исломӣ ба маънои манъ ва иҷозат надодан аст, амали дурусте мебошад, чунки баъзе умуреро манъ мекунад, ки ба корҳои мамнуъ мерасонанд.[147] Фақеҳони мазҳабҳои гуногун бо ҳам иттифоқи назар доранд, ки дар ҳолатҳое, ки амале сабаби расидан ба кори мамнуъе мешавад, манъ карда мешавад. Пас бояд эҳтимоли сабаби расидан ба кори мамнуъ бештар аз эҳтимоли баръакс бошад. Аммо фуқаҳо дар таснифи ин эҳтимолот ихтилофи назар доранд ва эҳтимоли амалҳои мамнуъро ба чор дараҷа тақсим намудаанд.[148]




*Ба гуфтаи фуқаҳое, ки дар бораи мамнуъ будани сабабҳо назар додаанд, чаҳор қисм эҳтимол вуҷуд дорад: яқин, ғолиб, миёна ва кам.*

Дар сатрҳои зерин мисолҳоеро, ки фуқаҳо ба хотири шарҳу тавзеҳ додани ин чаҳор қисм зикр кардаанд, дарҷ менамоем:

1. Бисёре аз фуқаҳо мисолеро зикр менамоянд, ки сабаби зарари яқин мегардад, ва он “кандани чоҳ дар роҳи мардум” аст. Фуқаҳо бар ин иттифоқ доранд, ки ин гуна амал, ки сабаби зарар мешавад, мамнуъ мебошад, вале дар мавзӯи ин, ки оё ин чоҳкан ба сабаби зарар расонданаш ба мардум масъул мебошад ва ҷазо дода мешавад ё на, ихтилофи назар доранд. Хулосаи ин ихтилоф чунин аст: Оё ӯ ба сабаби кори зараровараш сазовори ҷазо мегардад ё на?

2. Мисоли, ки Имом Шотибӣ зикр кардааст, дар бораи анҷоми корест, ки бисёр кам ва нодир сабаби расидан ба амри ҳаром мегардад ва ин масъалаи фурӯши ангур мебошад. Бо таваҷҷуҳ ба ин, ки касоне, ки ангурро барои шароб сохтан истифода менамоянд, бисёр кам ва нодир мебошанд, тиҷорати ангур манъ карда намешавад, чунки манфиати ин кор аз зарараш бештар мебошад ва зарари эҳтимолии он бисёр кам аст.[149]

3. Баъзе аз фуқаҳо бар ин назаранд, ки агар эҳтимоли зарар ғолиб бошад, фурӯши силоҳ дар замони фитна (яъне ҷанги дохилӣ) ё ангур ба шаробсоз мамнуъ аст.[150] Моликиҳо ва ҳанбалиҳо ин ҷо дар манъи сабабҳо иттифоқи назар доранд, аммо шофеиҳо ва ҳанафиҳо бо эшон ихтилофи назар дошта, мегӯянд, ки зарар бояд яқин бошад, то ба манъи сабабҳо дохил гардад.

4. Баъзе фуқаҳо бар ин назаранд, ки вуқӯи зарар эҳтимол дорад вақте, ки зан танҳо сафар мекунад ва вақте, ки мардум ҳилаҳои фиқҳиро истифода мекунанд (яъне дар ақдҳое, ки ба зоҳир дуруст мебошанд, ҳилаҳои пӯшидае вуҷуд доранд, ки баъзан дар он рибо низ ҳаст).[151] Моликиҳо ва ҳанбалиҳо дар ин ҷо низ дар манъи ин сабаб иттифоқи назар доранд, аммо дигарон бо онҳо ихтилофи назар дошта, мегӯянд, ки зарар дар ин ҳолат на яқин аст, на ғолиб.

Аз намунаҳое, ки зикр кардем маълум мешавад, ки таснифи “сабабҳо” ва “ҳадафҳо” ва эҳтимоли вобаста ба онҳо таҳти шароити иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ қарор мегиранд, аммо қоидаҳои собит ва бидуни тағйир нестанд. Ба таври мисол, сафари зан ба танҳоӣ ва фурӯши силоҳ ва ангур ва ғайра эҳтимоли онро доранд, ки дар баъзе ҳолатҳо сабаби расидани зарар шаванд, вале ҳеҷ ҷои шакке нест, ки шояд дар баъзе ҳолатҳои дигар муфид буда, дар он ҳеҷ зараре набошад. Пас ба ҳамин хотир аз рӯи диққат ва тафаккур нест, ки амалҳои мубоҳро тақсимбандии ниҳоӣ ва ғайри қобили тағйир намоем ва он ҳам ба сабаби эҳтимоли зарарҳои собит ва бетағйир.

*Садди зароеъ*, ки ба таъбири фалсафаи ахлоқ навъе аз ҳикматҳоест, ки бар натиҷаи амалҳо асос меёбад,[152] имкон дорад дар баъзе ҳолатҳо муфид бошад, вале ҳамин тавр имкон дорад ба таври нодуруст аз тарафи баъзе касони ифротӣ ё шахсони дорои ҳадафҳои сиёсӣ ба хотири ҳукмронӣ бар мардум итифодаи нодуруст шавад. Имрӯзҳо мебинем, ки чӣ тавр *садди зароеъ* ҳамчун василае дар навиштаҳои "зоҳириҳои ҷадид" (ба иборан Шайх Юсуф Қарзовӣ) ба шакли густарда истифода мешавад, махсусан дар қонунгузории хусусӣ, монанди қонунҳое, ки ба зан дахл доранд.

Мисол, дар баъзе китобҳо занҳо мувофиқи қоидаи *садди зароеъ* аз ронандагии мошин, сафар ба танҳоӣ, кор кардан дар барномаҳои телевизионӣ ва радио, намояндагии сиёсӣ ва ҳатто роҳ рафтан дар байни роҳ манъ мешаванд.[153] Дар сатрҳои зерин фатвоеро зикр мекунем, ки ҳадафи моро возеҳ месозад, ки чӣ гуна қоидаи садди зароеъро нодуруст татбиқ намудаанд. Мо ин фатворо бидуни шарҳ зикр менамоем. Шояд хонандаи азиз ҳам он нозукиеро, ки ман дар он дидам, ёбад:[154]

***Савол:*** *"Аз Шумо хоҳиш менамоям, ки дар бораи ронандагии мошин тавзеҳ диҳед ва назари Шумо дар бораи ин сухан, ки зарари ронандагии зан камтар аз ин аст, ки ҳамроҳи марди бегонае сафар кунад, чист?"*

***Ҷавоб:*** "Ҷавоби ин савол ин аст, ки ҳар чизе, ки сабаби расидан ба ҳаром мегардад, ҳаром мебошад. Ронандагии зан фасоди зиёдеро дар бар дорад. Аз ҷумлаи фасоди он гирифтани ҳиҷоб аст, чунки рондани мошин сабаби кушодани рӯй мегардад, ки сабаби фитна ва ҷои назари мардҳо мебошад. Шояд касе бигӯяд: "Зан метавонад мошинро бидуни ҳиҷоб, аммо рӯи худро пушонда ва айнаки сиёҳ андохта, ронандагӣ намояд". Ҷавоб ба ин сухан чунин аст: Ин савол аз тарафи дӯстдорони мошинсаворӣ дода мешавад. Аз ҷумлаи зарарҳои ронандагии зан беҳаё шудан ва бисёр аз хона баромадани ӯст. Инчунин аз ҷумлаи зарарҳои ронандагӣ ин хоҳад

буд, ки зан озодона ҳар куҷое хоҳад, ҳар тарафе хоста бошад, ҳар вақте хоҳад ва ба ҳар мақсаде бошад, аз хона берун мешавад, чунки дар мошинаш танҳо аст ва ҳар соати шаб ё рӯз хоҳад мебарояд ва шояд баъзан то дер вақти шаб дер монад. Аз ҷумлаи зарарҳои ронандагии зан ин аст, ки сабаби аз аҳлу оила ва ҳамсараш саркашӣ намудан мегардад ва ҳар гоҳе бо аҳли хонадонаш мушкиле пеш ояд, аз хона бо мошинаш баромада, ҷое меравад, ки ба назари худаш барояш роҳаттар аст. Аз ҷумлаи зарарҳои он сабаби фитна шудани зан мегардад. Мисол, ҳангоми истоданаш дар назди чароғаки роҳнамо, нуқтаи фурӯши сӯзишворӣ ва ғайра. Инчунин ҳангоми дар роҳ буданаш ва таъмирталаб шудани мошинаш, зан ба кӯмак ниёз дорад. Он гоҳ бояд чӣ кор бояд кунад? Шояд ин ҷо марди бадахлоқе пайдо шаваду барои кумак карданаш аз вай тақозои беиффатӣ намояд. Аз ҷумлаи зарарҳои ронандагии зан издиҳоми мошинҳо дар роҳҳо ё маҳрум шудани баъзе ҷавонон аз ронандагӣ аст, ки ба ин кор сазовортар аз зананд. Инчунин бисёр шудани садамаҳост, чунки зан аз мард аз нигоҳи идоракунӣ ва тасмимгирӣ заифтар ва нотавонатар мебошад".

Аз тарафи дигар, баъзе моликиҳо мавзӯи *фатҳи зароеъро* пешниҳод намудаанд, то ҷониби мантиқӣ дар муқобили *садди зароеъ* бошад.[155] Ба таври мисол, Қарофӣ аҳкомро ба ду қисми "*василаҳо*" ва "мақсадҳо" тақсим намудааст ва бар ин назар будааст, ки бояд василаҳое, ки ба *мақсадҳои* мамнуъ бурда мерасонанд, манъ карда шаванд ва дарвозаҳои ҳар василае, ки ба *мақсадҳои* мубоҳ бурда мерасонанд, кушода шавад.[156] Ин ҷо мебинем, ки чӣ гуна Қарофӣ муайян сохтани василаҳоро ба мақсадҳо ва аҳдофе, ки ин васоил ба он бурда мерасонанд, вобаста медонад ва бар асоси ҳамин назария се дараҷаи мақсадҳоро пешниҳод намудааст: "бад", "буб" ва "миёна". Фақеҳи моликии дигар, Ибни Фарҳун (1358 — 1397) қоидаи Қарофӣ дар боби *фатҳи зароеъро* нисбати чандин аҳкоми дигар ба кор гирифтааст.[157]

| Мақсади бад: василаҳои ба сӯи он мамнуъ аст | Мақсади миёна: василаҳои ба сӯи он мубоҳ аст | Мақсади хуб: василаҳои ба сӯи он боз аст |
|---|---|---|

Ин ҷо мебинем, ки чӣ гуна моликиҳо дар суханонашон бар манъ намудани ҷониби манфии натиҷаи амалҳо иктифо намекунанд, балки дар тариқаи чунин андешапардозиҳо вусъатпардозӣ кардаанд, то ҷанбаи мусбати онро низ дар бар гиранд. Ин амрест, ки сабаби ташвиқ ба корҳое мешавад, ки сабаби манфиатҳои мардум мегарданд, агарчи ин корҳо дар далоили муайяне зикр нашуда бошанд.

### *Амалӣ гаштани мақсади “ҷаҳонӣ будан”*

Урф ва одате, ки шариат онро муроот намудааст, одатҳои неке мебошанд, ки дар ҷомеаҳо паҳн гаштаанд. Аммо иртиботи шариат ва урфу одатҳо аз масъалаи муроот ва эътибор додан мустаҳкамтар мебошад. Ҳақиқат ин аст, ки урфу одатҳои арабӣ дар бисёри аҳкоми фиқҳӣ таъсири калоне доштааст, ҳам дар замонҳои пештар ва ҳам дертари таърихи Ислом. Ба ҳамин хотир Ибни Ошур назарияи наве бар асоси *мақосиди шариат* барои асли “урфу одат” пешниҳод намудааст. Ӯ дар китоби “Мақосид аш-шариъат”-и худ боберо бо номи “Умуми шариати Исломӣ” дар мавзӯи “урфу одат” ҷудо намудааст.[158] Ибни Ошур дар ин боб бар хилофи одати гузашта таъсири урфу одат бар татбиқи ҳадиси шарифро зикр накардааст, балки бештар ба таъсири урфу одатҳои арабӣ бар фаҳми мо аз аҳодиси шариф таваҷҷуҳ намудааст.

Ибни Ошур ибтидо баён медорад, ки барои пажӯҳишгар лозим аст, ки аз мафҳуми “ҷаҳонӣ будани Ислом” оғоз кунад, чунки уламои Ислом таъкид бар ин доранд, ки дини Ислом барои тамоми башар ва тамоми замону макон салоҳият дошта, ҷавобгӯ мебошад ва ин амрест, ки оятҳои Қуръони карим ва аҳодиси шариф онро баён кардаанд ва Ибни Ошур бахше аз ин

далелҳоро зикр намудааст.[159] Баъд аз он, ҳикматҳои нуҳуфтаи рози интихоб шудани Расулуллоҳ (с) аз байни арабҳоро зикр мекунад. Аз ҷумлаи ин ҳикматҳо дур мондани арабҳо аз маданият мебошад, ки ин амр сабаб шуд, то онҳо бо мардум ва миллатҳои дигар ба осонӣ ва хубӣ омезиш ёбанд, бар хилофи Форс, Рум ва Миср. Ибни Ошур менависад:

"Аз ҷумлаи бузургтарин ҳикмате, ки умуми шариат тақозо мекунад, ин аст, ки аҳкоми он барои тамоми пайравонаш баробар ва ба қадри тавони онҳо бошанд. Бар асоси ҳамин ҳикмат ва хусусият Аллоҳи мутаол ин шариатро бар асоси ҳикматҳо ва сабабҳое, ки ақлҳо онро дарк карда тавонанд, бунёд гузошт, то ба сабаби гуногун будани миллатҳо ва ҳодисаҳо ин шариат собит ва бе тағйир боқӣ монад. Мо яқин дорем, ки урфу одатҳои ҳеҷ қавме ин ҳақро надоранд, ки дар қонунгузории шариат бар қавми дигаре ё ҳатто бар худи ҳамон қавм бор шаванд. Ин равиш ҳайрат ва мушкили донишмандонро дар фаҳми бисёри умуре, ки шариат манъ намудааст, дар ҳоле, ки барои ин амалҳо зарар ва фасоди ошкоре намебинанд, бартараф мекунад. Монанди манъи пайванд задани мӯйи сари зан, фосила гузоштан байни дандонҳо ва холкубӣ. Сababи ин мамнуият, ки то ҳанӯз касе дар борааш чизе нагуфтааст, ба назари ман ин аст, ки ин корҳо дар урфи араб нишонаи беиффатии зан ба шумор мерафт ва манъи ин амалҳо ба хотири ҳифзи обрӯи зан будааст. Дар Қуръони карим омадааст: "Эй паёмбар, ба занону духтарони худ ва занони муъминон бигӯ, ки чодари худро бар худ пушанд. Ин муносибтар аст, то шинохта шаванд ва мавриди озор воқеъ нагарданд. Ва Худо бахшояндаву меҳрубон аст" (Аҳзоб, 59). Пас дар ин қонун урфу одатҳои араб риоя шудааст ва қавмҳое, ки чодар намепӯшанд, аз ин қонунгузорӣ насибе надоштаанд. Ба хотири ин, ки салоҳияти шариати Ислом барои ҳар як замон бошад, бояд аҳкоми шариат куллӣ ва маонии он шомили ҳикматҳо ва манфиатҳо бошанд ва салоҳияти инро дошта бошанд, ки аз онҳо ҳукмҳои гуногуншакл, аммо бо як *мақсад* истинбот карда шаванд".[160]

Бо дар назар гирифтани мақсади ҷаҳонӣ будани шариати исломӣ, Ибни Ошур пешниҳод мекунад, ки аҳодиси шариф дар чорчӯбаи фарҳанги арабӣ фаҳмида шаванд, на ҳамчун қоидаҳои ахлоқии мутлақ ва бе қайду шарт. Ибни Ошур инро дарк кардааст, ки далоиле, ки пештар зикр кардем, шомили *мақсадҳои* ахлоқие мебошанд, ки мафоҳими он ба ин ахлоқиёт бармегардад, на ин, ки калимоти ин аҳодис файсалакунанда бошанд. Ин тарзи фаҳм ба хотири тағйирпазирии бузурге дар фаҳм ва татбиқи шариат дар ҷомеаҳои гуногун ва махсусан дар ҷомеҳои ғайри арабӣ шароити хуберо фароҳам меорад.

### *Назария* **мақосид** *ҳамчун соҳаи муштарак байни мазҳабҳои гуногун*

Аз нишонаҳои авоили асри XXI тафриқаҳои шадид байни пайравони як мазҳаб ва ё мазҳабҳои гуногун мебошанд. Шадидтарин ва зарарноктарини тафриқаҳо тафриқаи байни шиаён ва сунниҳо мебошад. Ин ихтилофест, ки бисёриҳо онро танҳо як ихтилофи дорои аҳдофи сиёсӣ медонанд, ки ҷомаи дин бар худ пӯшидааст. Диншиносони мазҳабҳои фиқҳӣ ва калом инро мулоҳиза намуданд, ки фарқиятҳои зоҳирӣ дар гузашта ва ҳозир байни мазҳабҳои мухталифи суннӣ ва шиа ба ихтилофе бармегарданд, ки метавон онро “сиёсат” номид, на ихтилофи ақида. Масъала ҳар тавре, ки бошад, ихтилоф ва низоъ дар тамоми соҳаҳо монанди маҳкамаҳо, масҷидҳо ва алоқаҳои иҷтимоӣ ҷой гирифтааст. Ин амрест, ки ин ихтилофотро ба ҳадди кашмакашҳои хунин дар баъзе давлатҳо, махсусан он ҷӣ, ки пинҳон нест, бо бозиҳои сиёсии байналмилалӣ, ки ин кашмакашҳоро аланга додааст, оварда расондааст. Ин мунозиаҳо фарҳанги тангназарӣ ва қабул накардани ҳамдигар ва тавоноии ҳамзистии мусолематомез барои манфиатҳои умумӣ надоштанро мунташир намудааст.

Дар натиҷаи баррасии гузарои китобҳое, ки дар мавзӯи *мақосид* шариат аз тарафи ҳар ду гурӯҳи суннӣ ва шиа

таълиф шудаанд, бароям собит шуд, ки мабоҳис ва тариқаи пажӯҳишҳои ҳар ду гурӯҳ дар мавзӯи *мақосид* бо ҳам мутобиқати комил доштаанд[161] ва мавзӯъҳои пажӯҳиш дар назди ҳар ду гурӯҳ дар иҷтиҳод, қиёс, ҳуқуқ, арзишҳо, ахлоқ ва ғайра буданд ва ҳар ду гурӯҳ ба айни ҳамон фуқаҳо ва китобҳо руҷӯъ намудаанд, монанди китобҳои “ал-Бурҳон”-и Ҷувайнӣ, “Ъилал аш-шариъат”-и Ибни Бобавайҳ, “*ал-Мустасфо*”-и Ғазолӣ, “*ал-Мувофақот*”-и Шотибӣ, “ал-Усул”-и Садр ва “ал-Мақосид”-и Ибни Ошур. Ҳар ду гурӯҳ истилоҳоти назарияи *мақосиди* шариати мушобиҳро ба кор бурдаанд, монанди: *масолеҳ*, *заруриёт*, *эҳтиёҷот*, *орошот*, *мақосиди* умумӣ, *мақосиди* хусусӣ ва ғайра. Пас бештарин ихтилофот байни уламои шиа ва суннӣ ба усул ва *мақосид* бар намегардад, балки ин ихтилоф дар мавриди собит шудан баъзе аҳодис аст, ки сабаби баъзе ихтилофот дар аҳкоми амалию тафсилӣ гаштаанд.

Аммо равиши *мақосиди шариат* дар бархӯрд бо фиқҳ равиши шомил аст, чунки худро дар доираи як ҳадиси шариф ё як назар маҳдуд намесозад, балки ба усули умумӣ ва фазои муштараке, ки ҳар мусулмон бар он эътимод мекунад, такя менамояд. *Мақосиди* шариат дар навбати худ ба ҳадафи олитаре, яъне ваҳдати мусулмонон хизмат намуда, онҳоро бо ҳам дар баробари хатарҳои муштарак муттаҳид месозад, ва ин ҳадаф болотар ва муҳимтар аз тафсилоти фиқҳ аст. Бар ҳамин асос Оятуллоҳ Маҳдӣ Шамсуддин аз тарафи шиа ё суннӣ таҷовуз бар якдигарро ҳаром ҳукм намудааст ва ин ҳукмро бо дар назар гирифтани *мақосиди* олӣ ва асосие, ки дар ҳамбастагӣ, ваҳдат ва адолат муҷассам гаштаанд, содир намудааст.[162]

Пас равиши *мақосид* баҳсу пажӯҳишро ба дараҷаи олӣ мебардорад ва аз даричаи он ба тамоми умур нигариста, бо ин роҳ бар тамоми ихтилофоти сиёсие, ки дар тули таърихи ислом ба мо ба мерос мондааст, ғалаба мекунад ва ба фарҳанги мусолиҳа ва ҳамзистии дӯстонае, ки мо аз ҳама бештар ба он эҳтиёҷ дорем, ташвиқ менамояд.

***Назарияи мақосид ҳамчун асосе барои гуфтугӯ байни динҳо***

Теологияи систематикӣ (Systematic theology) — низоми омӯзиши динҳо ё дини муайян бо тасвири шакли комил он дин мебошад. Дар ин равиши пажӯҳиш тамоми ҷанбаҳое, ки ба ин дин дахл доранд, аз таърих ва фалсафа гирифта то ахлоқ ва омӯзишҳо он, ба хотири эҷоди тасаввури комили усул ва куллиёти ин дин дар зеҳни оммаи мардум мадди назар қарор дода мешавад. Ин равиши муосири "омӯзиши динҳо ҳамчун маҷмӯаҳо" беш аз пеш мавриди қабули мардум қарор мегирад, бавижа дар он ҷӣ, ки махсуси теологияи масеҳие мебошад, ки мазҳабҳои гуногуни масеҳиро дар бар мегирад.

Ин равиши масеҳӣ саволҳоеро барои пажӯҳиши дин аз сӯи онҳо матраҳ мекунад, ки муҳимтарини онҳо ин савол аст: Агар Китоби Муқаддасро дар як нигоҳи шомил ба хотири донистани назараш дар бораи масъалаи муайяне мутолиа намоем, ба мо чӣ меомӯзад?[163] Ба ҳамин хотир ин гуна ҷустуҷӯ шомили равиши "ҷамъи тамоми матнҳои Китоби Муқаддас, ки ба мавзӯъҳои гуногуни мушаххас дахл доранд, ва чидани онҳо паҳлуи ҳам ба шакли такмилӣ" мегардад.[164] Мавзӯъҳои мавриди омӯзиши ин равиш зиёданд, аз ҷумла намоз, адолат, ростқавлӣ, меҳрубонӣ, раҳмат, ваҳдат, танаввуъ, ахлоқ, наҷот ёфтан ва ғайра.[165] Ба ҳамин хотир, ин равиш аз усули идуктивӣ истифода мекунад,[166] ки муҳаққиқро ба ҷамъоварӣ, табақабандӣ ва такомул, ки онро "ҳақиқатҳои пароканда" номидаанд, водор менамояд ва ҳатто шомили "ҳақиқатҳои сахт ва душвор" мешавад, то дар рафти пажӯҳиш алоқаҳо байнашон ва байни "андешаҳои ҳоким"[167] ё "афкори куллӣ", ба ибораи онҳо, ошкор гардад.[168]

Шояд аз фоида холӣ набошад, агар шарҳи Чарлз Ҳодҷро (1797-1878) зикр намоем ва он ҳам ба хотири зарурати равиши методологии теология бар асоси мафҳумҳои зерин:[169]

1. Сохти ақли инсонӣ шахсро намегузорад аз ҷустуҷӯ ва талош бозмонад, магар ин, ки "барномарезӣ ва назари

куллии тавофуқиро бар ҳақиқатҳое, ки ақл ҷузъан онро қабул мекунад, изофа намояд".

2. Ин равиш дар ҷамъоварии ҳақиқатҳои инфиродӣ, ки аз он шакле сохта шавад, ки болотар аз маърифат бошад, муфид мебошад.

3. Ин равиш ба он хотир зарур аст, ки пешниҳоди қонеъкунандае дар таҳаққуқи ҳақиқат барои "ҳимояи он аз эътирозот" бошад.

4. Ин ҳамон табиати дунёи моддиёт ва табиати ваҳй мебошад, ҳамчуноне, ки онро Аллоҳ таоло зикр кардааст. Худованд хостааст, ки инсонҳо дар омӯзиши ҳикматҳои махлуқоташ талош намоянд ва иртиботи мустаҳкам дар махлуқоташ ва алоқаи асосии муносиб байни онҳоро ёбанд.

Метавон мулоҳиза кард, ки *теологияи систематикӣ* дар омӯзиши динҳо ҷанбаҳои зиёдеро дар бар мегирад, ки байни он ва равиши омӯзиши *мақосиди шариат* назди уламои Ислом монандиҳои зиёдест. Ва ин равиш, — чуноне, ки дар оғози ин китоб зикр шуд, — бозхонии матнҳои шаръӣ бар асоси *куллиёт* ва асосиёт монанди адолат, ахлоқ ва анвои манофеъ мебошад.

Назарияи *мақосиди шариат* якчанд мавзӯи муайян ва заруриро, ки шариат бар ҳифз ва ҳимояи он таъкид кардааст, муайян месозад, монанди ҳифзи дин, ҷон, мол, ақл ва насл чуноне, ки гузашт.[170] Муҳаққиқони *теологияи систематикӣ* низ афкор ва андешаҳои монанд, мисли ҳимояи зиндагӣ ва саломатӣ ба воситаи "манъ кардани нӯшидани шароб, то ҳадди мастӣ"-ро зикр кардаанд. Бо таваҷҷуҳ ба ин, ки назари Ислом аз ин дидгоҳ фарқ мекунад, чунки Ислом тамоми нӯшокиҳои масткунандаро сарфи назар аз шакл ва миқдораш ҳаром гардондааст ва ин амр аз боби *садди зароеъ* мебошад. Ин назарияпардозон пажӯҳишҳо дар мавзӯоте монанди ҳифзи насл ва манофеи хонавода низ доранд, ки ин бо назарияи исломӣ монанди ҳифзи насл ва масолеҳи оила[171] ҳамхонагӣ дорад ва боқиро ба ин муқоиса намоед.

Назарияи *мақосиди шариат* барои уламои дин шароит фароҳам меорад, ки таълимот ва авомири муайяни диниро дар чорчӯбаи асосҳо ва аҳдофи умумие, ки дар ин таълимот ва авомир нуҳуфтаанд, истинбот намоянд ва онро муназзам созанд ба ҷои ин, ки таваҷҷуҳашон дар фаҳми онҳо ба шакли ҷудо-ҷудо бошад, чунки ин тарзи фаҳм шахсро водор месозад, то ба ин аҳком назари шаклӣ дошта бошад ва натавонад аҳамият ва таъсири арзишҳои ахлоқиеро, ки аҳкоми мухталиф дар ҷанбаҳои гуногуни дин ба он ишора мекунанд, дарк кунад. Ва инро низ наметавонад дарк намояд, ки шакл ва табиати авомир бо тағйири муҳите, ки дар он бояд татбиқ гардад, фарқ ва тағйир мекунад.

Ба ҳамин хотир ман боварӣ дорам, ки равиши таомул бо омӯзиши дин бар асоси назарияи *мақосид* ё он чӣ, ки *теологияи систематикӣ* меноманадаш, имкон дорад нақши бузурге дар гуфтугӯи байни динҳо ва бардоштани сатҳи фаҳм ва идроки динҳо дошта бошад. Назарияи *мақосид* умумиётеро пешниҳод мекунад, ки дар ин гуфтугӯ ва фаҳму дарк зарур ва ҳатмӣ мебошанд.

## *Амалӣ гаштани* мақосиди шариат*:* *саволу ҷавоб дар бораи ахлоқ*

Аз тарафи ашхосе аз давлатҳои мухталифи ҷаҳон дар гузашта бароям суолҳое аз тариқи сомонаҳои электронии islameonline.net ва readingislam.net ва форуми “Ask About Islam” расида буд ва баъзе аз ин суолҳоро ба воситаи почтаи электронӣ низ бароям матраҳ намуданд.

Ин ҷо баъзе аз он суолҳоро зикр мекунам, вале дар пурсиш ва посуххо бинобар сабаби он қисме, ки барои хонандаи ин китоби хурд лозим аст, каме тағйирот ворид менамоям. Ҳадаф аз зикри ин саволу ҷавобҳо баёни ин амр аст, ки *мақосиди шариат* чӣ гуна метавонанд роҳи ҳалле барои мушкилоти муҳими асри ҳозир, ки вобаста ба Ислом мебошанд, пайдо намоянд ва ин ҳамон пурсишҳое мебошанд, ки мусулмонон ва ғайри мусулмонон онро дар ҳама ҷо мепурсанд.

***Савол:*** *Оё чунин нест, ки вақте дар бораи мақосид гап мезанем мақсади мо ахлоқу одоб мебошад? Ман ҳамчун як фарди мусулмоне, ки дар Ғарб зиндагӣ мекунам, байни усули ахлоқии исломӣ ва усулҳои ахлоқии ғарбӣ фарқи бузургеро ҳис мекунам. Мақсади ман инаст, ки он чизе, ки 14 аср пеш дар дини Ислом бад шуморида мешуд, ҳанӯз ҳам бад шуморида мешавад, аммо ин амр дар усули ахлоқии ғарбиҳо чунин нест, чунки назарияи ахлоқӣ дар назди онҳо бо тағйири замон тағйир ва пешрафт менамояд. Аз Шумо хоҳиш менамоям дар бораи ин мавзӯъ назари худро бигӯед.*

***Ҷавоб:*** Ҷавоби ин саволи муҳим ва асосӣ дар ду нукта дода шудааст:

1. Бояд байни арзишҳои ахлоқӣ (ва ин ҳамон намунаи олӣ ё *мақосид* мебошанд) ва интихоби ахлоқӣ (ва ин иҷрои арзишҳое мебошад, ки онро дар воқеаҳои зиндагӣ зикр кардем) фарқ бигузорем. Мақосид ва арзишҳои олӣ, монанди адолат, баробарӣ, амонатдорӣ, озодӣ, покдоманӣ, ҳамдигарро бахшидан ва ғайра қобили тағйир ва пешрафт дар тағйиру пешрафти замону макон нестанд, балки онҳо усул ва пойдевор ҳастанд. Аммо иҷрои ахлоқиёт бо тағйири замону макон метавонанд тағйир ва пешрафт дошта бошанд. Вале ин пешрафт ва тағйирот бояд тарзе бошанд, ки усул ва арзишҳо нигоҳ дошта шаванд. Ба таври мисол, адолат асле аз усул дар ҳар замону макон мебошад, аммо дар масоили ҳукми одилона дар маҳкамаҳо бояд ёдовар шавем, ки ҳукми одилона дар асоси фарҳанг ва шароити воқеии ҳар ҷомеа иҷро мегардад. Ин ба хотири он аст, ки адолат шартҳои ҳуқуқӣ ва масъулиятҳои муайянеро тақозо мекунад, ки он ҳама бар уҳдаи ҳар фарди оила ё ҷомеа ва ё масъулин қарор дорад. Ва ин ҳама дар асоси низоми иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсии ривоҷ дошта иҷро бояд шавад. Ин ҳуқуқ ва масъулиятҳо имкон доранд тағйир намояд ва он ҳам замоне, ки ба низоми иҷтимоии мухталифе, ки дар он нақши аъзои оила низ тағйири возеҳ ва ошкор дошта бошанд ва ё низоми сиёсӣ ва иқтисодие, ки дар асоси урфу одатҳо ва ҳуқуқи муайяне барои афрод ё ҷамоатҳо асос ёфта бошанд. Ихтилофот дар хусусиятҳои фарҳан-

гӣ ба ин шарт, ки дар чорчӯбаи умури машрӯъ бошанд, бояд дар назар гирифта шаванд, модоме, ки *мақсад* ва ҳадаф барқарор шудани адолат бошад.

2. Сазовор аст ин ҷо таъкид намоем, ки *ибодатҳо* чуноне, ки ворид шудаанд, бояд қабул ва иҷро шаванд ва *ибодатҳо* бо тағйири шароит тағйирпазир нестанд. Пас маълум мешавад, ки *ибодатҳо* асоси шариати исломӣ мебошанд ва бар ҳар мусулмоне лозим аст, ки дар ҳар замону макон бар он тамассук дошта бошанд. Пас намозҳои панҷгонаи рӯзона намунаи ибодатҳое мебошанд, ки тағйирпазир нестанд (инчунин тариқаи адои намоз, тариқаи таҳорати пеш аз намоз, теъдоди ракаоти намоз, вақтҳои намоз, ҳаракатҳои рукуъ ва суҷуд, намозхон чӣ бояд бихонад ва ғайра низ тағйирпазир нестанд). Закот ҳам қобили тағйир нест (дар закот нисоб, микдори фарзшуда, мустаҳиққони закот ва ғайра низ дохил мешаванд). Дар ин ва дигар *ибодатҳо* мусулмон аз суннати Расулуллоҳ (с) бидуни ҳеҷ гуна тағйире пайравӣ менамояд. Ҳеҷ кас ҳақ надорад гумон кунад, ки ҳикмат ва сабабҳоеро рӯи даст дорад, ки ба воситаи он дар *ибодатҳо* тағйиротеро ворид намояд. Аммо амалҳое, ки аз боби *муомилот* ҳастанд, ба қадри он ҳикматҳое, ки дар он нуҳуфта ҳастанд ва ба қадри он чӣ аз сабабҳо доро мебошанд, мутаъассир мегарданд ва тағйир меёбанд.

Ин ҷо таъкид менамоем, ки ҳукм ба ҳаром намудани амалҳои муайяне, монанди нӯшидани шароб кам бошад ё зиёд, қимор, рибо ва зино, ҳамаи инҳо дар доираи *ибодатҳо* бо он мафҳуме, ки зикр намудем, дохил мешаванд ва ин аҳком дар Қуръон ва суннат бо далоили қатъие, ки қобили баҳсу иҷтиҳод нестанд, собит шудаанд. Барои як пажӯҳишгар имконият аст, ки дар ҳукме аз ин аҳком тааммул намояд ва шакке нест, ки мо метавонем дар ҳукме аз ин аҳком ба ҳикмате бирасем ва шахси дигаре ба ҳикмати дигаре даст ёбад ва дар ин мавзӯъ бо ҳамдигар гуфтугӯ намоянд. Аммо ин амр ин воқеиятро рад намекунад, ки дар Қуръон ва суннат аҳкоме низ вуҷуд доранд, ки бар мусулмон лозим аст онҳоро риоя намояд ва онро дар зиндагӣ татбиқ кунад.

***Савол:*** *Чӣ гуна дини муборaки Ислом метавонад дар инкишофи ахлоқ дар ин асре, ки тағйироту дигаргуниҳо ба суръат пеш меравaнд, кумак намояд?*

***Ҷавоб:*** Шариати исломӣ вижагии хоссеро дорад ва он ин аст, ки чун ҳукмеро содир менамояд, ҳатман яке аз аҳдофи ин ҳукмҳо ба таҳқиқ расидани ахлоқи муайяне мебошад. Пас *ибодатҳо* ва муомилоти исломӣ дар зоти худ ҳадафҳои ахлоқиро доранд. Пайғамбар (с) дар бораи рисолати худ мефармояд: “Ман барои ба камол расондани ахлоқ фиристода шудаам”. Аммо агар намунаи мушаххасе дар ин росто хоста бошем, метавонем ин қавли Худовандро дар Қуръони карим дар бораи намоз дар назар бигирем, ки мефармояд: “Намоз одамиро аз фаҳшову мункар бозмедорад” (Анкабут, 45). Ва инчунин дар бораи ҳаҷ мефармояд, “Ҳангоми адои маносики ҳаҷ бо занон наёмезед, фисқ наварзед ва ҷидол накунед” (Бақара, 197). Ҳадаф аз адои закот, чуноне Расулуллоҳ (с) мефармояд, ин аст, ки як қисми мол аз сарватмандон гирифта, ба фақирон дода шавад. Тамоми аҳкоми шаръӣ дар масоили муомилоти тиҷорӣ ва ақдҳо ва монанди инҳо бо ҳадафи устувор намудани арзишҳои ахлоқӣ, монандӣ амонатдорӣ, хиёнат накардан, ҳимояи нотавонон ва ғайра содир шудаанд. Пас агар шариати исломӣ ба таври дуруст татбиқ гардад, дар он сурат дар ҷомеа арзишҳои ахлоқӣ мунташир шуда, роиҷ мегардад. Ба ибораи дигар, шариати исломӣ "кодекси ахлоқӣ" мебошад, на "кодекси теократӣ", бар ҳасби истилоҳоти ҷаҳони имрӯз.

***Савол:*** *Қуръон мефармояд, ки Муҳаммад (с) "раҳмате барои оламиён" аст. Пас чӣ гуна мешавад, ки мо низоми шариатро бо ин ҳама сахтгирӣ мебинем? Оё ин ҷо ихтилофе байни сахтгирии шариат ва ояти карим, ки ҳадафи рисолати Расулуллоҳро (с) мушаххас месозад, вуҷуд надорад? Хоҳиш мекунам бароям дар ин мавзӯъ равшанӣ андозед.*

***Ҷавоб:*** Бале, дар ҳақиқат Муҳаммад (с) “раҳмате барои оламиён” (Анбиё, 107) аст. Аммо ман гумон намекунам, ки мушкиле дар шариат вуҷуд дошта бошад, чунки шариат низоми исло-

миро намояндагӣ менамояд, ки он ҳам барои башарият раҳмат ва олитарин низоми ахлоқӣ мебошад. Дар чунин ҳолатҳо сухanoни фақеҳи бузург Шамсуддин ибни Қайим ба ёдам меоянд, ки мефармояд:

*“Шариат бар мабно ва асоси ҳикматҳо ва манфиатҳои мардум дар зиндагӣ ва охират бунёд шудааст. Тамоми ҳастии шариат адолат, раҳмат, ҳикмат ва манфиат аст. Пас ҳар масъалае, ки аз доираи адолат хориҷ шуда, ба зулм табдил ёбад ё аз раҳмат хориҷ гашта, ба зидди раҳмат табдил ёбад ё аз манфиат хоирҷ гашта, ба муфсидот табдил шавад ё аз ҳикмат хориҷ гашта, ба беҳудагӣ табдил ёбад, аз ҷумлаи шариат ба ҳисоб намеравад, агар чӣ онро бо таъвил ба шариат дохил карда бошанд”.*

Аммо ба сабаби ин, ки инсонҳо дар гузашта ва ҳоло шариатро нодуруст фаҳмиданд ва мефаҳманд, мушкилоти калон ҳосил гаштааст. Ва инчунин хатогиҳои зиёди дигаре дар татбиқи шариат содир шудааст, ки тасвири нодурусте аз шариат нишон медиҳад, чуноне, ки дар суоли худ зикр намудед. Бо вуҷуди ин, ки ҳадафи шариат таҳаққуқи адолат, раҳмат, ҳикмат ва манфиат аст, боз ҳам афроде, ки мансабҳои баланди фарҳангӣ ва сиёсӣ доранд, шариатро бозичаи дасти худ қарор дода, аз он барои нуфузи худро зиёд кардан ва ё касби манфиат намудан истифодаи нодуруст менамоянд. Ба ҳамин хотир, чунин ашхос фаҳми он бардошти хосси худашон аз шариатро ба хотири ҳосил кардани манфиатҳои дунявӣ нашр менамоянд. Шакке нест, ки чунин ашхос тасвири шариат ва исломро аз душманон ҳам бештар бад менамоянд.

***Савол:*** *Муҳаббат ҳадафи волоест дар зиндагӣ. Ишқи дутарафа ва ба даст овардани дили шахси муносиб дар ҳақиқат бузургтарин саодатест, ки инсон дар орзуи он аст. Пас чаро шариат барои мо озодии комилро намедиҳад, то аз ин муҳаббат дур аз сахтиҳо ва мушкилоти оила лаззат бубарем? Чӣ*

*гуна имкон дорад, ки таҳрими лаззати ҷисм аз муҳаббатро аз ҷумлаи ахлоқи хуб бишуморем ва ин таҳримро яке аз ҷанбаҳои мақосиди ахлоқии шариат бидонем?*

***Ҷавоб:*** Ин ҳамон ҷанбаҳое мебошанд, ки рафтор ва кирдори бисёри мусулмонон ба симои шариати исломӣ зарба мезананд. Бале, дуруст аст, ки муҳаббат ба он маъное, ки Шумо дар назар доред, яке аз зеботарин неъматҳоест, ки Аллоҳ таоло барои инсонҳо дар ин зиндагӣ ато намудааст. Ва табиист, ки инсоне инсони дигареро дӯст дорад ва хоҳиши изҳори муҳаббаташро дошта бошад. Ислом бо ин табиати инсонӣ душманӣ надорад, балки онро ба танзим медарорад. Кӣ гуфтааст, ки Ислом муҳаббатро манъ кардааст? Аммо он чӣ, ки Ислом ҳаром гардондааст, лаззат бурдани ҷисмӣ байни ду шахси беникоҳ мебошад. Аммо чаро ин амалро Ислом ҳаром гардондааст? Чунки Ислом байни ин муҳаббати отифӣ ва арзиши дигаре, яъне рушду инкишофи оила ва саодату хушбахтиҳои он, муқоиса мекунад ва оила дар низоми Ислом асоси саодату хушбахтӣ мебошад.

Пас агар мард ё зани оиладор зино кунад, аз дидгоҳи Ислом муртакиби ҷиноят шудааст, чунки амали ӯ, ҳатто агар аз рӯи ишқу муҳаббат бошад, бо мафҳуми хонавода, ки Ислом барои ташкил ва тақвияти он талош мекунад, мухолиф аст. Аммо агар ин ду шахсе, ки ҳамдигарро дӯст медоранд, бо ҳам издивоҷ накарда бошанд, дини мубораки Ислом онҳоро аз дӯст доштани якдигар манъ намекунад, вале онҳоро то издивоҷ кардан аз ин, ки бо алоқаи ҷинсӣ изҳори муҳаббат намоянд, манъ менамояд. Ин ҷо ҳадаф аз ин ҳукм муқоиса намудан байни муҳаббат ва арзишҳои оила мебошад, чунки Ислом ба издивоҷ ташвиқ намуда, расидан ба ин ҳадафро бо эҷоди роҳҳои мухталиф осон менамояд. Ба ҳамин хотир Расулуллоҳ (с) мефармояд: "Барои дӯстдоштаҳо беҳтар аз никоҳ надидаам". Пас Ислом ба издивоҷ ташвиқ намудааст, чунки саволе ин ҷо ба вуҷуд меояд, ки Ислом дар бораи фарзанде, ки аз ин алоқаи номашрӯи байни ин ду шахс ба вуҷуд меояд, чӣ назар дорад? Оё ин аз рӯи инсоф аст, ки атфол бар асоси як алоқаи номашрӯъ ба дунё биёянд?

Ҳамчунин инро назар ба он чӣ, ки дар саволи шумо омадааст, зикр мекунам, ки агар зану шавҳар тасмим гиранд, ки ба дунё овардани фарзандонро ба сабабҳои хоссе, монанди муносиб набудани синну сол ё "сахтиҳо ва мушкилоти оила", чуноне, ки Шумо зикр кардед, ба таъхир андозанд, Ислом чунин амалро манъ намекунад. Аммо агар қарор бошад фарзанде ба дунё биёяд, пас бояд дар доираи хонавода таваллуд шавад. Ва ин амал кудаконро аз зарарҳои зиёд ҳифз мекунад. Барои исбот кардани ба ин сухан кофӣ аст он теъдоди бузурги кудаконро, ки дар саросари олам дар тарбияи яке аз волидон, махсусан модарон зиндагӣ мекунанд, мисол орем. Пас муҳаббат амри зебоест, чуноне зикр кардам, вале Ислом мехоҳад байни муҳаббат ва аҳдофи иҷтимоии оила тавозун барқарор кунад.

***Савол:** Чӣ гуна метавонед бигӯед, ки Ислом як низоми* **ахлоқӣ аст, дар ҳоле, ки ба терроризм даъват менамояд?**

***Ҷавоб:*** Барои ҷавоб ба ин савол аввал чизҳоеро, ки дар маънои дурусти терроризм дохил намешаванд, муайян мекунам ва сипас он чиро, ки терроризми ҳақиқӣ аст, мегӯям. Он гоҳ ҷавоб рӯшану возеҳ хоҳад шуд.

— Терроризм дин надорад ва дуруст нест, ки терроризмро ба дини Ислом, яҳудият, масеҳият, индуизм ё будизм рабт диҳем, чунки тамоми ин динҳо ҳеҷ рабте ба терроризм надоранд. Оё беҳтарин масдар барои шинохтани ҳар дине ҳамон китоби муқаддасаш нест? Мо дар ин китобҳои муқаддас назарҳои мухталиферо дар бораи мафҳуми холиқ ва олам мебинем ва инчунин дар ин китобҳо мебинем, ки пайравонашонро ба усул ва асосҳои муайяни ахлоқ ва бардоштани мақоми руҳ ташвиқ менамоянд. Албатта, барои расидан ба ин ҳадаф байни динҳо ихтилофи назар вуҷуд дорад.

— Терроризм хушунат нест, чунки тамоми инсонҳо медонанд, ки баъзе муомилоти хушунатбор гоҳ вақт амри

ҷоиз ва асоснок ҳастанд. Пас ҳама инро қабул доранд, ки инсон метавонад ба хотири дифоъ аз худ аз хушунат кор бигирад ва мо ҳамагӣ инро медонем, ки хушунат, вақте ки касе дар роҳ ба ту ҳамла намояд, лозим аст. Баъзан ба хотири дастгир намудани ҷинояткор ва ҷазо додани ӯ, ки вазифаи ҳукумат аст, аз хушунат истифода менамоянд. Мардум аз хушунат бо роҳи қонунӣ дар шикор истифода менамоянд. (Албатта ғайр аз касоне, ки гӯшт намехӯранд). Пас дар ҳамаи ин ҳолатҳо мардум хушунатро нодуруст намедонанд. Хушунат гуноҳ ба шумор намеравад, балки равише, ки хушунат дар он истифода мешавад, муайян месозад, ки ин хушунат гуноҳ аст ё савоб.

— Дифоъ аз худ терроризм нест. Тасаввур кунед, мисол, мардоне силоҳ гирифта, ба минтақаи шумо меоянд ва шуморо аз хона меронанд ва онро аз худ мекунанд ва ҳеҷ касе аз шумо дифоъ намекунад. Оё ҳақ надоред, ки аз худ дифоъ кунед? Аммо чунин дифоъ аз худ маънои онро надорад, ки шумо ҳақ доред ба бегуноҳон зулм кунед, балки бояд танҳо дар муқобили касоне муқобила кунед, ки ба хонаи шуморо ҳуҷум овардаанд.

— Терроризм дар афрод маҳдуд намешавад. Гурӯҳҳои созмонёфтаи террористӣ вуҷуд доранд ва ашхоси тарбиятшударо дар ин роҳ ба хотири расидан ба аҳдофи худ ба кор мегиранд. Давлатҳои террорист низ вуҷуд доранд, ки артишҳо ва аслиҳаи гуногунро барои саркӯби мардуми бегуноҳ истифода менамоянд. Ҳодисаҳое монанди террор, озору азияти гуногун монанди гуруснагӣ, шиканча, маҳрум кардани онҳо аз хадамоти беҳдоштӣ ва мамониати иқтисодӣ болои мардум воқеъ мегардад.

— Терроризм дар манотиқи бомаданияте, ки дар ҳолати ҷанг нестанд, маҳдуд намешавад, балки амалҳои террористӣ дар манотиқе, ки дар ҳолати ҷанг қарор доранд, бештар аз манотиқи ором мебошанд ва ин дар замоне мебошад, ки қонуни ҷанг нисбати мардум, аскарон ё асирони ҷангӣ фаромӯш карда мешавад.

Ба ҳамин хотир, ҳар амале, ки ба воситаи он зараре ва озоре ба мардуми осоишта ё аскарони бегуноҳ мерасад, ки бо адолат ва ҳуқуқи инсон мухолиф аст, амали террористӣ мебошад. Акнун метавонем барои терроризм ин таърифро аз нигоҳи *мақосиди шариат* пешниҳод намоем: "Террор — ҳар гуна шакли озор ва зарар расондан ба мардуми бегуноҳ (ҳарбӣ ва ғайриҳарбӣ) ба гунаест, ки бо усули адолат ва ҳуқуқи инсон мухолиф бошад".

# ХУЛОСА

Татбиқи шариати исломӣ (ё дақиқтараш, татбиқи нодурусти он) дар ин аср чӣ басо ҷузъӣ аст, на куллӣ; гуфторӣ аст, на ахлоқӣ; якҷониба аст; на ҳамаҷониба, масоилро сиёҳ ё сафед мебинад, на рангорангу гуногуншакл; ҷудогона аст, на мураккаб; бар калимоту ҷумалот такя мекунад, на аҳдофу *мақосиди шариат*. Ҳамчунин боварии аз ҳад зиёд ба "ратсионалистӣ" (ё, баръакс, "ирратсионалистии постмодернистӣ"), аз як сӯ, ва "исмат"-и ровиён ва муҷтаҳидон (ё, баръакс, "таърихият"-и матнҳои шаръӣ), аз сӯи дигарро бар ин илова намоед. Тамоми ин масоил ҷанбаи рӯҳоният ва бархӯрди дуруст бо мухолифинро заиф намуда, идеологияҳои хушунатбор, озодиҳои зоеъшуда ва сиёстаҳои золимонаро ба бор меоранд. Ба ҳамин хотир, назарияи *мақосиди шариат* дараҷаи мунозираҳои фалсафӣ дар масоили қонунгузориро мебардорад, бар фарқиятҳои таърихие, ки сабаби ихтилоф байни мазҳабҳо гаштаанд, ғолиб меояд ва ба фарҳанги сулҳ ва ҳамзистии мусолиматомез, ки дунё ба он ниёзи шадид дорад, ташвиқ менамояд. Бинобар ин, масъалаи амалӣ кардани *мақосиди шариат* бояд ҳадафи асосии тамоми мутахассисони шариат ва асосгузорони сиёсатҳои мухталиф шавад, сарфи назар аз номҳо ва мазҳабҳояшон, зеро салоҳият ва дуруст будани иҷтиҳоди онҳо ба андозаи мутобиқ будани он бо *мақосиди шариат* аст.

# Хотима


1. Ибни Ошур, Муҳаммад Тоҳир. Мақосид аш-шариъа ал-исломия / Тарҷумаи Муҳаммад Тоҳир Мисовӣ. — Лондон-Вашингтон: Муассисаи байналмилалии андешаи исломӣ, 2006. С. 2.
2. Von Jhering, Rudolf. Law as a Means to an End (Der Zweck im Recht) / Trans. Isaac Husik. 2nd reprint ed. — New Jersey: The Lawbook Exchange [Originally published: Boston Book Co., 1913], 2001. C. 35.
3. Ибни Ошур, Муҳаммад Тоҳир. Мақосид аш-шариъа ал-исломия / Зери таҳрири Муҳаммад Тоҳир Мисовӣ. — Куала-Лумпур: Фаҷр, 1999. С. 183.
4. Ҷувайнӣ, Абдулмалик. Ғиёс ал-умам фи илтиёс аз-зулам / Зери таҳрири Абдулазим Диб. — Қатар: Вазорати умури дин, 1400 ҳ. С. 253.
5. Ғазолӣ, Абуҳомид. ал-Мустасфо фи илм ал-усул / Зери таҳрири Муҳаммад Абдуссалом Абдушшофӣ. Чопи якум. — Бейрут: Дор ал-кутуб ал-илмия, 1413 ҳ. Ҷ.1. С.172.
6. Ибни Арабӣ, Абубакр Моликӣ. ал-Маҳсул фи усул ал-фиқҳ / Зери таҳрири Ҳусайн Али Бадрӣ ва Саид Фавда. Чопи якум. — Уммон: Дор ал-баёриқ, 1999. Ҷ. 5. С. 222; Омудӣ, Алӣ Абулҳасан. ал-Иҳком фи усул ал-аҳком. —Бейрут: Дор ал-китоб ал-арабӣ, 1404 ҳ. С. 286.
7. Туфӣ, Наҷмуддини. ат-Таъйин фи шарҳ ал-Арбаъин. — Бейрут: Дор ар-Районӣ, 1419 ҳ. С. 239.
8. М а ф о с и д (ҷамъи “мафсада”) — табоҳӣ, вайронӣ, фасодкорӣ, бадӣ, бетартибӣ, зишткорӣ, бадахлоқӣ.
9. Қарофӣ, Шаҳобуддин. аз-Захира. — Бейрут: Дор ал-араб, 1994. Ҷ. 5. С. 478.
10. Ғазолӣ. ал-Мустасфо. Ҷ. 1. С. 172; Ибни Арабӣ. ал-Маҳсул. Ҷ. 5. С. 222; Омудӣ. ал-Иҳком. Ҷ. 4. С. 287.
11. Ғазолӣ. ал-Мустасфо. Ҷ. 1. С. 172; Шотибӣ, Иброҳим Ғарнотӣ. ал-Мувофақот фи усул аш-шариа / Зери таҳрири Абдуллоҳ Дарроз. — Бейрут: Дор ал-маърифа. Ҷ. 3. С.47.
12. Шотибӣ. Мувофақот. Ҷ. 3. С. 5.
13. Ҳамон. Ҷ. 1. С. 151.

14. Атия, Ҷамолиддин. Наҳва тафъил мақосид аш-шариъа. — Уммон: Муассисаи байналмилалии андешаи исломӣ, 2001. С. 45.

15. Maslow, A.H. “A Theory of Human Motivation”. Psychological Reviev. № 50. 1943. PP. 96-370.

16. Maslow, A.H. Motivation and personality. 2nd ed. — New York: Harper and Row, 1970.

17. Бар асоси суҳбат бо Шайх Ҳасани Туробӣ дар Хартум (Судон) дар августи 2006.

18. Ҷуғайм, Нуъмон. Турук ал-кашф ъан мақосид аш-шариъа. Муассисаи байналмилалии андешаи исломӣ. — Малайзия: Дор ан-нафоис, 2002. С. 26-35.

19. Ризо, Муҳаммад Рашид. ал-Ваҳй ал-Муҳаммадӣ: Субут ан-нубувва би-л-Қуръон. — Қоҳира: Муассисаи Иззуддин, бе зикри сана. С. 100.

20. Ибни Ошур. Мақосид аш-шариъа ал-исломия. С. 183.

21. Инро, масалан, дар китоби зерин низ меёбем: Сивоси, Камолиддин. Шарҳ “Фатҳ ал-Қадир”. Чопи сеюм. —Бейрут: Дор ал-фикр, бе зикри сана. Ҷ. 4 С. 513.

22. Каҳф, 29.

23. Ибни Ошур. Усул ан-низом ал-иҷтимоӣ фи ал-ислом / Зери таҳрири Муҳаммад Тоҳир Мисовӣ. — Уммон: Дор ан-нафоис, 2001. С. 256, 268.

24. Ҳамон. С. 270-281.

25. Атия. Наҳва тафъил мақосид аш-шариъа. С. 49.

26. Izzi Dien, Mawil. Islamic Law: From Historical Foundations to Contemprorary / ed. Carole Hillenbrand. — Edinburgh: Edinburgh University Press ltd, 2004. C. 131-132.

27. Қарзовӣ, Юсуф. Кайфа натаъомал маъа ал-Қуръон. Ҷопи якум. — Қоҳира: Дор аш-шарқ, 1999.

28. Суҳбат дар Лондон (Англия) дар моҳи марти 2005 ва дар Сараево (Босния) дар моҳи майи 2007.

29. Алвонӣ, Тоҳо Ҷобир. Мақосид аш-шариъа. Чопи якум. — Бейрут: Муассисаи байналмилалии андешаи исломӣ ва Дор ал-ҳодӣ, 2001. С. 25.

30. Суҳбат дар Қоҳира (Миср) дар моҳи апрели 2007.

31. Тақрибан соли 7 ҳиҷрӣ. Ин ҷой якчанд километр аз Мадинаи мунав-

вара фосила дошт.

32. Бухорӣ. Саҳеҳ / Зери таҳрири Мустафо Баға. Чопи сеюм. — Бейрут: Дори Ибни Касир, 1986. Ҷ. 1. С. 321; Муслим. Саҳеҳ / Зери таҳрир Муҳаммад Фуод Абдулбоқӣ. — Бейрут: Дор эҳё ал-мирос ал-арабӣ, бе зикри сана. Ҷ. 3. С. 1391.
33. Бухорӣ. Саҳеҳ. Ҷ. 1. С. 321; Муслим. Саҳеҳ. Ҷ. 3. С. 1391. Ривояти Абдулло ибни Умар.
34. Ибни Ҳазм, Алӣ. ал-Муҳалло / Зери таҳрири Ҳайати Эҳёи мероси арабӣ. Чопи якум. — Бейрут: Дор ал-офоқ, бе зикри сана. Ҷ. 3. С. 291.
35. Абу Юсуф, Яъқуб. ал-Хироҷ. — Қоҳира: Матбаъа Амирия, 1303 ҳ. С. 14, 81; Ибни Одам, Яҳё. ал-Хироҷ. — Лоҳур: ал-Мактаба ал-ъилмия, 1974. С. 110.
36. Ҳашр, 7.
37. Билтоҷӣ, Муҳаммад. Манҳаҷ Умар ибн ал-Хаттоб фӣ ат-ташриъ. Чопи якум. — Қоҳира: Дор ас-салом, 2002. С. 190.
38. Ибни Рушд, Валид. Бидоят ал-муҷтаҳид ва ниҳоят ал-муқтасид. — Берут: Дор ал-фикр, бе зикри сана. Ҷ. 1. С. 291.
39. Савосӣ, Камолуддин. Шарҳ "Фатҳ ал-қадир". Ҷ. 2. С. 192; Ибни Абдулбар, Абу Умар. ат-Тамҳид / Зери таҳрири Муҳаммад ал-Волӣ ва Муҳаммад ал-Бакрӣ. — Мағриб: Вазорати вақф, 1387 ҳ. Ҷ. 4. С. 216.
40. Қарзовӣ, Юсуф. Фиқҳ аз-закот (Рисолаи докторӣ дар Донишгоҳи Азҳар). Чопи панҷум. — Миср, 1985. Ҷ. 1. С. 229.
41. Ибни Ҳазм, Алӣ. ал-Муҳалло / Зери таҳрири ҳайати "Эҳё ат-турас ал-арабӣ". Чопи аввал. — Бейрут: Дор ал-офоқ, бе зикри сана. С. 209.
42. Қарзовӣ. Фиқҳ аз-закот. Ҷ. 1. С. 146-148.
43. Бухорӣ. Саҳеҳ. Китоби "Ҳаҷ". Боби "Рамл".
44. Шотибӣ. ал-Мувофақот. Ҷ. 2. С. 6.
45. Райсунӣ, Аҳмад. Назария ал-мақосид ъинда Имом аш-Шотибӣ. Чопи якум. — Ҳерндон: Муассисаи байнайлмилалии андешаи исломӣ, 1992.
46. Райсунӣ, Аҳмад. Мақосид аш-шариъа ал-исломия: диросот фӣ қазоё ал-манҳаҷ ва маҷолот ат-татбиқ / Зери таҳрири Муҳаммад Салим Аво. — Қоҳира: Муассасат ал-Фурқон ли-т-турос ал-исломӣ, Марка-

зи пажӯҳишҳои мақосид, 2006. С. 181.

47. Имом, Муҳаммад Камол. ад-Далил ал-иршодӣ ило мақосид аш-шариъа ал-исломия. — Лондон: Маркази пажӯҳишҳои мақосид, 2007. С. 3.

48. Дар бораи ин китоб аз профессор Аҳмади Райсунӣ ҳангоми суҳбат бо ӯ дар Ҷидда дар моҳи апрели соли 2006 фаҳмидам ва нусхаи электронии дастнависи онро бо кумаки Аймани Фуоди устоди Донишгоҳи Қоҳира дар моҳи июли соли 2006 дарёфт кардам. Қаффол Шошӣ. Маҳосин аш-шариъа. Дастнавис дар бораи фиқҳи шофеӣ. Шумораи 263. — Қоҳира: Дор ал-кутуб, 969.

49. Луғонӣ, Абдунносир. "Диросa накдия ва таҳрир ал-ҷузъ ал-аввал мин китоб "Маҳосин аш-шариъа" ли-л-Қаффол аш-Шошӣ" / Рисолаи докторӣ дар Донишгоҳи Манчестер, 2004.

50. Иззуддин. Усул ат-ташриъ ал-исломӣ. С. 106.

51. Ҷобир, Ҳасан. ал-Мақосид фӣ ал-мадраса аш-шиъия // Мақосид аш-шариъа ал-исломия: Диросот фи қазойо ал-манҳаҷ ва маҷолот ат-татбиқ / Зери таҳрири Муҳаммад Салим Аво (Диросот фӣ фалсафа ат-ташриъ ал-исломӣ: ан-назария ва ат-татбиқ). Чопи якум. — Қоҳира: Муассасат ал-Фурқон ли-т-турос ал-исломӣ, Маркази пажӯҳиши мақосид, 2006. С. 325; Инчунин суҳбат дар ин мавзӯъ дар Искандарияи Миср дар моҳи августи соли 2006.

52. Ба гуфтаи доктор Муҳаммад Камоли Имом, устоди факултаи ҳуқуқи Донишгоҳи Искандарияи, ҳангоми суҳбат дар Қоҳираи Миср дар моҳи августи соли 2006.

53. Ибни Бобавайҳи Садуқи Қумӣ. Ъилал аш-шариъа / Зери таҳрири Муҳаммад Содиқ Бахр ал-ъулум. — Наҷаф: Дор уал-балоға, 1966.

54. Ба гуфтаи доктор Аҳмади Райсунӣ ҳангоми суҳбат дар Ҷидда дар моҳи ноябри соли 2006. Доктор Райсунӣ маро бо китоби “ал-Иълом би-мақосид ал-ислом”-и Абулҳасани Омирии Файласуф зери таҳрири Аҳмади Ғуроб (Қоҳира: Дор ал-китоб ал-ъарабӣ, 1967) ошно кард.

55. Суҳбат бо Шайх Ибни Байяҳ дар Макка дар моҳи апрели соли 2006.

56. Ҷувайнӣ, Абдулмалик. ал-Бурҳон фӣ усул ал-фиқҳ / Зери таҳрири Абдулазими Диб. Чопи чорум. — Мансура: ал-Вафо, 1998. Ҷ. 2. С. 621, 622, 747.

57. Ҳамон.

58. Ҳамон. С. 446, 473, 494.

59. Ғазолӣ. ал-Мустасфо. С. 258.

60. Ҳамон. С. 172.

61. Ҳамон. С. 174.

62. Ҳамон. С. 265.

63. Ибни Абдуссалом, Иззуддин. Мақосид ас-савм / Зери таҳрири Ийёди Таббоъ. Чопи дуюм. — Бейрут: Дор ал-фикр, 1995.

64. Ибни Абдуссалом, Иззуддин. Қавоъид ал-аҳком фӣ масолеҳ ал-аном. — Бейрут: Дор ан-нашр, бе зикри сана. Ҷ. 2. С. 160.

65. Қарофӣ. ал-Фуруқ / Зери таҳрири Холиди Мансур. Бейрут: Дор ал-кутуб ал-илмия, 1998. Ҷ. 1. С. 357.

66. Ибни Ошур. Мақосид аш-шариъа ал-исломия. С. 100.

67. Қарофӣ. аз-Захира. Ҷ. 1. С. 153; Қарофӣ. ал-Фурқон. Ҷ. 2. С. 60.

68. Ибни Қайим, Шамсуддин. Эълом ал-мувақиъин / Зери таҳрири Тоҳо Абдурррауф Саъд. — Бейрут: Дор ал-ҷил, 1973. Ҷ. 1. С. 333.

69. Шотибӣ. ал-Мувофақот. Ҷ. 2. С. 6.

70. Ҳамон. Ҷ. 2. С. 25.

71. Ҳамон. Ҷ. 2. С. 61.

72. Райсунӣ. Назарият ал-мақосид. С. 169.

73. Шотибӣ. ал-Мувофақот. Ҷ. 4. С. 229.

74. Ҳамон. Ҷ. 2. С. 6.

75. Суҳбат бо муфтии Миср Шайх Алӣ Ҷумъа дар Қоҳира дар моҳи декабри соли 2015.

76. Омирӣ. ал-Эълом. С. 125.

77. Ҷувайнӣ. ал-Бурҳон. Ҷ. 2. С. 747.

78. Ғазолӣ. ал-Мустасфо. С. 258.

79. Ибни Ошур, Тоҳир. Усул ан-низом ал-иҷтимоӣ фӣ ал-ислом / Зери таҳрири Муҳаммад Тоҳир Мисовӣ. — Уммон: Дор ан-нафоис, 2001. С. 206.

80. Суҳбат бо муфтии Миср Шайх Алӣ Ҷумъа дар Қоҳира дар моҳи декабари соли 2005.

81. Авда, Ҷосир. Фиқҳ ал-мақосид: Инотат ал-аҳком аш-шаръия би-мақосидиҳо. — Вирҷиния: Муассисаи байналмилалии андешаи

исломӣ, 2006. С. 20.

82. Бухорӣ. Саҳеҳ. Ҷ. 1. С. 37.

83. Қарзовӣ, Юсуф. Мадхал ли-диросат аш-шариъат ал-исломия. — Қоҳира: Ваҳба, 1997. С. 101; Атия. Наҳва тафъил мақосид аш-шариъа. С. 170; Аҳмад Райсунӣ, Муҳаммад Зуҳайлӣ ва Муҳаммад Шабир. Мақосид аш-шариъа: Миҳвар ҳуқуқ ал-инсон // Китоб ал-умма. Дар 168 ҷилд. — Қатар: Раёсати судҳои шаръии Қатар, 2002. Ҷ. 87; Аво, Муҳаммад. ал-Фиқҳ ал-исломӣ фӣ тариқ ат-таҷдид. — Қоҳира: ал-Мактаб ал-исломӣ, 1998. С. 195.

84. Солеҳ, Муҳаммад Усмон. “Ислом низоми шомилест барои ҳимоя ва тақвияти ҳуқуқи инсон" // Маърӯза дар Ҳамоиши байналмилалии "Ислом ва ҳуқуқи башар". Хуртум, 2006.

85. Китобхонаи ҳуқуқшиносии ба номи Бора Ласкин, Факултаи ҳуқуқи Донишгоҳи Торонто. Ҳифзи байналмилалии ҳуқуқи инсон(International Protection of Human Rights), 2004. http://www.unhchr.ch/huridocda/huridoca.nsf/(Symbol)/E.CN.4.Sub.2.2003.NGO.15.En

86. Комиссияи олии Созмони милали муттаҳид оид ба ҳуқуқи инсон. Масоили муайяни ҳуқуқи башар (Specific Human Rights Issues), июли, 2003: http://www.unhchr.ch/huridocda/huridoca.nsf/(Symbol)/E.CN.4.Sub.2.2003.NGO.15.En

87. Ҳамон.

88. Солеҳ, Муҳаммад Усмон. “Ислом низоми шомилест барои ҳимоя ва тақвияти ҳуқуқи инсон" // Маърӯза дар Ҳамоиши байналмилалии "Ислом ва ҳуқуқи башар". Хуртум, 2006; Ҳофманн, Мурад. ал-Ислом ъом алфайн. Чопи якум. — Қоҳира: Мактабат аш-Шуруқ, 1995. С. 56.

89. Омирӣ. ал-Эълом. С. 125.

90. Ибни Ошур. Мақосид аш-шариъат ал-исломия. С. 292.

91. Атия. Наҳва тафъил мақосид аш-шариъа. С. 171; Райсунӣ, Зуҳайлӣ ва Шабир. Мақосид аш-шариъа: Миҳвар ҳуқуқ ал-инсон.

92. Бақара, 256. Ба назари ман, маънои “Дар дин ҳеҷ маҷбурие нест” ин аст, ки маҷбур кардан дар амре аз умури дин ҷоиз нест, на ин, ки иҷбор танҳо дар умуми дин бошад. (Чуноне, ки дар тарҷумаи Юсуф Алӣ ва Мармадюк Пиктал омадааст).

93. Кутуб, Мустафо Сону. Қироа маърифия фӣ ал-фикр ал-усулӣ. Чопи

якум. — Куала-Лумпур: Дор ат-таҷдид, 2005. С. 157.

94. Барномаи рушди Созмони милали муттаҳид. Гузориш солона. Соли 2004. http://www.undp.org/annualreports/2004/english

95. Шариф, Муҳаммад Шокир. Ҳақиқат ад-димуқротия. — Риёз: Дор ал-ватан, 1992. С. 3; Муфтӣ, Муҳаммад Алӣ. Нақд ал-ҷузур ал-фикрия ли-д-димуқротия ал-ғарбия. — Риёз: Анҷумани исломӣ ва маҷаллаи "Баён", 2002. С. 91.

96. Ғазолӣ. ал-Мустасфо фӣ усул ал-фиқҳ. С. 279; Шотибӣ. ал-Мувофақот. Ҷ. 4. С. 129; Ибни Таймия. Кутуб ва расоил ва фатово / Зери таҳрири Абдурраҳмони Наҷдӣ. Чопи дуюм. — Риёз: Мактабат Ибни Таймия, бе зикри сана. Ҷ. 9. С. 131.

97. Ғазолӣ. Мақосид ал-фалосифа. — Қоҳира: Дор ал-маъориф, 1961. С. 62.

98. Ибни Таймия. Кутуб ва расоил ва фатово. Ҷ. 19. С. 131.

99. Бухорӣ, Абдулазиз. Кашф ал-асрор. — Бейрут: Дор ал-кутуб ал-ъилмӣ, 1997. Ҷ. 3. С. 77.

100. Бухорӣ. Саҳеҳ. С. 69.

101. Ҳамон.

102. Ҳадид, 22. Авда. Фиқҳ ал-мақосид. С. 106.

103. Ибни Арабӣ, Абубакри Моликӣ. Ъориз ал-аҳвазӣ. — Қоҳира: Дор ал-ваҳй ал-муҳаммадӣ, бе зикри сана. Ҷ. 10. С. 264.

104. Ниг.: Розӣ. ат-Тафсир ал-Кабир. — Бейрут: Дор ал-кутуб ал-ъилмия, 2000. Ҷ. 3. С. 204; Табрасӣ, Фазл ибни Ҳусейн. Маҷмаъ ал-баён фӣ тафсир ал-Қуръон. — Бейрут: Дор ал-ъулум, 2005. Ҷ. 1. С. 406; Нидо, Муҳаммад. ан-Насх фӣ ал-Қуръон. — Қоҳира: Дор ал-ъарабия ли-л-кутуб, 1996. С. 25.

105. Бурҳон Зрайқ. ас-Саҳифа: Мисоқ ар-Расул. Чопи якум. — Димишқ: Дор ан-намир ва Дор Маъд, 1996. С. 353.

106. Ҳамон. С. 216.

107. Бар асоси тадқиқоте, ки дар китобҳои ҳадис доштам, чуноне пештар зикр кардем.

108. Алвонӣ, Тоҳо Ҷобир. Мақосид аш-шариъа / Абдулҷаббор Рифоъӣ // Мақосид аш-шариъа. — Димишқ: Дор ал-фикр, 2001. С. 89.

109. Мувофиқи он чӣ, ки баъзе фақеҳон пешниҳод кардаанд, аз ҷумла: Имом Шофеӣ. ар-Рисола. С. 272-275; Зарқонӣ, Муҳаммад. Шарҳ

ар-Зарқонӣ ъало "Муваттаъ" ал-Имом Молик. Чопи якум. — Бейрут: Дор ал-кутуб ал-ъилмия, бе зикри сана. Ҷ. 1. С. 229.

110. Савосӣ. Шарҳ "Фатҳ ал-Қадир". Ҷ. 1. С. 311; Сарахсӣ, Муҳаммад ибни Аҳмад. Усул ас-Сарахсӣ. — Бейрут: Дор ал-маърифа, бе зикри сана. Ҷ. 1. С. 12; Косонӣ, Алоуддин. Бадоеъ ас-саноеъ фӣ тартиб аш-шароеъ. Чопи дуюм. — Бейрут: Дор ал-китоб ал-ъарабӣ, 1982. Ҷ. 1. С. 207.

111. Шофеӣ, Муҳаммад ибни Идрис. ар-Рисола / Зери таҳрири Аҳмад Шокир. — Қоҳира: ал-Маданӣ, 1939. С. 272-275.

112. Тирмизӣ, Муҳаммад ибни Исо. ал-Ҷомеъ ас-саҳеҳ (Сунан ат-Тирмизӣ) / Зери таҳрири Аҳмад Шокир. — Бейрут: Дор эҳё ат-турос ал-ъарабӣ, бе зикри сана. Ҷ. 2. С. 275.

113. Нававӣ, Яҳё Абу Закариё. ал-Маҷмуъ. — Бейрут: Дор ал-фикр, 1997. Ҷ. 4. С. 145.

114. Ғазолӣ. ал-Мустасфо. Ҷ. 1. С. 172-174.

115. Ибни Ошур. Мақосид аш-шариъат ал-исломия. С. 236.

116. Абу Довуд, Ибни Моҷа, Тирмизӣ, Ибни Ҳиббон, Ҳоким ва Ибни Адӣ ривоят мекунанд, ки Оиша (р) гуфт: "Расулуллоҳ (с) фармуданд: "Ҳар зане, ки бе иҷозати валияш издивоҷ кунад, никоҳаш ботил аст" ва инро се бор такрор кард".

117. Молик дар "Муваттаъ", Муслим аз тариқи Молик, Абу Довуд, Ибни Моҷа, Тирмизӣ ва Доримӣ аз Оиша (р) ривоят мекунанд, ки Расулуллоҳ (с) фармуд: “Зани шавҳардида аз валияш сазовортар аст, аммо аз бикр иҷозат пурсида мешавад ва сукуташ ризояташ аст”.

118. Ибни Нуҷайм, Зайнуддин. ал-Баҳр ар-роиқ. — Бейрут: Дор ал-маърифа, бе зикри сана. Ҷ. 2.

119. Савосӣ. Шарҳ "Фатҳ ал-Қадир. Ҷ. 3. С. 258.

120. Ибни Обидин, Муҳаммад Амин. Ҳошия "Рад ал-муҳтоҷ". — Бейрут: Дор ал-фикр, 2000. Ҷ. 3. С. 55.

121. Ғазолӣ, Муҳаммад. Назарот фӣ ал-Қуръон. — Қоҳира: Наҳзат Миср, 2002. С. 194.

122. Абу Довуд. Сунан. Китоби "ат-Талоқ". Боби “Ма аҳаққу би-л-валад”. Ҷ. 2. С. 283.

123. Санъонӣ, Муҳаммад ибни Исмоил. Субул ас-салом: Шарҳ "Булуғ ал-маром мин адиллат ал-аҳком" / Зери таҳрири Муҳаммад Абду-

лазизи Хулӣ. Ҷопи чорум. — Бейрут: Эҳё ат-турос ал-ъарабӣ, 1379 ҳ. Ҷ. 3. С. 2.; Ибн Рушд, ал-Валид. Бидоят ал-муҷтаҳид ва ниҳоят ал-муқтасид. — Бейрут: Дор ал-фикр, бе зикри сана. Ҷ. 2. С. 43.

124. Санъонӣ, Муҳаммад ибни Исмоил. Субул ас-салом: Шарҳ "Булуғ ал-маром мин адиллат ал-аҳком" / Зери таҳрири Муҳаммад Абдулазизи Хулӣ. Ҷопи чорум. — Бейрут: Эҳё ат-турос ал-ъарабӣ, 1379 ҳ. Ҷ. 3. С. 227.

125. Ҳамон.

126. Ҳамон.

127. Ғазолӣ, Муҳаммад. ас-Суннат ан-набавия байна аҳл ал-фиқҳ ва аҳл ал-ҳадис. Чопи ёздаҳум. — Қоҳира: Дор аш-шурук, 1996. С. 161.

128. Суҳбат дар Сараево (Босния) дар моҳи майи соли 2007 ҳангоми Ҳаждаҳумин ҷаласаи Шӯрои Аврупо оид ба фатво ва тадқиқот.

129. Ниг.: Қарзовӣ, Юсуф. Мақола дар китоби "Мақосид аш-шариъа ал-исломия: Диросот фи қазойо ал-манҳаҷ ва маҷолот ат-татбиқ" / Зери таҳрири Муҳаммад Салим Аво. Чопи якум. — Қоҳира: Муассасат ал-Фурқон ли-т-турос ал-исломӣ, Маркази пажӯҳиши мақосид, 2006. С. 117-121.

130. Алвонӣ, Тоҳо Ҷобир. Қазоё фи ал-фикр ал-исломӣ ал-муосир. — Лондон-Вошингтон: Муассисаи байналмилалии андешаи исломӣ, 2005. С. 164-166.

131. Оятулло Маҳдӣ, Шамсуддин. ал-Иҷтиҳод ва ат-таҷдид фӣ ал-фиқҳ ал-исломӣ. — Бейрут: ал-Муассаса ад-дувалия, 1999. С. 128.

132. Ҳамон.

133. Афандӣ, Абдулваҳҳоб. Иъодат ат-тафкир фӣ ал-ислом ва ал-ҳадоса: Мақолот фӣ зикро Фатҳӣ Усмон. —Лондон: ал-Муассасат ал-исломия, 2001. С. 45.

134. Туробӣ, Ҳасан. Тамкин ал-маръа: Виджҳат назар исломия (Emancipation of Women: An Islamic Perspective). Чопи дуюм. — Лондон: Марказ ал-маълумот ал-исломия, 2000. С. 29; Суҳбат дар Хуртум (Судон) дар моҳи августи соли 2006.

135. Гародӣ, Роже. ал-Ислом ва ал-қарн ал-воҳид ва ал-ъишрун: шурут наҳзат ал-муслимин / Тарҷумаи Камол Ҷодуллоҳ. — Қоҳира: ад-Дор ал-ъоламия ли-л-кутуб ва ан-нашр, 1999. С. 70, 119.

136. Суруш, Абдулкарим. The Evolution and Devolution of Religiuos

Knowlege // Liberal Islam: Sourcebook / Ed. Charles Kuraman, Oxford: Oxford University Press, 1998. P. 250.

137. Taylor, ed. The Encyclopedia of Postmodernism. P. 178. Friedrich Meinecke. The Rise of New Historical Outlook. J.E. Anderson. London, 1972.

138. Абу Зайд, Наср Ҳомид. “Сифоти Аллоҳ дар Қуръон” дар китоби "Ислом ва муосир: иҷобати донишмандони мусулмонон" / Зери таҳрири Ҷон Купер, Роналд Л. Неттлер ва Муҳаммад Маҳмуд. — Лондон: I. B. Tauris, 1998. С. 199; Аркун, Муҳаммад. “Баррасии андеша дар бораи Исломи имрӯзӣ” // Liberal Islam: Sourcebook / Ed. Charles Kuraman, Oxford: Oxford University Press, 1998. P. 211.

139. Абу Зайд, Наср Ҳомид. ал-Имом аш-Шофеъӣ ва таъсис ал-идиулуҷия ал-васатия. Чопи сеюм. — Қоҳира: Мадбулӣ, 2003. С. 209; Мусо, Иброҳим. Мусулмонони пешрафта / Зери таҳрири Умеди Софӣ. — Oxford: Oxford Oneworld, 2003. С. 114.

140. Муғисӣ, Ҳоида. Feminism and Islamic Fundamentalism: The Limits of Postmodern Analysis. — New York: Zed Books, 1999. С. 141.

141. Ҳамон.

142. Ибни Варроқ. ар-Ридда ва ҳуқуқ ал-инсон // Free Inquiry. Феврал/Март, 2006. Бе зикри сана. С. 53.

143. Мусо, Иброҳим. "Introduction", Revival and Reform in Islam: A study of Islamic Fundametlism by Fazlur Rahman / Зери таҳрири Иброҳим Мусо. — Oxford: Oxford Oneworld, 2000. С. 42.

144. Туробӣ, Ҳасан. ат-Тафсир ат-тавҳидӣ. Чопи якум. — Лондон: Дор ас-соқӣ, 2004. Ҷ. 1. С. 20; Ҷобир, Ҳасан Муҳаммад. ал-Мақосид ал-куллия ва ал-иҷтиҳод ал-муосир: таъсис манҳаҷӣ ва қуръонӣ ли-олият ал-истинбот. Чопи якум. — Бейрут: Дор ал-ҳивор, 2001. С. 35.

145. Ниг.: Албонӣ, Тоҳо Ҷобир. Мадхал ило фиқҳ ал-ақаллиёт // Гузорише барои Шӯрои Аврупо оид ба фатво ва тадқиқот. Дублин, ноябри 2004. С. 36; Ғазолӣ. ас-Суннат ан-набавия. С. 19, 61, 125; Ғазолӣ. Назарот фӣ ал-Қуръон. С. 36; Намр, Абдулмунъим. ал-Иҷтиҳод. — Қоҳира: Дор аш-шуруқ, 1986. С. 147; Туробӣ, Ҳасан. Қазоё ат-таҷдид: наҳва манҳаҷ усулӣ. — Бейрут: Дор ал-ҳодӣ, 2000. С. 157; Yassin Dutton. The Original of Islamic Law: The Quran? The Muwatta and Madinan Amal. Surrey: Kurzon, 1999. P. 1; Ҷон Мақдисӣ. Имтиҳон

дар партави воқеияти истиҳсон ҳамчун асле аз усули иҷтиҳоди исломӣ // Маҷаллаи “ал-Қонун ал-исломӣ ва аш-Шарқ ал-авсат”. № 99. Тирамоҳ/зимистон, 2003; А. Омотошо. Мушкилот дар усули фиқҳ // Рисолаи докторӣ дар Донишгоҳи Эдинбург, 1984; Софӣ, Луай. Иъмол ал-ақл. — Питтсбург: Дор ал-фикр, 1998. С. 130; Шамсуддин. ал-Иҷтиҳод ва ат-таҷдид фӣ ал-фиқҳ ал-исломӣ. С. 21.

146. Ибни Ошур. Мақосид аш-шариъат ал-исломия. Фасли шашум.

147. Шавконӣ, Муҳаммад ибни Алӣ. Иршод ал-фуҳул ило таҳқиқ ал-ҳақ мин ъилм ал-усул / Зери таҳрири Муҳаммад Саъиди Бадрӣ. Чопи якум. — Бейрут: Дор ал-фикр, 1992. С. 246; Абу Заҳра, Муҳаммад. Усул ал-фиқҳ. — Қоҳира: Дор ал-фикр ал-ъарабӣ, 1958. С. 268.

148. Абу Заҳра. Усул ал-фиқҳ. С. 271.

149. Шотибӣ. Мувофақот. Ҷ. 2. С. 249.

150. Абу Зуҳра. Усул ал-фиқҳ. С. 273.

151. Ҳамон. С. 273.

152. Wolfe Robert Paul. About Philosophy. 8th ed. New Jersey: Prentice-Hall, 2000. P. 90.

153. Ваҷанот, Абдурраҳим Майманӣ. Қоъидат аз-зароеъ. Чопи якум. — Ҷидда: Дор ал-муҷтамаъ, 2000. С. 22, 32, 50, 608.

154. Ибни Усаймин. ал-Фатово аш-шаръия фӣ ал-масоил ал-ъасрия мин фатово ъуламо ал-балад ал-ҳаром.

155. Қарофӣ. аз-Захира. Ҷ. 1. С. 153; Қарофӣ. ал-Фурқон. Ҷ. 2. С. 60; Ибни Фарҳун, Бурҳонуддин. Табсират ал-ҳукком фӣ усул ал-қазия ва манохиҷ ал-аҳком / Зери таҳрири Ҷамол Маръашлӣ. — Бейрут: Дор ал-китоб ал-ъилмӣ, 1995. Ҷ. 2. С. 153.

156. Қарофӣ. аз-Захира. Ҷ. 1. С. 153; Қарофӣ. ал-Фурқон. Ҷ. 2. С. 60.

157. Ибни Фарҳон, Бурҳонуддин. Табсират ал-ҳукком фӣ усул ал-қазия ва манохиҷ ал-аҳком / Зери таҳрири Ҷамол Маръашлӣ. — Бейрут: Дор ал-китоб ал-ъилмӣ, 1995. Ҷ. 2. С. 170.

158. Ибни Ошур. Мақосид аш-шариъат ал-исломия. С. 234.

159. Мисол, Ибни Ошур ду ояти зерин: "Туро ба паёмбарӣ фиристодем, бар ҳамаи мардум" (Саба, 28) ва "Бигӯ: «Эй мардум, ман фиристодаи Худо бар ҳамаи шумо ҳастам»" (Аъроф, 158); ва ин ҳадиси шарифро зикр кардааст: "Ҳар паёмбаре ба таври хос ба сӯи умматаш фиристода мешуд, аммо ман ба таври ом ба сӯи мардум фиристода шудаам"

(Ривояти Муслим).

160. Ибни Ошур. Мақосид аш-шариъат ал-исломия. С. 236.

161. Ниг.: Муҳаммад Маҳдӣ Шамсуддин. Мақосид аш-шариъа; Муҳаммад Ҳусейн Фазлуллоҳ. Мақосид аш-шариъа; Алвонӣ. Мақосид аш-шариъа; Абдулҳодӣ Фазлӣ. “Мақсадҳои шариат” // Дар китоби "Мақосид аш-шариъа" / Зери таҳрири Абдулҷаббори Рафоъӣ. — Димишқ: Дор ал-фикр, 2001; Инчунин ниг.: Қарзовӣ. Мадхал ли-диросат аш-шариъат ал-исломия.

162. Шамсуддин. Мақосид аш-шариъа.

163. Wayne Grudem. Systematic Theology. Leicester and Grand Rapids: Inter-Varsity Press and Zondervan Publishing House, 1994. 2000. P. 21.

164. Ҳамон. С. 22.

165. Ниг.: Ҳамон. С. 67, 65, 110, 119, 123, 135, 143, 167, 172, 189, 208.

166. Charles Hodge. Systematic Theology / Edited by Edward Gross. New Jersey: P&R Publishers, 1997. P. 26.

167. Louis Berkhof. Systematic Theology. Grand Rapids: Wm. B. Eerdmans, 1996. P. 15.

168. Roger Olson. The Mosaic of Christian Beliefs: Twenty Centuries of Unity & Diversity. Downers Grove: Inter Varsity Press, 2002. P. 74.

169. Charles Hodge. Systematic Theology. P. 24-25.

170. Ғазолӣ. ал-Мустасфо. Ҷ. 1. С. 172; Ибни Арабӣ, Абубакри Моликӣ. ал-Маҳсул фӣ усул ал-фиқҳ / Зери таҳрири Ҳусейн Алии Бодрӣ ва Саид Фавда. Чопи якум. — Уммон: Дор ал-баёриқ, 1999. Ҷ. 5. С. 222; Омудӣ. ал-Иҳком. Ҷ. 4. С. 287.

171. Wayne Grudem. Systematic Theology. P. 124, 208, 241, 781, 1009.

Татбиқи шариати исломӣ (ё дақиқтараш, татбиқи нодурусти он) дар ин аср чӣ басо ҷузъӣ аст, на куллӣ; гуфторӣ аст, на ахлоқӣ; якҷониба аст; на ҳамаҷониба, масоилро сиёҳ ё сафед мебинад, на рангорангу гуногуншакл; ҷудогона аст, на мураккаб; бар калимоту ҷумалот такя мекунад, на аҳдофу *мақосиди шариат*. Ҳамчунин боварии аз ҳад зиёд ба "ратсионалистӣ" (ё, баръакс, "ирратсионалистии постмодернистӣ"), аз як сӯ, ва "исмат"-и ровиён ва муҷтаҳидон (ё, баръакс, "таърихият"-и матнҳои шаръӣ), аз сӯи дигарро бар ин илова намоед. Тамоми ин масоил ҷанбаи рӯҳоният ва бархӯрди дуруст бо мухолифинро заиф намуда, идеологияҳои хушунатбор, озодиҳои зоеъшуда ва сиёстаҳои золимонаро ба бор меоранд. Ба ҳамин хотир, назарияи *мақосиди шариат* дараҷаи мунозираҳои фалсафӣ дар масоили қонунгузориро мебардорад, бар фарқиятҳои таърихие, ки сабаби ихтилоф байни мазҳабҳо гаштаанд, ғолиб меояд ва ба фарҳанги сулҳ ва ҳамзистии мусолиматомез, ки дунё ба он ниёзи шадид дорад, ташвиқ менамояд. Бинобар ин, масъалаи амалӣ кардани *мақосиди шариат* бояд ҳадафи асосии тамоми мутахассисони шариат ва асосгузорони сиёсатҳои мухталиф шавад, сарфи назар аз номҳо ва мазҳабҳояшон, зеро салоҳият ва дуруст будани иҷтиҳоди онҳо ба андозаи мутобиқ будани он бо *мақосиди шариат* аст.

9 789967 089938